**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ «АКАДЕМИЯИ ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»**

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ВБД:** 343.9 (575.3)
**ТКБ: 67.99 (2Т) 8**
**С-14**

**САИДЗОДА МЕҲРУБОН АКБАРХОН**

# ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ БА ХУДКУШӢ РАСОНИДАН ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор **ШАРИПОВ Т. Ш.**

**ДУШАНБЕ – 2026**

**МУНДАРИҶА**

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ……..........................................................................................3**
**МУҚАДДИМА........................................................................................4-20**

**БОБИ 1. ТАҶРИБАИ ТАЪРИХИИ МУҚОВИМАТ БАР ЗИДДИ ҶИНОЯТҲОИ БА ХУДКУШӢ РАСОНИДАН……………...…......…21-64**
1.1. Мафҳум, сабабҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ва ба ҷамъият хавфнокии ба худкушӣ расонидан……………………………………………………….................21-32
1.2. Инкишофи қонунгузории Ҷумхурии Тоҷикистон оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан……………………….....……......32-50
1.3. Ҷавобгарӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ…………………………………….........................…....50-64
**БОБИ 2. АЛОМАТҲОИ ОБЪЕКТИВИИ ҶИНОЯТИ БА ХУДКУШӢ РАСОНИДАН.......................................................................................65-115**
2.1. Объекти ба худкушӣ расонидан.........................................................65-91
2.2. Тарафи объективии ба худкушӣ расонидан.......................................91-115
**БОБИ 3. АЛОМАТҲОИ СУБЪЕКТИВИИ ҶИНОЯТИ БА ХУДКУШӢ РАСОНИДАН......................................................................................116-149**
3.1. Субъекти ба худкушӣ расонидан.....................................................116-127
3.2. Тарафи субъективии ба худкушӣ расонидан...................................127-137
3.3. Ҷудо намудани таркиби ба худкушӣ расонидан аз дигар таркиби ҷиноятҳои монанд.........................................................................................137-149
**ХУЛОСА……………………………………………………………..150-152**
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ..........................................................................................153-154**
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)..................................................155-188**
**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ...........................................................................................189-190**

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КҶ** – Кодекси ҷиноятӣ

**КҶ ҶТ** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КМ ҶТ** – Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҶШФСР** – Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия

**ҶМШС Тоҷикистон** – Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

**КҶ ҶШС Узбекистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Узбекистон

**КҶ ҶШС Тоҷикистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

**КИМУ** – Комитети иҷроияи марказии умумироссиягӣ

**ШКХ** – Шурои комиссарони халқӣ

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**КМҶ ИДМ** – Кодекси Моделии ҷиноятии ИДМ

**КҶ ФР** – Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

**ИМА** – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

**ФР** – Федератсияи Россия

**КМ ҶТ** – Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ғ.** – ғайра

**с.** – сол

**с.** – саҳифа

**С.** – саҳифа

**қ.** – қисм

**б.** – банд

**м.** – модда

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Ҳаёти инсон аз лиҳози арзишӣ ҳолатест, ки аз ҷониби кулли ҷомеа ва ҳар инсони алоҳида ҳамчун неъмат шинохта мешавад. Ҳуқуқ ба ҳаёт дар асоси принсипҳои инсондустонаи сохтори иҷтимоӣ қарор дорад. Ба ҳамин сабаб, давлат уҳдадор аст ҳаёти шаҳрвандони худро ҳифз намояд, барои татбиқи пурраи ин ҳуқуқ шароити зарурииро фароҳам оварад, инчунин муҳити бехатар ва шоистаро барои зиндагӣ ва рушди онҳо таъмин кунад.

Дигаргуниҳое сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ташаккули давлати ҳуқуқбунёд ва барпо гардидани ҷомеаи шаҳрвандӣ амалӣ мегарданд, бо ду тамоюли ба ҳам мухолиф тавсиф мешаванд. Аз як тараф, раванди демократикунонӣ ва озодасозии ҳаёти ҷамъиятӣ мушоҳида мегардад, ки он бо татбиқи ислоҳоти мукаммали ҳуқуқӣ ҳамроҳ аст. Аз тарафи дигар, зиддиятҳои иҷтимоӣ ва мунокишаҳои байнишахсӣ шиддат мегиранд. Ин равандҳо бо афзоиши нобаробарии иҷтимоӣ, паҳншавии муносибати беэътиноёна нисбат ба арзишҳои маънавӣ, инчунин таблиғи бераҳмӣ ва зӯроварӣ ҳамроҳ мешаванд. Ҳамаи ин омилҳо ба болоравии сатҳи таҷовузкорӣ дар байни одамон мусоидат намуда, ин баъзан дар шаклҳои криминалии рафтор зоҳир мегардад.

Илова бар ин, бо пешрафти техникию технологӣ ва рушди минбаъдаи ҷомеа намудҳои қаблан номаълуме аз ҷиноятҳо ва усулҳои содир намудани онҳо ба миён меоянд. Аз ҷумла, паҳншавии васеи Интернет боиси пайдоиши шаклҳои нави рафтори худкушӣ гардидааст, ки густариши онҳо мустақиман бо зиёдшавии шумораи истифодабарандагони фаъоли шабакаи ҷаҳонӣ вобастагӣ дорад.

Мутобиқи моддаи 5-и Конститутсияи ҶТ инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ буда, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд [1]. 10-уми июли соли 2014 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон муҳтарам

Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ дар маҷлиси васеи ҳайати мушовараи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа намуда буданд, ки «Падидаи нангини худкушӣ ва сӯйиқасд ба он низ яке аз мавзуъҳои мубрами рӯз ва боиси ташвиши ҷиддии ҷомеа ва давлат мебошад. Бо вуҷуди чораҳои андешидашуда рӯй додани чунин ҳодисаҳои нангин идома дошта, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар сохтору мақомоти масъули давлатӣ дар пешгирӣ ва ошкор намудани сабабу омилҳои онҳо ҳанӯз қонеъкунанда нест» [314],

Истифодаи василаи ҳуқуқию ниҳодии ҳимояи ҳаёти ҳар кас аз ҷониби давлат, кушишҳои ташаккули фазои оштинопазир нисбати зуҳуроти муносибати бераҳмона ба ҷабрдидагон, паст задани шаъну эътибори онҳо, ки усули ба худкушӣ расонидан мебошанд, натиҷаҳои мусбати қобили интизорро ба бор намеоранд.

Чунончи, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» ҳимояи ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандонро чун вазифаҳои муҳимтарини милитсия мустаҳкам кардааст [12]. Инчунин, вазифае, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» [13] ва «Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2030» [2] барои решакан кардани он пешбинӣ шудааст, татбиқи ҳамаҷонибаро тақозо мекунад.

Маҳз аз ҳамин сабаб, қонунгузории ҷиноятӣ бо муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан, муқовимати худро ба ин зуҳуроти номатлуби ҷамъиятӣ ифода намудааст. Қонунгузории ҷиноятӣ, ки бо ёрии он давлат баттаҳдид ва хатарҳои ба ҷомеа равонагардида вокуниш мекунад ва амали ин қонунгузорӣ ба он соҳаҳои муносибатҳои ҷамъиятие паҳн мегардад, ки танзими онҳо бо истифода аз меъёрҳои ҳуқуқии соҳаи дигар басанда нест. Вобаста ба ин, нақши махсус дар пешгирии ҳодисаҳои ба худкушӣ расонидан, бояд ба воситаҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ нисбат дода шаванд.

Ислоҳотҳои ҳуқуқии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон идомадошта таҳқиқоти назариявии масоили ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро талқин мекунад. Қонунгузории ҷиноятӣ дар пайи арзиши олӣ эътироф намудани ҳаёти инсон, муқаррароти моддаи 5-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро тадбиқ мекунад.

Вобаста ба ин, аз ҷумла дар моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидани шахси дигар муқаррар шудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омори ба худкушӣ расонидан дар чунин вазъ қарор дорад: чунончи, дар соли 2019 – 632, 2020 – 483, 2021–569, 2022 – 487, 2023 – 456 ҳодисаҳои худкушӣ ва суйиқасд ба он ба қайд гирифта шуда, аз ин шумора мутаносибан дар соли 2019 – 51 ҷиноят, 2020 – 42 ҷиноят, 2021–45 ҷиноят, 2022 – 48 ҷиноят, 2023 – 48 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст [323].

Бояд дар хотир дошт, ки ракамҳои зикршуда баёнгари вазъи воқеии ҷиноятӣ ба худкушӣ расонидан намебошанд, чун ки ҷинояти мазкур бинобар номукаммалии ҳуқуқию техникии м. 109 КҶ ҶТ ва ҳам мураккабӣ ва духӯрагии таърифи худкушӣ ва тафриқабандии ба худкушӣ расонидан (м. 109 КҶ ҶТ) аз одамкушӣ (м. 104 КҶ ҶТ) хусусияти хеле пӯшида доранд.

Илова бар ин, мушкилоти бандубасти дурусти ҷиноятe, ки дар моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, дар амалия душвориҳои ҷиддиро ба миён меорад. Мушкилоти асосӣ ба исботи он вобастаанд, ки маҳз рафтори ғайриқонунии гумонбаршаванда ба оқибатҳои худкушӣ оварда расонидааст, инчунин ба душвориҳои муайян намудани дақиқи шакли гуноҳ ва зарурати фарқгузории ин ҷиноят аз таркибҳои муҷовир марбутанд, ки дар онҳо худкушии ҷабрдида метавонад яке аз натиҷаҳои эҳтимолӣ ба шумор равад.

Ҳамчунин мафҳуми «ба худкушӣ расонидан» нопурра мебошад: номуайяниҳо нисбат ба усулҳои содир намудани ин ҷиноят, инчунин норасоии дастурҳои равшани методӣ ва тавсияҳои илмӣ-амалӣ, ки имкон

диҳанд чунин кирдорҳо дуруст бандубаст карда шаванд, барои татбиқи самараноки моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоти ҷиддӣ эҷод менамоянд.

Бо ҳамин асос, аҳаммияти мавзӯи таҳқиқот бо сатҳи баланди хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти ба худкушӣ расонидан, инчунин бо душвориҳои амалияи татбиқи ҳуқуқ ва танзими қонунгузорӣ дар ин самт муайян мегардад.

Худкушӣ падидаи фоҷиабори иҷтимоию ҳуқуқӣ мебошад, ки дар бисёр ҳолатҳо натиҷаи муносибати бераҳмона, таҳдидҳо ва пастзании мунтазами шаъну эътибори ҷабрдида ба шумор меравад.

Бо вуҷуди ҷиноятӣ эътироф гардидани ин кирдор дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамоно камбудиҳо боқӣ мемонанд, аз ҷумла: нопурра будани номгӯйи усулҳои содир намудани ҷиноят; набудани таърифи дақиқи тарафи субъективии ҷиноят; инчунин нокифоя будани фарқгузории ҷавобгарӣ вобаста ба тарзи содир намудани ҷиноят.

Илова бар ин, таҷрибаи байналмилалӣ шаҳодат медиҳад, ки дар баъзе давлатҳо таркибҳои мустақили ҷиноятҳо, ки бо моилсозӣ ба худкушӣ ва ёри расонидан ба он алоқамананданд, дар қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар шудаанд, дар ҳоле ки дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин меъёрҳо пешбинӣ нашудаанд.

Ҳамаи ин ҳолатҳо ба омӯзиши амиқи илмӣ ниёз доранд. Ҳамзамон зарур аст қонунгузории ҷиноятӣ такмил дода шуда, тавсияҳои дахлдор таҳия гарданд, ки метавонанд ба татбиқи амалии самараноки қонун мусоидат намоянд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар заминаи таҳлили адабиёти махсуси монографӣ метавон баён намуд, ки масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан ба коркарди алоҳида ниёз дорад. Хусусияти комплексии таҳқиқот талаботи истифодаи доираи васеи маъхазҳои марбут ба осори маъруфи гузашта ва ҳозираи олимони ватанӣ дар соҳаи назарияи умумии ҳуқуқ, ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминологияро

тақозо месозад.

Ҷанбаи ҳуқуқии ҷиноятии ба худкушӣ расонидан дар асарҳои чунин муаллифони давраи пасошуравӣ тавассути рушди қонунгузории ҷиноятӣ инъикоси худро ёфтааст, аз қабили: Ю.А. Дмитриев [251], А.Н. Калинин [257], О.С. Капинус [101], А.Н. Красиков [131], Н. Лисак [267], Р.Б. Осокин [270], Э.Х. Тарасова [281], Ю.А. Уколова [284], Н.А. Шулепов [287], Д.И. Элмурзаев [309].

Дар баробари ин, қайд кардан ба маврид аст, ки то ҳанӯз таҳқиқотҳои бунёдӣ вобаста ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан, бандубасти ин ҷиноят, тафовути ин ҷиноят аз ҷиноятҳои дигар ва роҳҳои такмили қонунгузории ҷиноятии ҶТ, масъалаҳои пешгирии ба худкушӣ расонидан ҷой надоранд. Танҳо баъзе аз паҳлуҳои бавоситаи мавзуи таҳқиқшаванда дар умум марбут ба унсурҳои таркиби ҷиноят дар китобҳои дарсӣ оид ба ҳуқуқи ҷиноятӣ ва баъзе асарҳову мақолаҳои муҳаққиқони ватанӣ аз қабили А.А. Абдурашидзода [61], У.А. Азиззода [290], И.Ҳ. Бобоҷонзода [68], Н.А. Ғаффорӣ [81], М.М. Муллоев [153], Р.Ҳ. Раҳимзода [163], Ҳ.С. Салимов [164], А.И. Сафарзода [236], Ҳ.С. Сафаров [182], К.Ҳ. Солиев [188], Ф.Т. Тоҳиров [302], А.Г. Холиков [228], С.Ҳ. Ҳусейнзода (С.Ҳ. Ҳусейнов) [166], Т.Ш. Шарипов [235] ва Ф.Р. Шарифзода [237] инъикоси худро пайдо намудааст.

Бо вуҷуди ин, маъхазҳо бо соҳаҳои ҳуқуқии конститутсионӣ ва дигар соҳаҳои ҳуқуқии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи тиб дар мавзӯи мавриди назар қарордошта мувофиқат намекунанд. Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии аломатҳои объективӣ ва субъективӣ инчунин равишҳои бандубасткунии ба худкушӣ расонидан баҳсбарангез мебошанд. Бо вуҷуди зиёд будани миқдори корҳои илмӣ, таҳқиқи комплексии масоили ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан гузаронида нашудааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо лоиҳаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи Академияи ВКД

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тибқи нақшаи фаъолияти илмӣ-тадқиқотии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҷиноятҳои хусусияти террористӣ, экстремистӣ, гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар ва коррупсионидошта» ва «Такмили фаъолияти маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва ҷинноятӣ-ҳуқуқии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила 2023-2027» алоқаманд мебошад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот**. Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ аз гузаронидани таҳлили илмии ҳамаҷонибаи таркиби ба худкушӣ расонидан, таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили меъёри қонунгузории ҷиноятӣ, ки ҷавобгариро барои ба худкушӣ расонидан пешбинӣ менамояд ва амалияи татбиқи онро фарогир аст, иборат мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Дар робита ба мақсади таҳқиқот, ҳамзамон доираи муайяни вазифаҳо низ муқаррар шудаанд, ки ҳалли назариявӣ ва амалии онҳо мазмуну муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро ташкил медиҳанд. Аз ҷумла:

– ба таври муфассал омӯзиши моҳият ва сабабҳои иҷтимоии ҷорӣ гардидани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– муайян намудани заминаҳои таърихӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин муайян кардани марҳилаҳои асосии ташаккули қонунгузорӣ оиди ба худкушӣ расонидан ҳамчун ҷиноят;

– таҳлили санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ ва қонунгузории давлатҳои хориҷӣ, ки масъалаҳои пешгирии ҳолатҳои ба худкушӣ расониданро танзим менамоянд, бо мақсади ошкор намудани механизмҳои самараноки ҳуқуқие, ки метавонанд ба низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шаванд;

– додани тавсифи ҳуқуқӣ- ҷиноятии таркиби ҷинояти ба худкушӣ расонидан;

– муайян намудани меъёрҳои фарқгузории ба худкушӣ расонидан аз ҷиноятҳои ба он аз рӯи аломатҳо наздик;

– коркард ва таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили танзими қонунгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқот он муносибатҳои ҷамъиятие ба шумор мераванд, ки ҳангоми ба худкушӣ расонидани ҷабрдида ё сӯиқасд ба он вайрон карда шудаанд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогири вазъи қонунгузории ҷиноятӣ, маълумот оид ба таҷрибаи тафтишотӣ ва судӣ дар бораи ҷавобгарӣ барои ба худкушӣ расонидан, санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлатҳои хориҷӣ, ақидаҳои назариявӣ ва коркардҳои илмӣ дар ин самт мебошад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот)**. Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бо мақсади низомнок, пурра ва ҳамаҷониба таҳқиқ намудани масъалаҳои ба худкушӣ расонидан: масоили ҷавобгарии ҷиноятии ба худкушӣ расонидан, таърихи падидаи мазкур, таҳлили қонунгузории давлатҳои хориҷӣ ва унсурҳои таркибии ҷиноят диққати ҷиддӣ дода шуда, танзими ҳуқуқи ҷиноятии он шуруъ аз соли 2016 то ин ҷонибро дар бар мегирад. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогирандаи солҳои 2016-2025 мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** корҳои илмии олимони ватанӣ аз қабили А.А. Абдурашидзода, У.А. Азиззода, И.Ҳ. Бобоҷонзода, Н.А. Ғаффорова, М.М. Муллоев, Р.Ҳ. Раҳимзода, Ҳ.С. Салимов, А.И. Сафарзода, Ҳ.С. Сафаров, К.Ҳ. Солиев, Ф.Т. Тоҳиров, А.Г. Холиков, С.Ҳ. Ҳусейнзода, Т.Ш. Шарипов ва Ф.Р. Шарифзода ташкил медиҳанд.

Масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятии ба худкушӣ расонидан дар корҳои олимони хориҷии соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология, аз қабили Г.Н.

Борзенков, А.Н. Варигин, С.В. Векленко, Г.В. Верина, Л.Д. Гаухман, А.Я. Гришко, А.И. Гуров, А.Е. Жалинский, И.Е. Звечаровский, Н.Г. Кадников, Ю.А. Красиков, В.С. Комиссаров, В.Н. Кудрявтсев, Н.Ф. Кузнетсова, Н. Лейкина, Т. Лесниевский-Костарева, Н. Лопашенко, В. Малков, Г.М. Минковский, К.К. Панко, В.Г. Павлов, А.А. Пионтковский, Е.Ф. Побегайло, Б.Т. Разгилдиев, А.И. Рарог, Л.В. Сердюк, А.Н. Треинин, Н. Тагантсев, А.Н. Тарбагаев, В.В. Трухачёв, Н. Шулепов ва дигарон, ташкил додаанд. Вобаста ба масъалаҳои таҳқиқот монографияҳо, китобҳои дарсӣ, мақолаҳои илмӣ, фишурдаҳои конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ мавриди омӯзиш ва натиҷагирӣ қарор гирифтаанд.

Асоси меъёрии таҳқиқотро соҳаҳои қонунгузории конститутсионӣ, ҷиноятӣ ва дигар соҳаҳои қонунгузории ҶТ ташкил медиҳанд. Дар кор, инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷиноятӣ, ки эътибори худро гум кардаанд, қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ истифода шудаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асоси методологии таҳқиқоти дисертатсиониро усули диалектикии дарки зуҳуроти иҷтимоӣ ташкил медиҳад. Ба сифати усулҳои умумии илмӣ усули таҳлил, синтез, дедуксия, индуксия, усули системӣ ва сохторӣ истифода бурда шудаанд. Дар ҷараёни таҳқиқ усулҳои хусусии илмии зерин истифода бурда шудаанд. Усули муқоисаи таърихӣ, ки таҳлили инкишофи қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистонро дар бораи ҷавобгарӣ барои ба худкушӣ расонидан дар назар дорад; муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, ки аз таҳлили муқоисавии ҷавобгарӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории давлатҳои хориҷӣ иборат аст; усули оморӣ, ки аз ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилооти оморӣ, миқдори ҷиноятҳои пешбининамудаи м. 109 КҶ ҶТ дар ҳоли тағйирёбии онҳо иборат аст; усули мушаххаси сотсиологӣ, ки зимни гузаронидани пурсиши хаттии кормандони

мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, адвокатҳо, инчунин пурсиши мухотабон истифода бурда мешавад; усули расмии мантиқи**,** ки аз таҳлили аломатҳои таркиби ба худкушӣ расонидан бо таваҷҷуҳ ба амалияи судию тафтишотии мавҷуда иборат аст ва ғайраҳо.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Асоси эмпирикии таҳқиқотро маълумотҳои омории Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2023 оид ба ҷиноятҳои ба қайд гирифташуда тибқи м. 109 КҶ ҶТ, омӯзиши маводи тафтишотии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҶТ оид ба худкушӣ расонидан, инчунин парвандаҳои ҷиноятие, ки дар судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудаанд, ташкил медиҳанд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки бори аввал кирдорҳои пешбининамудаи моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври комплексӣ мавриди омӯзиш қарор мегиранд. Нововарии илмии таҳқиқот бо консепсияи муаллифии таҳлили аксари мушкилот, низоммандсозӣ ва дақиқсозии як қатор мавқеъҳои устувори назариявӣ, инчунин таҳияи таърифҳо ва пешниҳодҳои нави муаллифӣ муайян мегардад, ки қаблан дар илми ҳуқуқи ватанӣ мавҷуд набуданд.

Нововарии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар хулосаҳои мушаххаси назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ ифода меёбад, ки бори аввал пешниҳод шудаанд.

Рисолаи илмӣ аз навгониҳои зерин иборат аст:

– аз мавқеи илмӣ таҳлили таърихии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан анҷом дода шудааст, ки ин имкон дод марҳилаҳои рушди қонунгузории ҷиноятӣ ҷудо карда шаванд;

– муҳтавои унсурҳои таркиби ҷинояти ба худкушӣ расонидан, аз ҷумла аломатҳои объективӣ ва субъективие, ки ин кирдорро тавсиф менамоянд, ошкор карда шудааст;

– таҳлили муфассали муқоисавӣ-ҳуқуқии таҷрибаи хориҷӣ дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидани шахс гузаронида шудааст. Равишҳои қонунгузории давлатҳои гуногун нисбат ба бандубасти ин ҷиноят

баррасӣ гардида, хусусиятҳо ва фарқиятҳои танзими меъёрӣ муайян шудаанд. Дар асоси таҳлили анҷомдодашуда имконият ва мувофиқати истифодаи баъзе муқаррарот ва меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии хориҷӣ дар ҷараёни ислоҳ ва такмили меъёрҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гардидааст;

– дар кори илмӣ муаллиф субъекти ҷинояти ба худкушӣ расониданро ҳамаҷониба таҳлил намуда, дар қисми хотимавии диссертатсия тавсияҳои мушаххас пешниҳод кардааст.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Таҳқиқоти илмии анҷомпазируфта имкон медиҳад, ки чунин нуқтаҳо ба ҳимоя пешкаш карда шаванд:

**I. Пешниҳодҳое, ки хусусияти назариявӣ доранд:**

1. Бори аввал консепсияи ҳифзи бисёрзинагии шахсият дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст. Мувофиқи ин консепсия, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи ҳамаҷонибаи инсонро ҳам ҳамчун мавҷуди биологӣ ва ҳам ҳамчун мавҷуди иҷтимоӣ таъмин менамояд: ҳамчун мавҷуди биологӣ: тавассути муқаррар намудани манъҳо нисбат ба таҷовуз ба вазифаҳои ҳаётан муҳими организм, тамомияти ҷисмонӣ, мустақилияти ҷинсӣ ва озодии ҳаракат; ҳамчун мавҷуди иҷтимоӣ: тавассути кафолат додани ҳифзи обрӯ ва эътибор, ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ, озодиҳои иқтисодӣ ва дигар кафолатҳои конститутсионии шахсият.

– Объекти намудии ҷиноятe, ки дар моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки ҳифзи ҳуқуқи инсонро ба ҳаёт таъмин менамоянд. Ин муносибатҳо ба муҳофизати инсон аз ҳар гуна кирдорҳои ғайриқонунӣ, ки ба ҳаёти ӯ таҳдид эҷод мекунанд, равона гардидаанд.

– Объекти асосии бевоситаи ин ҷиноят (моддаи 109 КҶ ҶТ) он муносибатҳои ҷамъиятӣ ба шумор мераванд, ки имконияти шахсро барои мустақилона ихтиёрдорӣ намудани ҳаёти худ таъмин намуда, ҳамзамон ҳаёти

ӯро аз дахолати беруна ҳифз мекунанд. Ба ибораи дигар, кирдори ҷиноятии мавриди баррасӣ ба яке аз неъматҳои бунёдии шахс –ҳуқуқи ҷудонопазири ӯ ба ҳаёт ва ба худмуайянкунии сарнавишти шахсӣ, ки бо тартиботи ҳуқуқӣ кафолат дода шудааст, таҷовуз менамояд.

Ҳамзамон, ҳамчун объекти иловагии ҷиноят шаъну эътибори шахсият баромад мекунад, ки дар ҷараёни содир намудани кирдор ба он таъсири харобиовари равонӣ расонида мешавад. Чунин таъсир метавонад ба оқибатҳои манфии иҷтимоӣ-психологӣ, ахлоқӣ ва ҳатто сиёсӣ-психологӣ оварда расонад, ки тамомияти шахсияти ҷабрдидаро халалдор месозанд. Ҳамин тариқ, таъсири ғайриқонуние, ки зери диспозитсияи моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мегирад, на танҳо ба ҳаёт ва мутсақилияти шахсии инсон зарар мерасонад, балки ба арзишҳои ғайримоддии ӯ – шаъну эътибор низ осеб мерасонад. Ин ҳолат зарурати ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҳар дуи ин ҷанбаҳоро асоснок менамояд.

– Пешниҳод гардидааст таърифи муаллифии худкушӣ ҳамчун навъи махсуси рафтори ғайриахлоқии шахсият, ки моҳияти он дар қатъи ихтиёрӣ ва огоҳонаи ҳаёти худ ифода меёбад. Ин кирдор аз ҷониби инсон зери таъсири омилҳои манфии равонӣ ё ҳолатҳои беруна содир мегардад, ки дар натиҷаи таъсири муҳити атроф ба вуҷуд омада, дар вайроншавии тавозуни эҳсосии дохилӣ, ҳолати равонӣ ва самтгириҳои ахлоқии шахс зоҳир мешаванд.

2. Зери мафҳуми «ба худкушӣ расонидан» бояд кирдорҳои ғайриқонунии шахс фаҳмида шаванд, ки дар шакли таҳдидҳои мунтазам, истифодаи фишори равонӣ ё зӯроварӣ, пастзании такрории шаъну эътибори инсон, инчунин фароҳам овардани шароити аз ҷиҳати равонӣ вазнин ифода меёбанд. Ин гуна кирдорҳо ҷабрдидаро водор месозанд, ки қарорҳои огоҳона дар бораи маҳрум сохтани худ аз ҳаёт қабул намояд ё ба содир намудани кӯшиши чунин амал даст занад.

3. Қонунгузории як қатор давлатҳо шаклҳо ва усулҳои гуногуни иштироки шахсро дар содир намудани худкушӣ муқаррар менамояд. Аз

ҷумла, дар баъзе давлатҳо кирдорҳои вобаста ба моилсозӣ ба худкушӣ ҳамчун таркиби мустақили ҷиноят пешбинӣ шудааст, ки ин амали асоснок ба шумор меравад. Бо назардошти ин, пешниҳод мегардад, ки ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи мустақил дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои моилсозӣ ба худкушӣ ё мусоидат дар содир намудани он ворид карда шавад. Ин модда метавонад дар таҳрири зерин ифода гардад:

«Моддаи 109[1]. Моилсозӣ ба худкушӣ ё мусоидат дар содир намудани он

Моилсозӣ ба худкушӣ – таъсири қасдонаи равонӣ ба шуури шахси дигар тавассути эътиқод, талқин ё дигар усулҳои психологӣ, дар ҳолате ки аломатҳои ба худкушӣ расонидан, ки дар моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, мавҷуд нестанд.

Мусоидат дар худкушӣ – додани тавсияҳо, маслиҳатҳо, иттилоот, инчунин пешниҳод намудани воситаҳо ё ашёе, ки барои содир намудани худкушӣ истифода мешаванд, ё анҷом додани дигар амалҳое, ки шахсро ба маҳрум сохтани ихтиёрии худ аз ҳаёт таҳрик медиҳанд».

– Бо назардошти таҷрибаи қонунгузории давлатҳои пасошуравӣ, мувофиқ мебуд, ки номгӯйи ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷавобгарӣ барои ба худкушӣ расонидан васеъ карда шавад ва ба он ҳолатҳои зерин шомил гарданд:

– дар ҳолати ошкоро оҷиз будани ҷабрдида;

– содир намудани ин ҷиноят нисбат ба ду ё зиёда ҷабрдида;

– содир намудани ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё гурӯҳи муташаккили ҷиноятӣ;

– содир намудани ҷиноят бо истифода аз шабакаҳои телекоммуникатсионӣ, аз ҷумла шабакаи Интернет.

– Бо мақсади тақвияти таъсирнокии танзими ҳуқуқӣ – ҷиноятӣ ва баланд бардоштани самаранокии мубориза бо ҷиноятҳои марбут ба ба худкушӣ расонидан, муаллиф пешниҳод менамояд, ки диспозитсияи моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи васеъ намудани номгӯйи

кирдорҳои манъшуда такмил дода шавад. Аз ҷумла, пешниҳод мегардад, ки ҳамчун шаклҳои мустақили содир намудани ин ҷиноят чунин кирдорҳо пешбинӣ гарданд, ба мисли: фишори равонӣ бо истифода аз таҳдидҳо, тӯҳмат (бӯҳтон), таҳқири мунтазам, паҳн намудани маълумоти таҳқиромез нисбат ба шахсияти ҷабрдида, тарсондан ва дигар шаклҳои таъсири равонӣ. Ин икдом имкон медиҳад, ки ҳифзи самараноки ҷабрдидагон аз чунин кирдорҳои ғайриқонунӣ таъмин карда шавад.

– Пешниҳод мегардад, ки моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо муқаррароти нав пурра карда шавад, ки ҷавобгариро барои ба худкушӣ расонидан тибқи қисми 1 ҳамин модда, агар он аз рӯи ангезаҳои ғаразнок содир шуда бошад, пешбинӣ намояд. Чунин кирдорҳо ҳамеша бо қасди бевосита содир мегарданд, зеро гунаҳгор дарк менамояд, ки танҳо баъди вафоти ҷабрдида метавонад ба молу мулк, маблағҳои пулӣ, дигар неъматҳои моддӣ соҳиб шавад ё аз вобастагии моддӣ нисбат ба ҷабрдида халос гардад. Ҷорӣ намудани чунин меъёр ба мубориза самараноктар бо ҷиноятҳои дорои ангезаҳои ғаразнок мусоидат хоҳад намуд.

4. Барои ноил шудан ба ягонагӣ ва дақиқии бандубасти кирдорҳо тибқи моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мувофиқи мақсад аст, ки қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва қабул гардад. Дар он бояд тавсияҳо ва шарҳҳои равшан оид ба аломатҳои ин ҷиноят дода шаванд, аз ҷумла нисбат ба шакли гуноҳ, муҳтавои усулҳои содир намудани ҷиноят, аломатҳои ба худкушӣ расонидан, ки онро аз таркибҳои муҷовир фарқ мекунанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки хулосаҳо, тавсияҳо ва муқаррароти илмии пешниҳоднамудаи муаллиф заминаи назариявии донишҳоро оид ба ҷанбаҳои ҳуқуқӣ–ҷиноятии ҷавобгарӣ барои ба худкушӣ расонидан ба таври назаррас амиқ ва рушд медиҳанд, имкон медиҳанд равишҳо нисбат ба бандубаст, фарқгузорӣ ва дарки моҳияти ин ҷиноят аз нав баррасӣ

гарданд. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд аз ҷониби дигар муҳаққиқон дар таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ, ки ба масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои кирдорҳои ҳаммонанд бахшида шудаанд, инчунин ҳангоми ҳалли вазифаҳои мубрами назариявӣ ва амалӣ дар соҳаи танзими ҳуқуқӣ –ҷиноятӣ истифода шаванд.

Муқаррароти асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои таҳиянамудаи муаллиф дар диссертатсия метавонанд дар самтҳои зерин татбиқи амалии худро пайдо намоянд:

– дар фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ – ҳангоми омӯзиши минбаъдаи мушкилоти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан, инчунин ҳангоми таҳияи масъалаҳои назариявие, ки ба дигар ҷиноятҳои муҷовир, вобаста ба ҳаёт, саломатӣ ва дахлнопазирии шахсияти инсон марбутанд;

– дар фаъолияти қонунэҷодӣ: ҳангоми таҳия ва такмили меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама моддаи 109, инчунин дигар муқаррарот, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои ҷиноятҳо муқобили ҳаёт ва саломатӣ танзим менамоянд;

– дар соҳаи ҳуқуқтатбиққунӣ, ҳамчун асоси методӣ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокӣ ва ягонагии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судҳо ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба ба худкушӣ расонидан ва бандубасти дурусти ин кирдорҳо;

– дар соҳаи таълимӣ-методӣ ва маориф: ҳангоми омода намудани маводи таълимӣ, дастурҳо ва тавсияҳои методӣ, баргузории машғулиятҳои таълимӣ ва тренингҳо барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин дар раванди таълими фанҳои ҳуқуқӣ– ҷиноятӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва муассисаҳои такмили ихтисос.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсия тавассути истифодаи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, таҳлили қонунгузории ватанӣ ва хориҷӣ, омӯзиши адабиёти умумӣ ва махсус оид ба мавзуи таҳқиқот ва рисолаҳои як қатор олимон, ки нуқтаҳои назари

илмии муосирро дар бораи ба худкушӣ расонидан инъикос менамоянд, ба даст оварда шудааст. Натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо ва тавсияҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешбинигардида, дар асоси манбаи қонунгузорӣ ва амалияи судӣ анҷом дода шудааст.

Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсия аз истифодаи заминаҳои васеи таҷрибавӣ, ки дар шакли маълумотҳои гуногуни оморӣ, ҷамъбасти маводи таҷрибаи судӣ ва таҳлили зиёда аз яксаду шаст парвандаҳои ҷиноятӣ оварда шудаанд, бармеояд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти рисолаи илмӣ ба он хотир эътимодноканд, ки онҳо дар асоси таҳлили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра ба даст омадаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025, таҳти №10 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**. Дар рафти таҳқиқоти рисола санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, сарчашмаҳои таърихӣ, қонунгузории ҷиноятии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан ба қадри кофӣ омӯхта шудааст. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот бо он муайян карда мешавад, ки натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, таклифу пешниҳодҳо ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, метавонанд дар ҷодаи рушду такмили қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан, инчунин амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ саҳми назаррас дошта бошанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2

Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардида, дар ҷаласаҳои кафедра мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷаллаву маҷмуаҳо ба нашр расидаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои зерин ба тариқи маъруза пешниҳод гардидаанд:

**а) байналмилалӣ:**

– Конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» – маърӯза дар мавзуи «Ҷавобгарӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ» (29-уми апрели соли 2022);

– Конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» – маърӯза дар мавзуи «Тамоюлҳои асосии илмӣ перомуни мафҳум ва моҳияти объекти ҷинояти ба худкушӣ расонидан» (18-уми апрели соли 2025).

**б) ҷумҳуриявӣ:**

– Конфренсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муосир ва рушд» – маърӯза дар мавзуи «Ҷудо намудани таркиби ҷинояти ба худкушӣ расонидан аз дигар таркибҳои монанд» (21-уми майи соли 2025).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия** Оид ба муҳтавои диссертатсия 10 мақолаи илмӣ нашр гардидааст, ки 7 адади онҳо дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид буда, 3 мақола дар нашрияҳои ватанӣ бо забонӣ тоҷикӣ интишор гардидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯйи ихтисорот ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб ва ҳашт зербоб, хулоса ва рӯйхати

адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 190 саҳифаро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. ТАҶРИБАИ ТАЪРИХИИ МУҚОВИМАТ БАР ЗИДДИ ҶИНОЯТҲОИ БА ХУДКУШӢ РАСОНИДАН

## 1.1. Мафҳум, сабабҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ва ба ҷамъият хавфнокии ба худкушӣ расонидан

Дар ҷаҳони муосир арзёбии ҳуқуқ ҳамчун як унсури универсалӣ ва талаботи умумӣ дар бахши озодии шахс ба таври васеъ эътироф шудааст. Дар ин замина, ҳуқуқи инсон танҳо як категорияи давлатӣ-ҳуқуқӣ набуда, балки мафҳуми иҷтимоӣ низ ба ҳисоб меравад. [227, 35] Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз давлатҳо талаб мекунад, ки нисбати муносибат бо шаҳрвандон ҷавобгар бошанд ва амалҳои онҳо мутобиқ ба меъёрҳои байналмилалӣ арзёбӣ шаванд. Ҷараёни демократикунонии ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти амиқи назариявӣ ва арзёбии сабабҳои мубрами масъалаҳои ҳуқуқиро дар робита ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд талаб мекунад. Қонунгузории ҷиноятӣ талаботи м. 5 ва дигар моддаҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро арзиши олӣ эътироф менамоянд, татбиқ мекунад. Бо вуҷуди ин, ҳангоми амалисозии меъёрҳои мазкури конститутсионӣ ва м.109 КҶ ҶТ , дар қонунгузорӣ тафсирҳои мухталиф ҷой доранд.

Файласуфи олмонӣ И. Кант таъкид кардааст, ки давлат бояд тамоми имкониятҳоро барои ҳимояи ҳуқуқҳои инсон фароҳам орад [100, с. 251]. Ҳуқуқи инсон ба ҳаёт тавассути эҷоди шароити арзанда ва таъмини амнияти шаҳрвандон ҳифз мешавад. Дар ҳолате ки давлат наметавонад талаботи асосии иҷтимоии инсонро таъмин кунад, оқибатҳои ғайримустақими он метавонанд ба ноумедӣ ва ҳатто ҳолатҳои худкушӣ оварда расонанд [257, с. 34-37].

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ мафҳумҳои гуногуни ба худкушӣ расонидан дода шудааст. Масалан, ба андешаи С.Б.Сидоров ва В.Б. Михопаркин «ба худкушӣ расонидан ҳаракатҳои иғвогаронаи гунаҳгорро

ифода менамояд, ки рафтори виктимии ҷабрдидаро ба вуҷуд меорад. Оқибати умумии рафтори иғвогарона ва мутаносибан ҳаракатҳои виктимии субъектҳои зикршуда марги ҷабрдида ҳисоб мешавад. Марги ҷабрдида оқибати бевосита ҳаракатҳои қасдонаи ӯ мебошад, ки дар навбати худ онро бевосита ҳаракатҳои гунаҳгоронаи иғвогарӣ ба худкушӣ расонидан ба вуҷуд овардааст [278, с. 94]. Таърифи мазкур ба худкушӣ расониданро на аз назари ҳуқуқи ҷиноятӣ, балки бештар аз назари криминологӣ тавсиф медиҳад. Вобаста ба таърифи мазкур бояд зикр намуд, ки боиси худкушӣ мумкин аст, ҳаракатҳои қонунӣ ва бетараф низ гарданд (масалан, қатъ намудани муносибатҳои ҷинсӣ, хиёнати ҳамсар, ҷудошавии оила, аз кор озод кардан ва ғайра). Ғайр аз ин дар таърифи зикршуда кирдор дар шакли беэҳтиётӣ аз доираи он берун монадааст. Ҳол он ки боиси худкушӣ мумкин аст, беҳаракатии шахси дигар бошад, масалан, наандешидани чораҳои зарури тиббӣ (бо доруворӣ таъмин намудан, ташкили гузаронидани хизматрасониҳои тиббӣ), пешниҳод накардани воситаҳои таъминот (манзил, сару либос, хурока) аз ҷониби шахсе, ки уҳдадор буд нисбати ҷабрдида ғамхорӣ зоҳир намояд.

Бо назардошти ин, ба андешаи мо ба худкушӣ расонидан на ҳаракат балки кирдор буда ҳам дар шакли ҳаракат ва ҳам беҳаракатӣ ифода гардида метавонад.

А.А. Сиркалюк чунин таърифи ба худкуши расонидаро додааст: «Ба худкушӣ расонидан – моил кардан ба худкушӣ бо роҳи таҳдид, муносибати бераҳмона ё ба таври мунтазам паст задани обруву эътиборӣ ҷабрдида, багапдарорӣ, харидан, фиреб, инчунин мусоидат кардан ба содиршавии худкушӣ бо маслиҳат, нишондод, додани маълумот, восита ё олоти содир намудани ҷиноят» [306, с. 31-32].

Ба худкушӣ расонидан ба андешаи Ю.А. Уколова бояд кирдорҳое ҳисоб шаванд, ки ба расонидани азоби ахлоқӣ ва ҷисмонӣ равона гардида, агар онҳо ба таври мунтазам нисбати ҳамон як шахс дар доираи вақте содир шаванд, ки

ӯ эҳсоси таъсиррасонии дарднокро фаромӯш накарда бошад [304, с. 114]. Бо чунин мафҳуми бахудкушӣ расонидан пурра розӣ буда наметавонем. Якум, ин мафҳум ба ҳолатҳое ишора мекунад, ки одатан бо сабаби марги ҷабрдида муайян кардан ғайриимкон аст.

Дуюм, мафҳуми пешниҳодшуда мафҳуми дигари арзёбишавандаро дар бар мегирад, ки дар ҳуқуқи ҷиноятӣ мавҷуд нест, ба монанди «доираи вақт», инчунин, имконияти муайян кардани «эҳсоси таъсиррасонии дарднок» дар шахсе, ки худкушӣ кардааст, ғайриимкон мебошад.

Ба андешаи мо вобаста ба меъёри м.109 КҶ ҶТ бахудкушӣ расониданро метавон чунин таъриф дод: «кирдори қасдонаи зиддиҳуқуқие, ки дар таҳдид, муносибати бераҳмона ва мунтазам паст задани обрӯ ва эътибори шахс ифода ёфта, зери таъсири он ҷабрдида ба қарори худкушӣ намудан омада, ин қарори худро амалӣ намудааст.

Баррасии сабабҳои иҷтимоию ҳуқуқии ҷинояти пешбининамудаи м.109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, хавфи ҷамъиятии он ва зарурати таҳлили криминализатсия ва декриминализатсия, бешубҳа, ба манфиати таҳқиқоти ҳуқуқӣ мебошад. Тибқи таърифи А.В. Наумов, «криминализатсия – ин эътирофи қонунгузории кирдорҳои муайян ҳамчун ҷиноят ва таъйини ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир кардани онҳо мебошад. [157, с. 161].

Ба андешаи А.И. Карабоев, криминализатсия равандест, ки шаклҳои хавфноки рафтори инфиродиро муайян карда, имконият ва зарурати мубориза ҳуқуқӣ бо онҳо ва танзими онҳо дар қонунгузорӣ ҳамчун ҷиноятро муайян менамояд [186, с. 82].

Доираи кирдорҳои хавфнок барои ҷамъият ҳамеша яксон намемонанд ва вобаста ба тағйироти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ метавонанд дигар шаванд. Дар давраҳои муайян баъзе кирдорҳо ҳамчун ҷиноят эътироф мешаванд, ки ин раванд криминализатсия номида мешавад [163, с. 90].

Мафҳуми «декриминализатсия» аз ҷониби як қатор олимон муайян карда шудааст [130, с. 59; 186, с. 82; 157, с. 161]. Чунончӣ, ба андешаи И.Г.

Рогозина декриминализатсия эътироф намудан ин аст, ки кирдор аломати ба ҷамъият хавфнокиашро, ки аз рӯи зарари ба ҷамъият расонидааш муайян мегардад, гум кардааст. Муҳаққиқи соҳа Н.А. Лопашенко таҳти мафҳуми декриминализатсия истисно намудани ҷавобгарии ҷиноятиро барои кирдоре, ки қаблан ҷиноят ва сазовори ҷазо буд, дар мадди назар дорад [145, с. 132].

Ба ҳамин монанд, мафҳуми декриминализатсияро Т.Қ. Қодирзода чунин шарҳ додааст: Кирдорҳое, ки ба ҷамъият хавфнокии худро гум карда, ҷиноят эътироф намешаванд – декриминализатсия номида мешавад.

Таҳлили мавқеи олимон оид ба асосҳо ва принсипҳои криминализатсия имкон медиҳад, ки се принсипи дар адабиёти ҳуқуқӣ бештар назаррасро вобаста ба ин мавзуъ ҷудо кунем: **барои ҷомеа кофӣ будани хавфнокӣ, паҳншавии кирдор, таносуби оқибатҳои мусбӣ ва манфии криминализатсия** [135, с. 22]**.**

Ба андешаи мо ҳар кадоме аз ин истилоҳотро нисбат ба кирдори ба ҷамъият хавфнок, ки дар м. 109 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, мавриди барраси қарор додан аз манфиат холи нест.

Принсипи асосии криминализатсия, ки дар мавриди ҷинояти расондан ба худкушӣ таҳлил мешавад, зарурати кофии хавфнок будани кирдор барои ҷомеа мебошад. Тибқи ин принсип, ҷиноят донистани кирдор танҳо вақте асоснок аст, ки он ба арзишҳои ҳимояшавандаи қонун зарари ҷиддӣ расонад ва барои ҷомеа ба дараҷае хатарнок бошад, ки татбиқи чораҳои сахти ҳуқуқии давлатӣ ногузир гардад.

«Кирдор танҳо дар сурате метавонад қонунан криминализатсия шавад, ки хавфи он барои ҷомеа ба андозаи кофӣ баланд бошад» [94, с. 246].

Тибқи андешаи устувор дар муҳити илмӣ, хавфи ҷамъиятӣ дар ҳамаи унсурҳои таркибии ҷиноят ифода меёбад. Ҳарчанд мазмуни асосии он пеш аз ҳама ба расонидани зарари ҷиддӣ ба манфиатҳои ҷомеа ё таҳдиди чунин зарар марбут аст [146, с. 58].

Зараре, ки ба объекти ҷиноят расонида мешавад, оқибатҳои хавфноки ҷамъиятиро ба вуҷуд меорад, зеро он ба муносибатҳои аз ҷониби қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда таҳдид мекунад ё онҳоро вайрон месозад. Оқибати ҷиноят ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ дорои аломатҳои махсуси худ, яъне зарари ҷиддие, ки ба объекти аз тарафи қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда расонида шудааст ва меъёри ҷиноятӣ-ҳуқуқиаш ба сифати аломати тарафи объективии ҷиноят нишон дода шудааст, мебошад.

Унсурҳои ҳатмии таркиби ҷинояти пешбининамудаи м. 109-и КҶ ҶТ оқибат дар шакли худкушӣ ё суиқасд ба он мебошад.

Худкушӣ калимаи тоҷикӣ буда, истилоҳи умумиэътирофшудаи он дар ҷаҳон **суитсид** мебошад. Суитсид аз калимаи лотинии **sui**-худ **caedere**-куштан гирифта шуда, маънояш қасдан худро аз ҳаёт маҳрум кардан мебошад [175, с. 313].

Муносибат ба худкушӣ дар тули таърих чандин маротиба тағйир ёфта, бо назари ин ё он иттиҳоди иҷтимоӣ-фарҳангӣ нисбати мафҳуми марг алоқамандӣ дорад. Маҳз ҳамин фарқияти муносибати давлат, ҳуқуқшиносон, руҳониён, файласуфон, табибон ва мардуми оддиро ба марг муайян мекард.

Истилоҳи суитсидро сотсиолог ва файласуфи фаронсавӣ Давид Эмил Дюргейм ба таври васеъ муайян карда, сад сол пеш мафҳуми худкуширо чунин ифода кардааст: «... ҳама гуна ҳодисаҳои марге, ки дар натиҷаи амалӣ мусбӣ ё манфии худи ҷабрдида, бевосита ё бавосита содир шудааст, агар худи ҷабрдида натиҷаи пешбинигардидаро медонист» [154, с. 79].

Ҳамин мафҳумро суитсидологи дигар Морис Фарбер возеҳу равшантар чунин шарҳ додааст: «Худкушӣ ин дидаву дониста, қасдан ва зуд аз ҳаёт маҳрум кардани худ мебошад».

Дар қонунгузории ҷиноятии ҶТ худкушӣ муайян набуда, ҳатто манъи чунин амал ифода наёфтааст, дар робита ба ин новобаста аз он, ки ин кирдор дар бештари кишварҳо ҳамчун зуҳуроти номатлуби иҷтимоӣ баррасӣ карда шуда, худкушӣ ва суйиқасд ба он аз нуқтаи назари табиати ҳуқуқӣ дар

тамоюли тағйирёбӣ қарор дошта, худкушӣ ҷиноят ҳисобида намешавад [259, с. 263-274].

Сабаби чунин баҳо додан ба амали худкуширо аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ муҳаққиқи дигар Ч. Бекария низ шарҳ додааст: «Худкушӣ ҷиноятe мебошад, ки тибқи он чунин ба назар мерасад, ки ҷазо ба маънии аслаш татбиқ карда намешавад, чун ки он ё ба ҷисми бегуноҳ ё ба ҷисми беҷони сард зарар мерасонад» [66, с. 354-355].

Равиши бештар соддакардашуда ба худкуширо Э. Ферри муайян кардааст, ки он «маҳкумкунии ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ ба худкуширо боқимондаи замони гузашта меҳисобид».

Ж.П. Марат ҷазои худкуширо ҳамчун «амали шадиди зулм» [148, с. 77] арзёбӣ намуда, имконияти пешгирӣ намудани ин амалро ба масъулияти мақомоти дахлдори давлатӣ алоқаманд медонад.

Ба қавли криминалисти маъруф И.Я. Фойнитский «танҳо аз ҳаёт маҳрум кардани шахси дигар метавонад сазовори ҷазои ҷиноятӣ бошад, барои он ки дар аҳкоми динӣ **«накуш»** сухан оиди худкушӣ намеравад» [227, с. 11].

Бар зидди ақидаи сазовори ҷазо будани амали худкушӣ назариячиёни ҳуқуқи ҷиноятӣ низ изҳори ақида кардаанд. Аз он ҷумла, В.Д. Набоков сазовори ҷазо будани амали худкуширо дар илми ҳуқуқшиносӣ бепоя мешуморад [155, с. 14].

Ҳамин тариқ, моҳияти худкушӣ аз бо дасти худ худро аз ҳаёт маҳрум кардан иборат аст.

Баръакси худкушӣ ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷавобгариро барои ба худкушӣ расонидан пешбинӣ менамояд, зеро он хавфи калони ҷамъиятӣ дорад чун, ки он ба ҳаёти шахси дигар суйиқасд менамояд, хусусиятҳои истисноии бадахлоқӣ, оқибатҳои вазнинеро ба бор меорад, ки дар натиҷаи муносибати маккорона ва бадбинона ба шараф ва ҳолати руҳии шахси дигар расонида мешавад, дар маҷмуъ бо ҷиноятҳо ба муқобили ахлоқи ҷамъиятӣ [270, с. 59-63] алоқамандӣ дорад.

Сиёсатшиноси маъруфи франсуз Эмил Дюргейм таъкид менамояд, ки худкушӣ бояд маҳкум карда шавад, чунки он ба «манзалати шахсияти инсонӣ, ки дар он ҳамаи ахлоқи мо ниҳон аст», мухолиф мебошад. Барои тақвияти андешаи худ ӯ қайд менамояд, ки «Гоҳо ба мо мегӯянд, ки инсон худро кушта, танҳо ба худаш зарар мерасонад ва дар ин ҷо ҷомеаро лозим нест, ки дахолат кунад. Ин гумроҳист. Ҷомеа таҳқир шудааст, чунки эҳсосе, ки асоси қонунии қонунҳои муқаддастарини ахлоқии онро ташкил дода, воситаи ягонаи робитаи миёни аъзои ҷомеа аст, таҳқир карда шудааст. Аз замоне, ки шахсияти инсонӣ муқаддас шинохта шуда ва ҳам бояд чунин шинохта шавад, ки ҳеҷ фард ё гурӯҳе ҳаққи ихтиёрдории озодонаи онро надорад, ҳама гуна сӯиқасд ба он бояд манъ карда шавад. Муҳим нест, ки дар ин ҳангом ҷинояткору қурбонӣ дар як чеҳра муттаҳид мешаванд: бадии ин кирдор танҳо ба хотири оне ки ҷинояткор фақат ба худаш осеб расондааст, аз байн намеравад. Агар далели қатъи маҷбурии ҳаёти инсон моро ҳамчун таҳқири муқаддасот ҳамеша хашмгин намояд, пас мо дар ҳеҷ як ҳолате тоқати онро дошта наметавонем. Агар эҳсоси ҷамъиятӣ дар ҳамин ҷо гузашт менамуд, он қувваи худро ба зудӣ гум мекард» [87, с. 409]. Албатта, андешаҳои олими маъруф қобили қабул буда, вобаста ба қонунгузории муосир ва моҳияти ҳуқуқии ин мавзуъ зарурати таснифоти васеи он пеш меояд.

Минбаъд ба фикри мо, таҳлили **принсипи кирдорҳои паҳнгашта** мувофиқи мақсад буда, он бешубҳа зарурияти баҳисобгирӣ ҳангоми криминализатсияи кирдорҳои хавфноки ҷамъиятӣ ва хусусиятҳои сершумори онро таъкид менамояд. Г.А. Злобин зикр менамояд: «Имконияти такрорёбӣ хосияти зарурии кирдор мебошад, ки онро қонун ба шумори ҷиноятҳо мансуб медонад» [94, с. 218]. Дар акси ҳол, қонунгузории ҷиноятиро дар таҷриба татбиқ намудан ба назар мушкил менамояд.

Таснифи кирдорҳо таҳқиқталаб боқӣ мемонанд. Танҳо кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок бояд криминализатсия карда шаванд, ки дар ҷомеа то як андоза паҳнгардидаанд.

Дар айни замон ба худкушӣ расонидан дар ҶТ ҷинояти чандон паҳнгардида ба ҳисоб наравад ҳам (дар соли 2019 – 51 ҷиноят, 2020 – 42 ҷиноят, 2021 – 45 ҷиноят, 2022 – 48 ҷиноят, 2023 – 48 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст), вале шумораҳои зиёди ҳодисаҳои худкушӣ ва суйиқасд ба он то ҳол дар ҷомеа ҷой доранд (масалан, соли 2019 – 632, 2020 – 483, 2021–569, 2022 – 487, 2023 – 456 ҳодисаҳои худкушӣ ва суйиқасд ба он ба қайд гирифта шудааст).

Бинобар ин ба андешаи мо маълумотҳои омории овардашуда вобаста ба қайди ҷинояти ба худкушӣ расонидан, ҳолати воқеии ҷинояти мазкурро инъикос намекунад, чунки дар робита ба ин ҷиноятҳои ба худкушӣ расонидан бештар хусусияти латентӣ, яъне (ниҳон)-ро доранд [141, с. 78].

**Яке аз сабабҳои** ниҳон мондани ҷинояти таҳлилшаванда бо номукаммал будани техникаи ҳуқуқии м. 109 КҶ ҶТ вобастагӣ дорад. Диспозитсияҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ба тавре таҳия шудаанд, ки фарқ кардани кирдоре, ки шахсро ба худкушӣ оварда мерасонад, аз кирдорҳои дигаре, ки ҷиноят ҳисобида намешаванд, душвор аст. Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки айни замон шумораи худкушиҳо тамоюли коҳишёбӣ надорад.

**Сабаби дигар** мураккабӣ ва якхела (як сон) набудани ҳалли масъалаи ҷиноят будан ё набудани худкушӣ ва фарқгузории миёни ба худкушӣ расонидан ва одамкушӣ мебошад.

Эксперт пас аз анҷоми таҳқиқоти судӣ-тиббӣ шаҳодатномаи маргро пур мекунад ва вазифадор аст дар он, аз ҷумла, сабаби маргро нишон диҳад.

Муайян кардани хусусияти марг салоҳияти истисноии мақомоти тафтишотӣ буда, асосан дар ҷараёни санҷиш анҷом дода мешавад, ки он, одатан, то даҳ шабонарӯз идома меёбад. Агар далелҳои кофӣ, ки ба нишонаҳои ҷиноят, аз ҷумла одамкушӣ, ишора мекунанд, ошкор шаванд,

парвандаи ҷиноятӣ боз карда мешавад. Дар бештари ҳолатҳо, пас аз гузаронидани таҳқиқоти судӣ-тиббӣ, ки одатан дар се рӯзи аввал пас аз дарёфти ҷасад анҷом меёбад, вале пеш аз қабули қарори расмии мақомоти тафтишотӣ, эксперт дар шаҳодатномаи марг навъи маргро ҳамчун муайяннашуда нишон медиҳад [257, с. 34-37].

Ҳатто дар ҳолатҳои марги маҷбурӣ, барои эксперт муайян кардани он, ки марг дар натиҷаи одамкушӣ рух додааст ё худкушӣ, душвор буда, баъзан ғайриимкон мебошад. Дар ҳолатҳои муайян, ҳангоми набудани далелҳои қатъӣ, эксперт метавонад танҳо дар асоси эътимоди ботинии худ хулоса барорад.

Маҳз ҳамин хулосабарориҳо оид ба шумораи худкушиҳое, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон содир шудаанд, ба маълумотҳои оморӣ ворид карда мешаванд ва ҳамин тавр, шумораи воқеии худкушиҳоро ниҳоят зиёдтар ҳисобем, ҳам дуруст аст. Роҳи баромад аз ин «бунбасти оморӣ» дар он дида мешавад, ки шумораи худкушиҳо на танҳо тибқи натиҷаи таҳқиқоти судӣ-тиббӣ, балки дар асоси санҷиши мақомоти тафтишотӣ ҳисоб карда шавад. Дар натиҷаи ин санҷиш қарор дар бораи рад кардани оғози парвандаи ҷиноятӣ ё оғоз намудани он тибқи моддаи 109-и КҶ ҶТ қабул мегардад.

Мафҳуми криминализатсияи ба ҷамъият хавфнок будани рафтор бояд шарҳи васеи илмӣ дошта бошад. Принсипи дигари криминализатсия – таносуби оқибатҳои манфӣ ва мусбӣ – ба мавриди худкушӣ расонидан низ дахл дорад. Ин принсип муайян мекунад, ки то чӣ андоза ҷорӣ кардани меъёрҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ метавонад ба пешгирии чунин кирдорҳо мусоидат кунад. Манъи ҷиноятӣ бояд танҳо дар сурате татбиқ гардад, ки он воқеан ба коҳиши рафтори хавфнок барои ҷамъият мусоидат намояд.

Шарти асосии баҳодиҳии таъсири меъёри ҳуқуқӣ ба рафтори ҷиноятӣ он аст, ки то чӣ андоза каҷрафторӣ бинобар паҳншавии васеъ ба меъёри иҷтимоӣ табдил ёфтааст.

Хатари коҳиш ёфтани таъсири мусбии меъёри ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ вақте ба вуҷуд меояд, ки татбиқи он ба таври интихобӣ ва маҷбурӣ анҷом дода шавад. Дар чунин ҳолат, ин раванд метавонад рафтори берун аз қоида ва муносибатҳои иҷтимоии хатарнокро тақвият бахшад.

«Новобаста ба дараҷаи хавфнокии рафтор, криминализатсия набояд ҳамчун некии мутлақ баррасӣ шавад. Он ҳамеша боиси маҳдуд шудани як манфиати ҷомеа ба хотири ҳифзи манфиати дигари муҳимтар мегардад» [93, с. 220]. Афзалияти натиҷаи мусбат дар криминализатсия зарурати баҳодиҳии илмии самаранокии онро талаб мекунад. Ин танҳо вақте имконпазир аст, ки зарари татбиқи чораҳои ҷиноятӣ барои рафтори хавфноки ҷамъиятӣ аз худи зарари ин рафтор камтар бошад.

Муҳаққиқи рус Ю.Е. Пермяков дуруст қайд мекунад: «Яке аз тасаввуроти нодуруст дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ин аст, ки гӯё манъкунӣ танҳо кирдорҳои хавфнок ва номатлубро маҳдуд мекунад. Дар асл, қонунгузор ҳангоми криминализатсия манфиатҳои асосиро ҳимоя намуда, ногузир баъзе манфиатҳои дуюминдараҷаро қурбон мекунад. Оқибатҳои манфии чунин манъро метавон дар ҳолатҳое ба осонӣ мушоҳида кард, ки агар кирдори мамнӯъ на танҳо хавфи ҷамъиятӣ дошта бошад, балки барои гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ фоидаи назаррас биёрад. Масалан, манъи шикор метавонад баъзе халқҳоро аз тарзи маъмулии зиндагӣ, манбаи ғизо ва заминаи иқтисодии ҳунармандии онҳо маҳрум созад» [171, с. 24-25].

Ҳангоми татбиқи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ, криминализатсия бояд танҳо дар сурате анҷом дода шавад, ки оқибатҳои мусбати он бар оқибатҳои манфӣ бартарӣ дошта бошанд.

Мустаҳкам кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо алайҳи ҳаёт, аз ҷумла ба худкушӣ расонидан, дорои аҳамияти аввалиндараҷа мебошад.

Дар ҷомеаи муосири мутамаддин ҳаёти инсон ҳамчун арзиши олии иҷтимоӣ шинохта шуда, аз ҷониби қонун ҳифз мегардад. Тибқи моддаи 3-и

Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон: «Ҳар як инсон ба ҳаёт, озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ ҳуқуқ дорад» [40, с. 6].

Ҳамзамон, ин қоида, ки дорои ҳукми қонун мебошад, имрӯз дар доираи анъанаҳои гуногуни ҳуқуқии миллӣ ба тарзҳои мухталиф шарҳ дода мешавад. Тафсири он ба низоми хоси арзишҳои таърихии ҳар як халқ вобаста аст.

Бо вуҷуди ин, арзишҳои умумиинсонӣ мавҷуданд, ки ба ин муқаррарот хосияти универсалӣ ва аҳамияти махсус мебахшанд.

«Аз ин рӯ, илми ҳуқуқшиносӣ бояд барои татбиқи назари арзишӣ ба ҳаёт ҳамчун неъмати олии иҷтимоӣ омода бошад. Ҳуқуқ ҷузъи ҷудонашавандаи равандҳои ҷамъиятӣ буда, бояд кирдор ва рафтори инсонро бо дарназардошти ҳадафу манфиатҳои ӯ танзим намояд. Яке аз принсипҳои асосии низоми ҳуқуқӣ эътирофи ҳуқуқ ба ҳаёт ҳамчун падидаи таҳкимбахши мавҷудияти инсон мебошад» [303, с. 10-11].

Конститутсияҳои муосири давлатҳои аъзои ИДМ ҳуқуқи инсон ба ҳаётро ҳамчун арзиши олии иҷтимоӣ расман эътироф ва мустаҳкам менамоянд.

Ҳаёт маънои ҳастии инсонро дорад ва неъмати муқаддас барои инсон ба ҳисоб меравад. Ҳар шахс аз лаҳзаи таваллуд ҳаққи зиндагӣ дорад ва ин ҳуқуқ бо кафолатҳои ҳуқуқӣ, ки ҳам дар Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ сабт шудааст, таъмин карда мешавад. Аз ҷумла мутобиқи моддаи 18-и Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон **ҳар кас ҳаққи зиндагӣ дорад** [1, с. 9].

Дар робита ба ин, ҷудо кардани ҷинояте, ки дар м. 109-и КҶ ҶТ пешбини гардидааст, дар қонуни ҷиноятӣ ба принсипи таносуби оқибатҳои мусбат ва манфии криминализатсия мувофиқат менамояд.

Дар ҷамъбасти таҳқиқот табиат, сабабҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ва ба ҷамъият хавфнок будани ба худкушӣ расонидан, мухтасар пешниҳод кардани хулосаҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад.

1. Зери мафҳуми ба худкушӣ расонидан кирдори қасдонаи зиддиҳуқуқие, ки дар таҳдид, муносибати бераҳмона ва мунтазам паст задани обрӯ ва эътибори шахс ифода ёфта, зери таъсири он ҷабрдида ба қарори худкушӣ намудан омада, ин қарори худро амалӣ намудааст, фаҳмида мешавад.

1. Хавфи ҷамъиятии ҷинояти ба худкушӣ расонидан дар он зоҳир мешавад, ки гунаҳгор принсипҳои ахлоқии рафтори ҷамъиятиро дағалона поймол намуда, бо муносибати бераҳмона ва таҳқиромез шахсро то худкушӣ мерасонад. Дар натиҷа, ҷабрдида аз ҳуқуқи асосии худ — ҳуқуқ ба ҳаёт, ки арзиши мутлақ ва бебаҳси инсонӣ мебошад, маҳрум мегардад.

2. Принсипи паҳншавии кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок зарурати таҳлили ҳамаҷонибаи ҷинояти ба худкушӣ расониданро ҳангоми криминализатсия талаб мекунад.

3. Принсипи таносуби оқибатҳои манфӣ ва мусбии криминализатсия зарурати онро таъкид мекунад, ки м. 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири мусбӣ ба коҳиши кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок дошта бошад.

4. Қонунгузор бо назардошти баҳодиҳии дараҷаи хавфи ҷамъиятӣ, паҳншавӣ, таносуби оқибатҳои мусбӣ ва манфии криминализатсияи ба худкушӣ расонидан лозим донист, ки дар м. 109 КҶ ҶТ барои ҳаракатҳои иборат аз расонидани шахс ба худкушӣ бо роҳи таҳдид, муомилаи бераҳмона ё пастзании мунтазами шаъну эътибори шахси ҷабрдида ҷавобгарии ҷиноятиро муқаррар намояд.

## 1.2 Инкишофи қонунгузории Ҷумхурии Тоҷикистон оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан

Аз омӯзиши ҳуҷҷатҳои замони пешини ҳудуди Тоҷикистон ва умуман таърихи тоҷикон метавон хулосабарорӣ намуд, ки ҷавобгарӣ барои ба худкушӣ расонидан ба таври алоҳида муқаррар нашуда буд ва ин гуна

падидаҳо дар он замон ҳамчун ҷиноят эътироф намегардид. Бояд қайд намуд, ки ҳамчун ҷиноят кирдори мазкур аввлан дар қонунгузории Россия эътироф гардида буд. Ин омил дар қонунгузории муосири ҷиноятии давлати мо, маҳз бо воситаи қонунгузории Россияи подшоҳӣ, қонунгузории ҷиноятии Россияи шуравӣ, қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ниҳоят қонунгузории РСС Тоҷиикстон, сарчашма гирифтааст. Аз ин лиҳоз, мо зарур мешуморем, ки таърихи ташаккулёбии криминализатсияи ба худкушӣ расониданро дар робита бо таҳлили қонунгузории ҷиноятии Россияи подшоҳӣ, Россияи шуравӣ, ИҶШС, РСС Тоҷикистон, инчунин ақидаву нуқтаи назари олимони он давра амалӣ намоем. Дар акси ҳол, ҳаматарафа ва дақиқ баррасӣ намудани раванди ташаккули ҷавобгарии ҷиноятии ба худкушӣ расонидан ғайриимкон аст. Дар баробари ин, таърихи фарҳанги ҳуқуқии Тоҷикистони таърихиро бозгӯй намудан ба манфиати кор мебошад, ки маҳз дар ҳамин замина омилҳои асосии таснифоти ташаккули ҷавобгарии ҷиноятии ба худкушӣ расонидан амалӣ мегардад.

Инак, таърихи ташаккули ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан дар Тоҷкистон мустақиман бо таҳкими мавқеи эътиқоди динӣ ва ташаккули давлати мутамарказ алоқамандии зич дорад.

Дар марҳалаҳои аввали ин раванд, ҷиноят ҳисобидани ин кирдор бо чанд омил маҳдуд мешуд. Якум, мавқеи устувори расму оинҳои бутпарастӣ. Дуюм, давраи гузариши сохти давлатӣ, ки муносибати инсондӯстона ба ҳаёти инсонро тақозо мекард. Сеюм, ташаккули муносибатҳои молумулкӣ, аз ҷумла қоидаҳои мерос дар шароите, ки ҳокимияти давлатӣ ҳанӯз заиф буд ва анъанаҳои иҷборӣ доираи муроҷиаткунандагонро барои гирифтани мерос маҳдуд мекарданд.

Яке аз расму оинҳои қадимаи бутпарастон худкушии бевазанон пас аз марги шавҳар буд, зеро идомаи зиндагии бевазанро ҳамчун беобрӯии оила медонистанд. Бинобар ин, дар ёдгориҳои ҳуқуқии қадим, ки то замони мо расидаанд, нисбат ба ин амал ҷавобгарӣ пешбинӣ нашуда буд.

Дар баробари ин, аз сарчашмаҳои таърихӣ маълум мегардад, ки дини куҳани тоҷикон «Зардушт» худкуширо маҳкум мекард.

Баъдан дар асрҳои VII ба минтақаҳои Осиёи миёна дини ислом паҳн гардид. Бояд қайд намуд, ки баъд аз паҳн гардидани дини ислом меъёрҳои шариатӣ дар тамоми фаъолияти ҳаёти аҳолии Тоҷикистони таърихӣ амал мекард. Чуноне, ки аз меъёрҳои исломӣ бармеояд, худкушӣ – интиҳор (انتحار) – дар ислом гуноҳи кабира ба ҳисоб рафта, ислом онро қатъиян манъ кардааст.

Вазнинии гуноҳи худкушӣ ба маротиб бештар аз вазнинии гуноҳи куштани каси дигар дар ислом аст. Бисёре аз уламои ислом ба ин боваранд, ки танҳо як гуноҳи вазнинтар аз ин гуноҳ вуҷуд дорад, яъне ширк. Аммо шахсе, ки худкушӣ мекунад, шахси тарки ислом нест ва бар ин асос намози дар марги ӯ ҷаноза хонда мешавад. Дар ин хусус низ олимони соҳа андешаҳои мухталиф доранд, ба таври мисол Абуюсуф бар ин назар аст, ки хондани намози ҷаноза барои худкушӣ қобили қабул нест [63, с. 400].

Оиди худкушӣ дар сураи 4-ум, ояти 29-уми Қуръон чунин оварда шудааст: «Худро накушед, зеро Аллоҳ ба шумо меҳрубон аст. Ҳар кас, ки аз рӯи душманӣ ва зулми худ чунин кунад, дар оташ хоҳем кард. Ин бар Аллоҳ осон аст».

Ояте, ки ба таври бевосита моҳияти масъаларо оид ба муносибати ислом ба худкушӣ инъикос менамояд, ояи 195-и сураи «Бақара» мебошад: «Ва харҷ кунед дар роҳи Аллоҳ ва хештанро ба сӯйи ҳалокат маяфканед ва накӯкорӣ кунед, албатта, Аллоҳ накӯкоронро дӯст медорад» [14]. Худованд дар ояти мазкур ҳушдор дода фармудааст, ки хештанро бо дастони худ таслими асбоби ҳалокат накунед! Яъне он чиро, ки Худованд ба мусалмонон амр намудааст, тарк кунанд, муҷиби ҳалоки руҳу баданашон мегарданд.

Доир ба худкушӣ дар ҳадисҳои пайғамбари ислом Муҳаммад (с) низ гуфтаҳои зиёде мавҷуд мебошад. Масалан, дар маҷмуи ҳадисҳои Аҳмад ва Муслим омадааст, ки ҳазрати Муҳаммад (с) дар ин маврид фармудаанд: «Ҳеҷ

як аз шумо барои худ маргро орзу накунед. Инчунин барои пеш аз фарорасии марг аз Аллоҳ дуо наталабед. Охир, воқеан, агар бимирӣ, кору кирдори ту дар ин ҷо ба охир мерасад ва зиндагӣ (бо вуҷуди осон ё мураккаб буданаш) ба муъмин танҳо некӣ (ҳатто бадтарин бадбахтӣ), дар ҳолати муносибати дуруст ва ҳалли он ба шахс чи дар ҳаёти ҷовидонӣ ва чи дар ҳаёти дунёӣ файзи бебаҳо меорад» [313].

Дар бораи худкушӣ ба таври маҷбурӣ ё фармон чунин ривояти фарогирандаи як ҳадис оварда шудааст: боре ҳазрати Муҳаммад (с) шахси муайянеро дар сари яке аз қушунҳои хурд гузоштааст. Сипас ӯ ба лашкар хитоб карда гуфт: «Ҳар кӣ ба ӯ итоат кунад, ба ман итоат кардааст ва ҳар кӣ нофармонӣ кунад, нофармонӣ кардааст». Баъдан дар ҷараёни юриш фармондеҳи қушун ба зердастонаш ба ғазаб омада гуфт: «Барои ман ҳезум ҷамъ кунед». Чун ҳезум ҷамъ карданд, гуфт: «Оташ афрӯзед». Баъди иҷрои фармон фармондеҳи қушун ба тобеонаш фармон дод, ки ба оташ худро андарун намоянд, тобеон дар навбати худ ба ӯ чунин ҷавоб доданд: «Мо худро ба оташ намеафканем, зеро маҳз аз оташ раҳоӣ меҷӯем». Баъд аз баргашти қушун, паёмбар (с) аз ҳодисаи мазкур хабардор шуда, ба сарбозони қушун чунин гуфт: «Агар худро ба оташ меафкандед, ҳаргиз аз он берун намеомадед. Итоат танҳо дар корҳои нек бояд кард. Итоат ба махлуқот, ки он аз фармони Офаридгор берун бошад, раво нест. Тибқи ин ҳадис, ҳеҷ амали маҷбурсозӣ дар назди Худованд худкуширо сафед намекунад.

Пас, дар заминаи ин гуфтаҳо бояд ба хулосае омад, ки меъёрҳои шариатии он давра низ ҷавобгариро барои ба худкушӣ расонидан пешбинӣ наменамуданд, зеро ки аз рӯи сарчашмаҳои ҳуқуқи мусулмонии он давра гунаҳгори кирдори содиршуда худди ҷабрдида ҳисоб мегардид.

Ғайр аз ин, тибқи маълумоти мавҷуда, худкушӣ ё ба худ зиён расонидан дар Ислом бузургтарин гуноҳҳо дар назди Худованд аст. Онҳое, ки худкушӣ мекунанд, бо ҷазои коре, ки кардаанд, дар ҷаҳаннам шиканҷа хоҳанд шуд. Аммо бархе аз муфассирони ҳадис мегӯянд, ки ҳазрати Муҳаммад (с) дар

мавриди муҷозоти худкушӣ сухан ронда, муддати тӯлонии ҷазоро дар назар доштааст, вале он абадӣ намебошад. Онҳо дар ин маврид муфассалтар ба он такя мекунанд, ки шахсе ба худкушӣ даст мезанад, оқибат мусалмон ҳисобида мешавад. Инчунин, аз дигар ривоиётҳо бармеояд, ки мусалмон то абад дар ҷаҳаннам намемонад, ҳарчанд дар китоби муқаддаси мусалмонон ба ин савол ҷавоби мустақим вуҷуд надорад. Ин масъала баҳсталаб ба назар мерасад. Пайравони ақоиде, ки мусалмонон (аз ҷумла худкушон) абадан дар ҷаҳаннам намесӯзанд, ба меъёрҳои суннатӣ такя менамоянд. Дар худи Куръони карим бошад ояте мавҷуд нест, ки дақиқан вақти аз ҷаҳаннам раҳо шудани мусалмон, инчунин худкушро муайян намояд [313].

Бояд қайд намуд, ки сарчашмаҳои қонунгузории Тоҷикистони таърихӣ нишон медиҳанд, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худукшӣ расонидан мавҷуд набуд. Зеро кирдори мазкур ҳамчун ҷиноят эътироф намегардид. Дар баробари ин, мо бояд дар назар дошта бошем, ки аз асрҳои 19 сар карда бархе аз минтақаҳои Осиёи миёна ва Тоҷикистони имрӯза ба ҳайати Россияи подшоҳӣ ҳамроҳ карда шуданд.

Дар он давра қонунгузории Россияи подшоҳӣ аллакай кирдори мазкурро ҳамчун ҷиноят эътироф менамуд. Масъалан, санади ҳамон давра таҳти унвони Маҷмуи қонунҳо дар бораи ҷазоҳои ҷиноятӣ ва ислоҳӣ, соли 1845 [7] вобаста ба сатҳи техникаи қонунгузорӣ нисбат ба бисёр қонунгузории хориҷӣ ба таври мусбат фарқ мекард. Дар ин санади қонунгузорӣ тамоюли фарқ кардани худкушӣ, сӯиқасд ба худкушӣ ва ба худкушӣ расонидан аниқтар мушоҳида мешуд. Қонунгузор вобаста ба ҷинояти мазкур ҷавобгариро дар боби дуюм – «Дар бораи худкушӣ» пешбинӣ намуда буд (м.м. 1943-1947). Меъёрҳои ин боб ҷавобгарии шахсонеро, ки қасди худкушӣ мекарданд, муқаррар карда буд. Меъёри мазкур тафсири васеъро дар назар дошт, зеро шахсони дигаре, ки нисбати ҷинояти худкушӣ муносибат доштанд, онҳо низ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешуданд. Ҳамин тариқ,

дар моддаи 1943 аломатҳои объективӣ ва субъективии худкушӣ ва ҳудудҳои ҷавобгарии он муқаррар шуда буд.

Аввалан, шахсе, ки худро аз ҳаёт маҳрум сохтааст, яъне субъекти ин ҷиноят мукаллаф буда, кирдорро на дар ҳолати девонагӣ, ғайримукаллафӣ, номукаллафии муваққатӣ ва дигар намуди беҳушӣ содир кардааст (моддаи 1943). Дуюм, тарафи субъективӣ бояд муайян мекард, ки шахс ин кирдорро дидаву дониста содир кардааст. Сеюм, бояд худкушӣ ба итмом расида бошад, ҷавобгарӣ барои сӯиқасд ба таври алоҳида танзим карда мешуд. Санксияи ин меъёри қонуни ҷиноятӣ муқаррар менамуд, ки шахси худкуш ҳуқуқи меросии худро аз даст медод. Барои фарди масеҳӣ ҷазои иловагӣ пешбинӣ шуда буд, яъне худкуш аз ҳуқуқи дафни масеҳӣ маҳрум мегардид.

Қонунгузор инчунин асосҳо ва маҳдудиятҳои ҷавобгариро барои сӯиқасд ба шахси худкуш пешбинӣ намуда буд. Ҳолати мазкур танҳо дар вақте ҷой дошта буд, ки агар худкушӣ пурра аз ҷониби шахсони бегона пешгирӣ мешуд. Ҷавобгарии фарди масеҳӣ дар ин ҳолат тавбаи калисоиро, ки бо амри роҳбарияти руҳонии он таъин мегардид, пешбинӣ менамуд (м. 1944).

Ҳамзамон, сарчашмаи номбурда асосҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сӯиқасд ба худкушӣ бо ҳолатҳои истисноиро пешбинӣ карда буд. Дар ин самт омили асосӣ он ҳолате ба ҳисоб меравад, ки шахс аз ҳиссиёти баланди ватандӯстӣ ба марги барьало раҳсипор мегардид ва ё ба хотири ҳифзи сирри давлатӣ худкушӣ ё сӯиқасди онро мекард. Ҳолати дуюм аз ҳаёт маҳрум сохтан бо роҳи худкушӣ ё сӯиқасд ба ҷони худ аз ҷониби зан ба хотири ҳифзу наҷоти номус ва иффати худ ба ҳисоб мерафт (м. 1945). Дар ин мавридҳо худкушикунандагон на танҳо аз дафни калисоӣ маҳрум намегардиданд, балки ҳамаи дархостҳои пас аз марги онҳо эътибор пайдо мекарданд [266, с. 217-222].

Бояд қайд намуд, ки яке аз афзалиятҳои қонуни мазкур ин ба ҳайси ҷиноят эътироф намудани ба худкушӣ расонидан буд. Чунин афзалият аз он

иборат буд, ки қонунгузор дар санади номбурда бори аввал ҷавобгарии ҷиноятиро барои шарикӣ дар худкушӣ пешбинӣ намуда буд, ҳамаи шарикони кирдори ҷиноятӣ (таҳриккунандагон, ёрдамчиёни худкушӣ) ба шарикони куштор баробар карда шуда буданд. Ҳамин тариқ, м. 1946 қонуни мазкур муқаррар намуда буд, ки ба шахсе, ки каси дигарро ба худкушӣ расонидааст ё барои ин шароит фароҳам овардааст, инчунин дар содир намудани ин ҷиноят ба тариқи дигар ӯ иштирок карда бошад, барои «ёрӣ расонидан ба одамкушӣ» муҷозот мегардид.

Ҳамин тариқ, амалҳои шахсоне, ки дар худкушӣ ба таври гуногун кумак мерасониданд, дар доираи институти шарикӣ арзёбӣ мешуданд. Қонунгузор ҳангоми муайян кардани ҷанбаи объективии шарикӣ дар чунин ҷиноят мафҳумҳои калидии зеринро истифода мебурд: моил намудан, расонидани воситаҳо ва дигар шаклҳои иштирок дар содир кардани ин ҷиноят.

Дар диспозитсияи меъёрҳои таҳлилшуда, ҳам кирдори таҳриккунанда ва ҳам ёрдамчӣ, аз ҷумла расонидани воситаҳо ва дигар намудҳои иштирок, вобаста ба расондани шахс ба худкушӣ ҳамчун ҷиноят эътироф мешуданд.

Аз лиҳози сохтори ҳуқуқӣ, таркиби ин ҷиноят расмӣ буда, шакли гуноҳи қасданро пешбинӣ мекард. Тибқи моддаи 1946-и қонуни мазкур, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои субъекти умумӣ муқаррар шуда буд [253, с. 29-30].

Дар баробари ин, бояд таъкид кард, ки қонунгузор то ҳол ба худкушӣ расониданро ҳамчун ҷинояти дорои хавфи баланди ҷамъиятӣ тасниф накарда буд. Санксияи м. 1947 қонуни мазкур барои ин ҷиноят ҳамчун ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ дар ҷойҳои махсуси нигоҳдошти касалиҳои руҳӣ ба муҳлати аз як то ду сол пешбинӣ намуда буд. Шахсони гунаҳкор, аз қабили масеҳиён бо амри роҳбарияти руҳонии худ ба тавбаи калисоӣ машғул мешуданд.

Пас аз қонуни «Маҷмуи қонунҳо дар бораи ҷазоҳои ҷиноятӣ ва ислоҳӣ» (1845), «Маҷмуи қонунҳои ҷиноятӣ» (1903), ки бар хилофи қонунгузории қаблӣ буд, дигар худкушӣ ва сӯиқасд ба худкуширо ҷиноят эътироф

намекард. Ин радди ниҳоии ҷиноят донистани худкушӣ дар Россияи подшоҳӣ буд, ки ба ақидаҳои мактаби сотсиологии ҳуқуқи ҷиноятӣ мувофиқат дошт.

Гарчанде ин маҷмуи қонунҳо барои замони худ хеле пешрафта маҳсуб мешуд, он пурра мавриди амал қарор нагирифт. Бо вуҷуди ин, таҳлили меъёрҳои он барои ташаккули шакли мукаммали таърихии криминализатсияи ба худкушӣ расонидан муҳим мебошад.

Объекти асосии ин ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятие буданд, ки дахлнопазирии ҳаёти шахсро ҳифз мекарданд. Дар ниҳоят, қонунгузор аз криминализатсияи худкушӣ пурра даст кашида, танҳо ҷавобгарии навъҳои гуногуни иштирок дар он, аз ҷумла таҳрик кардан ё мусоидат намуданро танзим менамуд.

Ибораҳои калидии аз ҷониби қонунгузор ҳангоми сохтани тарафи объективии шарикӣ дар худкушӣ дар сарчашмаи баррасишаванда таҳриккунанда, ёрдамчӣ ва розӣ кардан барои худкушӣ ба ҳисоб мерафтанд.

Аз ин рӯ, номгӯи зуҳуроти шарикӣ дар худкушӣ то андозае тағйир ёфта, мафҳуми илмии он мушаххастар гардид.

Тарафи субъективии ин ҷиноят аз гуноҳ дар шакли қасд иборат буд. Субъекти ҷиноят бошад умумӣ буд.

Криминализатсияи маҳдудтар барои таҳрик кардан ба худкушӣ ҳамчун маслиҳат ба худкушӣ (м. 463 Маҷмуи қонунҳои ҷиноятӣ), ки боиси маҳдуд намудани доираи ҷабрдидагон аз рӯи синну сол ё ҳолати руҳӣ гардида буд. Ҳамин тариқ, ҷабрдидагон танҳо шахсони ба синни бистуяксола нарасида ё шахсоне ҳисоб мешуданд, ки барьало хусусият ва аҳаммияти ҳаракати содиркардаашонро дарк ё рафтори худро назорат карда наметавонистанд. Ба ҳайси объекти асосии бевоситаи кирдори мазкур муносибатҳои ҷамъиятие баромад мекарданд, ки дар соҳаи таъмини дахлнопазирии ҳаёти шахси дигар мавҷуд буданд. Тарафи объективии ин таркиби ҷиноят низ ба таври муфассал шарҳ дода шуд, ки он аз мусоидат намудан ба худкушӣ бо тариқи маслиҳат ё дастур, расонидани воситаҳо ё рафъи монеаҳо иборат буд. Қонунгузор барои

ин санадҳо сохтори ҳуқуқии таркиби моддиро пешбинӣ карда буд, зеро ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо дар ҳолати худкушии содиршуда татбиқ мегардид. Ҷазои ҷиноятии барои таҳрик кардан ба худкушӣ муқаррааргардида нишон медиҳад, ки он кирдори вазнинтар ҳисоб мешуд. Ҳангоми расонидани ёрӣ ба худкушӣ, ҷазои ҷиноятӣ дар намуди бадарға ба муҳлати на бештар аз ҳашт сол таъин карда мешуд.

Ҳамин тариқ, дар «Маҷмуи қонунҳои»- соли 1903 бори аввал дар таърихи қонуни ҷиноятии пеш аз даврони шуравӣ ба худкушӣ расонидан (моддаи 462) ва мусоидат ба худкушӣ (моддаи 463) ҳамчун ду ҷинояти мустақил дониста шуданд. Сӯиқасд ба худкушӣ, таҳрикнамоӣ ва мусоидат ба чунин кирдор низ ҷиноят дониста мешуд [239, с. 8].

Вобаста ба ин, таҳлили ташаккули танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тақозо намуд, ки заминаи криминализатсияи шаклҳои мухталифи шарикӣ дар худкушӣ, дар санадҳои қонунгузории Россия аз асрҳои 15 то 20 пайдо шуда буд. Марҳила ба марҳила мазмуни унсурҳои таркиби ҷиноят ташаккул ёфт, ки таҷассуми ниҳоии худро дар «Маҷмуи қонунҳои ҷиноятӣ»-и соли 1903 пайдо кард. Минбаъд низ ҳамчун ҷиноят донистани ин кирдор аз ҷониби қонунгузор дар ҳуқуқи ҷиноятии замони шуравӣ идома ёфт. Аз ин рӯ, маҳз аз меъёрҳои «Маҷмуи қонунҳои ҷиноятӣ»-и соли 1903 криминализатсия намудани ба худкушӣ расонидан ҳамчун таркиби мустақили ҷиноят оғоз гардид.

То қабул шудани КҶ ҶШС Тоҷикистон (соли 1935) дар тамоми ҳудуди он соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, дар масъалаи муайян кардани ҷавобгарӣ барои ин ё он кирдорҳои хавфноки ҷамъиятӣ дар асоси қонуни ягона – КҶ ҶШФСР (соли 1922) бо иловаҳояш барои ҶМШС Туркистон танзим дода мешуданд. Баъдтар аз рӯи ин кодекс ва мувофиқи «Асосҳои ибтидоии қонунгузории ИҶШС ва таърихи иттиҳодияи соли 1924» КҶ ҶШС Ӯзбекистон тартиб дода шуд, ки он 16 июни соли 1926 қабул ва дар Тоҷикистон ҳамчун дар тамоми ҳудуди ҶШС Ӯзбекистон аз 1 июли ҳамон сол ҷорӣ гардид [197, с. 229].

Бояд гуфт, ки қонунгузории ҷиноятии замони шуравӣ мероси «Маҷмуи қонунҳои ҷиноятӣ»-и соли 1903-ро идома дода, ҷавобгариро барои худкушӣ комилан истисно намуд. Ин қарори қонунгузориро намояндагони илми даврони шуравӣ низ дастгирӣ карданд. Масалан, А.Ф. Кони қайд намуда буд, ки м. 148 КҶ ҶШФСР-ро, ки ҷазои худкушӣ ва сӯиқасди худкуширо комилан истисно намудааст, бояд маъқул дониста шавад. [127, с. 9]

Чунин мавқеъро низ М.Д. Шаргородский тарафдорӣ намуда, баён менамуд, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои худкушӣ ба мақсад мувофиқ нест, зеро он барои ноил шудан ба мақсадҳои пешгирии умумӣ ва махсус хизмат карда наметавонад. [233, с. 65]

Дар Кодекси ҷиноятии ҶШФСР (1922) [36], ҷавобгарӣ барои мусоидат ё таҳрик ба худкушӣ дар моддаи 148 пешбинӣ шуда буд. Ин меъёр дар боби 5, «Ҷиноятҳо алайҳи ҳаёт, саломатӣ, озодӣ ва шаъну эътибори шахсият» ҷойгир гардида буд.

Хусусияти хоси ин ҷиноят дар он буд, ки ҷабрдида ҳамчун унсури ҳатмии таркиби ҷиноят муайян гардида буд. Мувофиқи моддаи 148, ҷабрдида танҳо шахсе буда метавонист, ки ноболиғ ё шахси нотавоне бошад, ки хусусияти кирдори худро дарк ё рафторашро идора карда наметавонист.

Ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани гунаҳгор танҳо дар ҳолате имкон дошт, ки агар худкушии воқеӣ ё сӯиқасд ба он рух дода бошад.

Тарафи объективии ин ҷиноят доираи маҳдуди кирдорҳоро дар бар мегирифт, аз ҷумла мусоидат ё таҳрик (талқин) ба худкушӣ.

Тавре ки маълум мегардад, қонунгузор ба номгуйи ибораҳои калидӣ истилоҳи нав – талқиннамоиро ворид намуд.

Тибқи сохтори ҳуқуқӣ мусоидат намудан ё талқин кардан ба худкушӣ таркиби моддии ҷиноят ба ҳисоб мерафт, зеро шарти ҳатмии фарорасии ҷавобгарии ҷиноятӣ худкушӣ ё суйиқасд ба он ба ҳисоб мерафт. Истилоҳоте, ки қонунгузор барои тавсифи амалҳои ҷиноятӣ истифода мебурд, диққатҷалбкунада мебошад. Он, аз як тараф, ба ҷой надоштани шарикӣ дар

ҷиноят ишора менамуд (иғво, на таҳрик), аз тарафи дигар, бояд барои фарқ намудани ҳаракатҳои зикршуда аз чунин категорияҳо ба монанди «маҷбуркунии ҷисмонӣ ё руҳӣ», ки тарафи объективии таркиби одамкуширо ташкил медоданд, мусоидат намояд.

Бояд зикр намуд, ки дар диспозитсияи меъёри ҳуқуқӣ-ҷиноятии таҳлилшуда «дидаву дониста» содир шудани ҳаракатҳои субъект ба таври махсус таъкид шудааст, яъне кирдорҳое, ки дар мусоидат намудан ё иғво намудан барои худкушӣ, ифода гардидаанд ҷинояти қасдана ба шумор мерафт.

Илова бар ин, қонунгузор бо назардошти афзоиши хавфи худкушӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ, ба факти худкушӣ барои намудҳои алоҳидаи ҷиноятҳо нақши аломати вазнинкунанда додааст. Ҳамин тавр, қ. 2 м 169 КҶ ҶШФСР аз соли 1922 ҳамчун аломати вазнинкунандаи таҷовуз ба номус оқибати худкушӣ намудани ҷабрдида муқаррар шудааст, ки он боиси вазнин шудани ҷавобгарии ҷиноятӣ мегардид.

Дар баробари ин, бояд зикр намуд, ки дар КҶ ҶШФСР 1922 криминализатсия намудани ба худкушӣ расонидан ҷой надошт. Таҷрибаи судӣ ҳолатҳои ба худкушӣ расониданро «дар қиёс бо моддаҳои одамкушӣ» бандубаст менамуданд [239, с. 9]. Ин ҳолат номувофиқ буд, зеро хавфи ҷамъиятии ин кирдор (дар шароити муайян: мунтазам, бераҳмӣ ва беҳаёии ҳаракатҳои гунаҳгор) хеле баланд будаанд. М.Д. Шаргородский таваҷҷуҳи худро ба ин ҳолат ҷалб карда, қайд менамояд, ки агар шахси шахс ба шахси дигар барои худкушӣ ёрӣ расонад, ӯ албатта, новобаста аз он ки шахси худкушӣ содиркарда мукаллаф буд ё не, хавфнокии баланди ҷамъиятӣ дорад [233, с. 66].

«16 июни соли 1926, дар сессияи 4-уми КИМ Шӯроҳои даъвати якуми ҶШС Ӯзбекистон, Кодекси ҷиноятии ин ҷумҳурӣ қабул гардид» [17, с. 69-125]. «Аз 1 июли ҳамон сол, он дар ҳудуди Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Худмухтори Тоҷикистон (ҶШСХТ) низ мавриди амал қарор

гирифт» [194, с. 45].

То қабули ин кодекс, асоси танзими ҳуқуқи ҷиноятӣ дар ин минтақа Кодекси ҷиноятии ҶШФСР (1922) ба ҳисоб мерафт [290, с. 254].

Қонунгузор таркиби ҷинояти бахудкушӣ расониданро бо таҳияи ду қисм ба таври назаррас мураккаб намуд. Дар қ. 1, м. 192 КҶ ҶШС Ӯзбекистон аз соли 1926 ҷавобгарии ҷиноятӣ барои мусоидат ё талқини шахси ноболиғ, ки бараъло хусусият ё аҳамияти кирдори худро дарк ё ба он роҳбарӣ карда наметавонист, муқаррар мешуд. Кирдорҳои мазкур бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то се сол ҷазо дода мешуданд.

Мутобиқи м. 192 КҶ ҶШС Ӯзбекистон моддаи мазкур расонидани шахси аз шахси дигар дар вобастагии моддӣ ё вобастагии дигар қарордошта, бо муносибати бераҳмона бо ӯ ё бо роҳи дигар суийстифода намудан аз мақоми худ ба худкушӣ ё суйқасди худкушӣ расонидан ҷазо дода мешавад бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то ҳашт сол.

Истилоҳи «расонидан» ин маънои ба ҷабрдидагон расонидани таъсири таҷовузкоронаро дошт: якум, вобастагии моддӣ ё дигар намуди вобастагӣ аз шахси дигар қарор доштан; дуюм, бо роҳи муомилаи бераҳмона ё бо роҳи дигар суийстифода намудан аз мақоми худ. Қонунгузор ибораи «бо роҳи дигар суийстифода намудан аз мақоми худ» бо ҷабрдидаро истифода намуда буд. Аз ин рӯ, бо хости қонунгузор ин меъёри ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ мавриди тафсири васеъ қарор гирифт, ки он доираи салоҳияти субъективии мақомоти ҳуқуқтатбиқкунандаро хеле васеъ намуд.

Дар баробари дар қ. 2 м. 192 КҶ ҶШС Ӯзбекистон муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан, ҷавобгарӣ барои мусоидат ё талқин намудан ба худкушӣ нисбати шахси ноболиғ ё номукаллаф нигоҳ дошт. Таркиби ҷиноятии дар ин меъёр ташаккулёфта аз рӯи аломатҳои асосии объективӣ ва субъективӣ ба таркиби ҷинояти дар м. 148 КҶ ҶШФСР аз соли 1922 пешбинишуда шабоҳат дошт. Қонунгузор ҷавобгариро барои мусоидат кардан ё талқин ба худкушии ноболиғ ё шахсе, ки баръало хусусият

ва аҳаммияти кирдори содиркардаашро дарк ва идора карда наметавонист, пешбинӣ намуда буд. Қонун муқаррар намуда буд, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо дар сурати анҷоми худкушӣ ё қасд ба худкушӣ анҷом меёфт.

Бо вуҷуди пешравиҳо ва навгониҳои муайян, мушкилоти асосӣ набудани таърифи расмии «ба худкушӣ расонидан» дар қонунгузории он замон буд. Ҳамчунин, қонунгузорӣ мафҳуми худкуширо низ муайян намекард, ки бе он фаҳмидани моҳияти ба он овардан ғайриимкон буд. [73, с. 19]. Мутаассифона, мафҳуми баррасишаванда дар давраи минбаъда низ пайдо нашуд. Вале маълум аст, ки номуайянии мафҳумҳои асосӣ, ки дар атрофи худ аломатҳои алоҳидаи ҷиноятро муттаҳид месозанд, мушкилотро дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз қабили набудани таҷрибаи бандубасти ягона, аз ҷиноятҳои ба ҳам алоқаманд фарқ кардан ва амсоли инҳо ба миён меорад.

Набудани мафҳуми ҳуқуқии ба худкушӣ расонидан дар қонунгузории шуравӣ то андозае бо шарҳу эзоҳҳои илмии қонуни ҷиноятӣ ва тафсири илмии меъёрҳои ҳуқуқии дахлдори ҷиноятӣ ҷуброн мегардид. Ҳамин тавр, мафҳуми хеле ҷолиб ва оқилонаи моҳияти ҳуқуқии ба худкушӣ расонидан баъдан дар тафсири Кодекси ҷиноятии ҶШФСР соли 1960 оварда шуда буд, ба гуфтаи муаллифони он, ба худкушӣ расонидан як навъи махсуси ҷиноят ба ҳисоб рафта, оқибати он бевосита дар натиҷаи амалҳои худи ҷабрдида ва маҷбуркунии шахси гунаҳгор ӯ худкушӣ ё сӯиқасди онро содир менамояд [124, с. 248].

Ба андешаи Р.З. Авакян, «шахси гунаҳгор ҳангоми ба худкушӣ расонидан бевосита ба ҳаёти шахси дигар сӯиқасд мекунад, ки ин ба афзудани хавфи ҷамъиятии ҷиноят ишора менамояд ва объекти алоҳидаи (бевоситаи) онро тавсиф мекунад» [62, с. 22-23].

И.Я. Козаченко мазмуни объекти ба худкушӣ расониданро васеътар бозгӯй намуда, чунин мешуморад, ки дар баробари ҳаёти инсон объекти ба худкушӣ расонидан ин шаъну шарафи ӯ ба ҳисоб меравand [62, с. 324].

Дар қонунгузории қабл аз инқилоб ба ҳайси аломати ҳатмии объекти ҷинояти мазкур ба ҷабрдида ишора мешуд. Ҳамин тариқ, ҷавобгарӣ барои ба худкушӣ расонидан метавонист дар ҳолате ба миён ояд, ки агар кирдори ҷиноятӣ бар зидди шахсе, ки аз ҷиҳати моддӣ ё аз ҷиҳати дигар дар тобеияти гунаҳгор қарор дошт равона шуда бошад. Оид ба мусоидат кардан ё талқинӣ худкушӣ, назари қаблӣ нигоҳ дошта шуда буд ва ба сифати ҷабрдида танҳо ноболиғон ё шахсоне, ки баръало хусусият ва аҳаммияти кирдори содиркардаашро дарк ва идора карда наметавонистанд, баромад менамуданд.

«Сабабҳое, худкушӣ ё сӯиқасди худкушӣ намудани шахсоне, ки дар ин ё он вобастагӣ қарор доранд мумкин буд гуногун бошанд, ки ин дар меъёрҳои қонун бо ибораи «вобастагии дигари ба ин монанд» нишон дода мешуд» [123, с. 303]. Мутаасифона, чунин муносибат ногузир боиси паҳншавии афкори субъективӣ дар баҳои ҳуқуқӣ нисбати ба худкушӣ расонидан мегардид. Тавре К.Н.Епишин қайд менамуд, «... ҳангоми баррасии шароите, ки шахсро ба худкушӣ овардааст, суд бояд онҳоро на аз нуқтаи назари объективӣ, балки аз нуқтаи назари шахси ҷабрдида – ягона маҳаки дуруст бо назардошти ҳама ҳолатҳои воқеӣ баҳогузорӣ менамуд» [255, с. 19].

Ягона чизе, ки чунин муносибатро асоснок мекард, шарти ҳатмии муқарраркардаи қонунгузор буд, ки ин кирдор танҳо дар сурати мавҷуд будани аломати муомилаи мунтазам, каму беш тӯлонии барқасдона нисбати ҷабрдида сазовори ҷазо буда метавонист. Чунин ба назар мерасад, ки нишондоди мазкур имкон медод, ки вазъияти ба худкушӣ расонидан ҳамаҷониба арзёбӣ карда мешуд, зеро хусусияти устувори он аллакай худ аз бадкирдории амали субъекти ҷиноят шаҳодат медод. Ҳамин тавр, танҳо амалҳои ғайриқонунӣ ба ҷабрдида нигаронидашуда сазовори ҷазо дониста мешуд. Агар худкушӣ натиҷаи амали қонунии айбдоршаванда ҳисоб мегардид, дар чунин ҳолат ҳатто агар робитаи сабабӣ ва донистани фарорасии оқибатҳо мавҷуд бошад ҳам, ҷавобгарии ҷиноятӣ истисно мегардад [233, с. 68].

Татбиқ намудани м. 192 КҶ ҶШС Узбекистон соли 1926 аз мазмуни ангеза ва мақсади субъекти ҷиноят вобаста набуд. Дар адабиётҳои ҳуқуқии давраи баррасишаванда бевосита нишон дода мешуд, ки барои татбиқи моддаи мазкур нияти аз ҷониби айбдоршаванда маҷбур кардани шахси дигар барои худкушӣ талаб намешавад [123, с. 303].

«Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон бо Қарори Президиуми КМИ Шӯроҳои ҶШС Тоҷикистон 9 майи соли 1935 қабул шуда, аз 15 июни ҳамон сол дар ҳудуди ҷумҳурӣ ба қувваи амал даромад. Ин ҳодиса як марҳалаи муҳим дар инкишофи ҳуқуқи ҷиноятии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Бо қабули ин кодекс, татбиқи Кодекси ҷиноятии ҶШС Ӯзбекистон дар ҳудуди Тоҷикистон расман бекор карда шуд» [305, с. 31].

«Кодекси мазкур нахустин санади ҷиноятии миллии Тоҷикистон буда, нақши муҳим дар таърихи ҳуқуқи ҷиноятии кишвар дошт. Он мутобиқи қонунҳои умумииттифоқӣ таҳия гардида, хусусиятҳои иҷтимоии Тоҷикистонро инъикос мекард» [153, с. 122].

Дар КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1935 ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан дар м. 173 КҶ муқаррар мешуд. Моддаи мазкур аз ду қисм иборат буда, дар қ.1 м.173 таркиби асосии ҷиноят чунин муайян мегашт:» Агар ягон шахсе шахси дигарро ки ба вай аз ҷиҳати моддӣ ва ё дигар хел вобаста бошад, бо муомилаи дағалона ё роҳи дигари ба ин монанд ба худкушӣ ё қасди худкушӣ бирасонад». Чунин кирдор бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то панҷ сол ҷазо дода мешуд.

Дар қ.2 моддаи мазкур ҷавобгарӣ барои «ёрӣ расонидан ё ин ки ба худкушӣ талқин кардани кудани ба воя нарасида, ё шахсоне ки ба фаҳмидани хосият ва аҳамияти кирдораш лаёқат надошта бошад, ё оҷиз аз ихтиёр дории кирдораш бошад, агар дар натиҷаи онҳо худкушӣ ё қасди худкушӣ рух диҳад». Чунин кирдор боиси ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то се сол мегардид.

Фарқияти м.173 КҶ ҶШС Тоҷикистон аз м.192 КҶ ҶШС Узбекистон дар он буд, ки дар м.192 КҶ ҶШС Узбекистон аввал таркиби ҷиноятӣ мусоидат ё талқин намудани ноболиғ барои худкуширо ва баъд дар қ.2 м.192 таркиби асосии ба худкушӣ расониданро муқаррар менамуд.

Ғайр аз ин дар фарқият аз КҶ ҶШС Узбекистон қ.2 м.173 КҶ ҶШС Тоҷикистон ба сифати аломати ҳатмии таркиби ҷинояти ёрӣ расонидан ё ин ки ба худкушӣ талқин кардани ноболиғ оқибатро дар намуди худкушӣ ё қасди худкушӣ нмудани ноболиғро пешбинӣ менамуд.

17–уми августи соли 1961 КҶ ҶШС Тоҷикистон қабул гардид, ки аз 1–уми декабри соли 1961 мавриди амал қарор дода шуд [290, с. 297]. Кодекси мазкур марҳилаи навбатии танзими ҷавобгариро барои ба худкушӣ расонидан муқаррар намуд, ки дар он қонунгузор муносибати умумиро ба криминализатсияи ин кирдор то андозае ислоҳ карда, инчунин онро ба ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт шомил намуд. Қонунгузор дар м. 110 ҶШС Тоҷикистон соли 1961 диспозитсияи моддаеро, ки ҷавобгарӣ барои ба худкушӣ расониданро пешбинӣ менамуд, аз нигоҳи тавсифи тарафи объективии он ба таври назаррас тағйир дод. Ҳамин тариқ, мутобиқи моддаи мазкур ҷинояти ба худкушӣ расонидан чунин муқаррар мешуд: шахсеро, ки вай аз ҷиҳати моддӣ ё аз дигар ҷиҳат ба шахси гунаҳгор вобаста аст, бо муомилаи сахту дағалона бо ҷабрдида ё доимо таҳқир кардани қадру қимати шахсии ӯ ба худкушӣ ё ба суиқасди худкушӣ расонидан.

Мутобиқи м.110 КҶ ҶШС Тоҷикистон, ҷабрдида шахсе эътироф мегардид, ки аз гунаҳгор дар вобастагии моддӣ ё дигар вобастагӣ қарор мегирифт. Таъсир ба ҷабрдида бо роҳи муносибати бераҳмона нисбат ба ӯ ё таҳқири мунтазами шаъну эътибори шахсии ӯ сурат мегирифт. Дар муқоиса бо иборaҳои қаблии таркиби ба худкушӣ расонидан, қонунгузор аломати нав–мунтазам паст задани шаъну эътибори шахсии ҷабрдидаро ворид намуд. Дар натиҷа объекти бевоситаи иловагии таркиби ҷинояти таҳлилшаванда шаъну шарафи шахси ҷабрдида ҳамроҳ карда шуд.

Объекти асосии бевоситаи ин ҷиноят ҳаёти шахс ба ҳисоб мерафт. Ҷабрдида дар ин намуди ҷиноят шахсе эътироф мегардид, ки аз ҷиҳати моддӣ ё аз дигар ҷиҳат ба шахси гунаҳгор вобаста буд. Зери мафҳуми шахси дар вобастагии моддӣ қарордошта шахсе фаҳмида мешуд, ки дар таъминоти гунаҳгор қарор дошт ё аз ӯ ёрии моддӣ мегирифт, ки ин сарчашмаи асосии мавҷудияти ҷабрдидаро ташкил медод. Ба чунин шахсон дохил мешудаанд: падару модар, фарзандон, хоҳарон, бародарон, ҳасарон ва шахсони дигар аз ҷумла хешованд ба ҳисоб нарафта, аммо дар вобастагии моддӣ қарордошта (фарзандхондшуда, зери парасторӣ ё васигӣ буда, дар таъминот буда ва ғайра).

Шахси дар тобеияти дигар аз гунаҳгор қарордошта мумкин аст зертобеъ вобаста ба кор, аз руйи хизмат, инчунин шахси аз руйи киро барои гунаҳгор коркунанда (корманди хона, ронанда ва ғайра) [153, с. 72].

Агар ба худкушӣ расонидан дар заминаи муносибатҳои шахсии байни ҷабрдида ва гунаҳгор содир шуда, ҷабрдида дар вобастагии моддӣ, хизматӣ ё вобастагии дигар қарор надошта бошад, таркиби мазкури ҷиноят ҷой надошт [153, с. 72].

Ғайр аз ин, сарҳадҳои объективии ҷиноятӣ донистани кирдор ба таври ҷиддӣ ислоҳ гардиданд. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидани шахсе, ки аз ҷинояткор аз ҷиҳати моддӣ ё ҷиҳати дигар тобеият дорад ё сӯиқасд ба ӯ бо роҳи муомилаи бераҳмона нисбат ба ҷабрдида ё мунтазам паст задани шаъну шарафи шахсии ӯ муқаррар шуда буд.

Илова бар ин, дар КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1961, дар фарқият аз КҶ қаблии ҶШС Тоҷикистон соли 1935, чунин кирдоре, ки пештар дар қонунгузорӣ маълум буд, ба монанди ёрӣ расонидан ва ба худкушӣ талқин намудани ноболиғон ё шахсе, ки баръало хусусият ва аҳаммияти ҳаракати содиркардаашро дарк ё рафтори худро назорат карда наметавонист, муқаррар намесохт. Вале тавре ки М. Муллаев қайд намуда буд, «моил намудани наврасон, ки пурра оқибатҳои кирдори худро дарк намекарданд ё шахсони

бемории руҳӣ (сустақл) барои худкушӣ кардан ҳамчун одамкушӣ бандубаст карда мешуд» [153, с. 74].

Дар шарҳи ин меъёри қонуни ҷиноятӣ дар давраи зикршуда нуқтаи шабеҳ баён шуда буд, ки тибқи он ёрӣ расонидан ва талқин ба худкушии ноболиғон ва беморони руҳӣ ҳамчун одамкушии қасдона «бо роҳи истифодаи хусусиятҳои руҳии ҷабрдида иҷро шуда» бандубаст карда мешуд [122, с. 269]. Ба ақидаи мо, чунин баҳодиҳии ҳуқуқӣ-ҷиноятии кирдори мазкур бо назардошти дараҷаи баланди хавфи ҷамъиятии он мувофиқи мақсад буд.

Азбаски дар қонун шакли гуноҳ ҳангоми ба худкушӣ расонидан аниқ муайян нагардида, масъалаи мазмуни он дар илми ҳуқуқии ватанӣ хеле баҳснок ҳал шуда буд. Як қатор муаллифон дар ин ҷо қасди бевоситаро мушоҳида менамуданд. Аксарияти олимон чунин мешумориданд, ки ҷинояти мазкур бо қасди бавосита ё аз беэҳтиётӣ содир мешавад [124, с. 249].

Қабули КҶ ҶТ дар соли 1998 натиҷаи рушди бо суръати қонунгузории ватанӣ буд, ки боиси мукаммалтар ташаккул ёфтани таркиби ба худкушӣ расонидан ё сӯиқасд ба он нисбати ҳар як шахс гардид. Дар баробари ин, доираи роҳҳои содир намудани ҷинояти ба худкушӣ расонидан васеъ гардонида шуда ба чунин сифат: таҳдид, муомилаи бераҳмона ё пастзании мунтазами шаъну эътибори шахси ҷабрдида муқаррар гардиданд.

Ҳамин тавр инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расониданро таҳлил намуда метавон ба хулосаҳои зерин омад:

1. Ташаккул ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи тӯлонии рушдро тай намудааст. Давраи фаъолтарини ташаккули он ба асри XX рост меояд. Маҳз дар ҳамин давраи таърихӣ гузаштан аз ҷавобгарӣ барои худкушӣ ба танзими ҷавобгарӣ барои моил кардан ё талқин кардан ба он (КҶ ҶШФСР аз соли 1922) сурат гирифт.

2. Дар давраи шуравӣ дар аввал ҷавобгарӣ барои ба худкушӣ расонидан дар намуди меъёрӣ алоҳида, бо нигоҳ доштани ҷавобгарӣ барои ёрӣ

расонидан ё талқин кардан ба худкушии ноболиғ ё шахси номукаллаф (КҶ ҶШФСР 1922 сол, КҶ ҶШС Узбекистон 1926 сол, КҶ ҶШС Тоҷикистон 1935 сол) муқаррар гардида буд.

3. КҶ ҶШС Тоҷикистон 1961 сол шаклҳои гуногуни дахлдориро дар ба худкушӣ расонидан декриминализатсия намуд. Хусусияти таркиби ба худкушӣ расонидан мутобиқи КҶ ҶШС Тоҷикистон 1961 сол вазъи махсуси ҷабрдида ба ҳисоб мерафт, яъне шахсе, ки аз аз ҷиҳати моддӣ ё аз ҷиҳати дигар тобеъи гунаҳгор буд ва мавҷуд будани номгуйи пурраи роҳҳои содир намудани ҷиноят: муомилаи сахту дағал бо ҷабрдида ё доимо таҳқир кардани қадру қимати шахсии ӯ ба ҳисоб мерафт.

4. КҶ амалкунандаи ҶТ аз 21 майи соли 1998 ҷавобгариро барои ба худкушӣ расонидан дар м.109 КҶ боз ҳам васеътар намуда ба сифати роҳҳои содир намудани ҷинояти мазкур дар қатори муомилаи бераҳмона ё пастзании мунтазами шаъну эътибори шахси ҷабрдида, инчунин анҷом додани таҳдидро низ дохил намудааст.

## 1.3 Ҷавобгарӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ

Дар илми ҳуқуқшиносӣ, яке аз роҳҳои муассири такмили қонунгузорӣ истифодаи усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ мебошад. Ин усул таҳлили қонунгузории дигар кишварҳоро дар бар гирифта, ҷанбаҳои мусбии онро бо дарназардошти хусусиятҳои миллӣ мутобиқ месозад.

Тибқи назарияи Р.Ш. Сотиволдиев, муқоисаи қонунгузории Тоҷикистон бо кишварҳои дигар имконият медиҳад, ки таҷрибаи пешрафтаи онҳо барои рушди низоми ҳуқуқии миллӣ истифода шавад [189, с. 49]. Аз нигоҳи А.В. Егоров, «таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ имкони арзёбии сатҳи инкишофи низоми ҳуқуқии давлатро фароҳам меорад ва барои муайян кардани самтҳои беҳбудии он мусоидат мекунад» [252, с. 91].

Ҳадафи муқоисаи низомҳои ҳуқуқии ҷиноятии кишварҳои гуногун – дарёфт ва татбиқи усулҳои самарабахши ҳуқуқӣ барои такмили қонунгузории миллӣ мебошад.

Илова бар ин, таҳқиқоти муқоисавӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба муайян кардани нозукиҳои танзими қонунгузорӣ дар кишварҳои гуногун, таҳлили хусусиятҳои категорияҳои ҳуқуқӣ ва баррасии мазмуни истилоҳоти қонунгузории хориҷӣ нигаронида шудааст.

Омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ дар самти криминализатсия ва ҷанбаҳои криминологии он, яке аз бахшҳои муҳими ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Таҳлил ва муқоисаи қонунгузории кишварҳои гуногун дар ин самт барои такмили фаъолияти қонунгузорӣ дар давлатҳои муосир нақши муҳим мебозад.

Тибқи назари О. Ландсман, таҳқиқоти муқоисавӣ-ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки қонунгузории ҷиноятии миллӣ дар асоси таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ такмил ёбад. Аз нигоҳи Р. Белкин, омӯзиши таҷрибаи давлатҳои дигар на танҳо барои рушди назариявии ҳуқуқи ҷиноятӣ муҳим аст, балки он ба амалияи судӣ низ таъсири мусбат мерасонад.

Ба андешаи В.В. Петров, муқоисаи низомҳои ҳуқуқӣ воситаи самарабахшест барои муайян кардани мушкилоти мавҷуда дар қонунгузории миллӣ ва пешниҳод намудани ҳалли онҳо. Ҳамзамон, А.В. Наумов таъкид мекунад, ки ҳуқуқшиносии муқоисавӣ метавонад дар ҷараёни ҳамоҳангсозӣ ва муттаҳидсозии қонунгузории кишварҳои мухталиф нақши калидӣ бозад.

Истифодаи усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва татбиқи қонун имконият фароҳам меорад, ки мазмуни ҳуқуқи ҷиноятии амалкунандаи кишвар амиқтар таҳлил гардида, роҳҳои рушди минбаъдаи он пешгӯӣ карда шаванд.

Барои омӯзиши муқоисавии ҳуқуқӣ, қонунгузории ҷиноятии як қатор кишварҳои Аврупо, Осиёи Марказӣ, Амрикои Шимолӣ, Лотинӣ ва Африқо дар масъалаи ҷавобгарӣ барои ба худкушӣ расонидан таҳлил карда мешавад.

Ҷомеа аз гум кардани аъзоёни фаъоли худ дар натиҷаи худкушӣ ва эҳтимолияти пинҳон кардани қасдан ба худкушӣ дар ниқоби худкушӣ, муносибати манфии қонунгузорони кишварҳои гуногунро нисбат ба ин падида нишон медиҳад.

Ҳамаи мо ҳуқуқ ба мавҷудиятро дорем, аммо ин ба мо дар баробари қарзи муфид зистан, ҳаёти ба ягон мақсад бахшидашуда дода шудааст. Моҳияти ин масъала ба зиндагии шоиста нигаронида шудааст» [160, с. 194]. Чунин ибрози назар ифодагари он аст, ки «ҳаёт бояд тибқи қонун на танҳо ҳамчун шакли мавҷудияти биологӣ, балки ҳамчун роҳи худшиносии як фарди мушаххас баррасӣ шавад» [183, с. 11].

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, аз лаҳзаи қабули ислоҳи 14-ум ба Конститутсияи ИМА, мусоидат кардан ҳангоми худкушӣ дар аксари штатҳо расман ҷиноят эътироф карда шуд [277, с. 73-78].

Дар кишварҳои хориҷӣ ҷавобгарӣ барои ба худкушӣ расонидан ҳам дар кодексҳои ҷиноятӣ ва ҳам дар қонунҳои алоҳида муқаррар шудааст. Дар Британияи Кабир, ки қонуни ҷиноятии умумии тасдиқшуда надорад, қонунҳои алоҳидаи ба худкушӣ ва одамкушӣ, аз қабили Қонуни одамкушӣ (1957) ва Қонуни худкушӣ (1961), амал мекунанд [306, с. 53].

Дар низоми қонунҳои романо-олмонӣ, таърифи ҷиноятҳо алайҳи ҳаёт асосан дар кодексҳои ҷиноятӣ дода мешавад, вале ба ғайр аз ин, як қатор сарчашмаҳои дигаре низ мавҷуд аст, ки якҷоя бо Кодекси ҷиноятӣ амал мекунанд.

Дар қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ ба намудҳои гуногуни одамкушӣ, ки бо муқобили ҳаёт алоқаманданд, назар меравад. Ба инҳо қатли кӯдак, кирдорҳои ба худкушӣ алоқаманд, аз беэҳтиётӣ ба марг расонидан, хатарнок гузоштан ва қатъ кардани ҳомиладорӣ (исқоти ҳамл) дохил мешаванд [287, с. 36-38].

Барои дарки табиати ҳуқуқии манъи ба худкушӣ расонидан, аломатҳои объективии таркиби ҷиноят аҳамияти калон доранд.

Дар қонунгузории ҷиноятии аксари кишварҳои хориҷӣ, сӯиқасд ба худкушӣ ҷазои ҷиноятӣ ҳисобида намешавад, ба истисноии ҳолатҳое, ки шахсони дигар дар содир кардани амали худкушӣ шарик ё дар тайёрӣ ба он ширкат мекунанд.

Қонунгузории давлатҳои хориҷӣ шаклҳои гуногуни ба худкушӣ расониданро ҷиноят ҳисоб мекунад. Чунин таркиби ҷиноятҳо, аз қабили таҳрик кардан ба худкушӣ дар Кодекси ҷиноятии (Австрия [222, с. 154], Ҳиндустон [22, с. 125], Италия [4, с. 35]), кумак расонидан ба худкушӣ дар Кодекси ҷиноятии Дания [21, с. 82], ИМА – иёлоти Ню-Йорк [207, с. 71], Филиппин [38], Чили [43]), моил кардан ба худкушӣ дар Кодекси ҷиноятии (Арманистон [26, с. 278], Беларуссия [27], Қирғизистон [30], Туркманистон [37]), худи ба худкушӣ расонидан дар Кодекси ҷиноятии (Озарбойҷон [18, с. 201], Арманистон, Беларуссия, Молдова [26; 27; 31]) ва ҷонибдорӣ аз худкушӣ кардан дар Кодекси ҷиноятии (Австралия [222, с. 142]) низ маълум аст.

Ҷавобгарӣ барои таҳрик кардан ва кумак расонидан ба худкушӣ дар қонунгузории ҷиноятии Австрия (§ 78) [223, с. 154], Аргентина (м. 83) [19, с. 85], Бразилия (м. 122) [41], Англия (қонун оид ба худкушӣ соли 1961), Венесуэла (м. 414) [45], Нидерланд (м. 294) [20, с. 224], Ҳиндустон (м. м. 305, 306) [22, с. 125], Испания (м. 143) [23], Италия (м. 580) [4, с. 35], Канада (м. 241) [48, с. 201], Колумбия (м. 107) [42], Куба (м. 266) [55, с. 37], Малта (м. 213) [50], Нигерия (326) [51], Норвегия (пар. 236) [201], Лаҳистон (м. 161) [48], Перу (м. 113) [57], Руминия (м. 179) [58], Парагвай (м. 106) [54], Сан-Марино (м. 151) [33, с. 120], ИМА-Калифорния (м. 401) [174, с. 247], Уругвай (м. 315) [44], Фиҷи (м. 219) [46], Швейтсария (м. 115) [59, с. 201], Эквадор (м. 454) [52] пешбинӣ шудааст.

Дар КҶ Ҷумҳуриҳои Булғористон (м. 127) [28, с. 125], Литва (м. м. 133, 134) [24, с. 244], Македонияи Шимолӣ (м. 128) [49] ҷавобгарӣ барои таҳрик

кардан ва кумак расонидан ба худкушӣ дар баробари ҷавобгарӣ барои ба худкушӣ расонидан пешбинӣ карда шудааст.

Дар КҶ Ҷумҳуриҳои Дания (§ 240) [21], Ҷумҳурии Сербия (м. 51) [34, с. 96-97], ИМА - иёлоти Ню-Йорк (фаслҳои 120.30) [39], Тунис (м. 206) [56], Филиппин (м. 253) [38], Чили (м. 393 [21]), танҳо барои кумак расонидан ба худкушӣ ҷазо дода мешавад, аммо на барои таҳрик кардан ба он.

Таҳлили қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки меъёрҳо дар мавриди ҷавобгарӣ барои таҳрик ва кумак расонидан ба худкушӣ дар қонунгузорӣ бо фарқияти камтарин ба назар мерасанд. Бо вуҷуди ин, дар айни замон қонунгузор ва таҷрибаи судӣ ба таври аниқ фарқгузорӣ мекунанд байни мафҳумҳои «одамкушӣ тибқи дархости ҷабрдида» ва «кумак расонидан дар худкушӣ».

Дар Кодекси ҷиноятии Дания, «агар шахс шахси дигарро тибқи дархости ӯ ба қатл расонад, барои ин ба муҳлати на камтар аз 60 рӯз ҳабс карда мешавад. Агар шахс ба дигаре барои содир кардани худкушӣ кумак кунад, ба ӯ ҷарима ё ҳабси оддӣ татбиқ мегардад (параграфи 239). Агар ин кирдор бо кумаки роҳнамоӣ ва бо манфиати шахсӣ содир шуда бошад, ҷазо ҳабс аст, ки муҳлати он на зиёда аз се сол мебошад (параграфи 240)» [21, с. 82].

Бо назардошти ин, дар муқоиса бо Кодекси ҷиноятии Тоҷикистон, ки моддаи махсусе барои «ба худкушӣ расонидан» дорад, дар Кодекси ҷиноятии Дания чунин моддаи мустақил вуҷуд надорад.

Англия яке аз давлатҳоест, ки дар он шарикӣ ва таҳрик кардан ба худкушӣ чун одамкушӣ баррасӣ карда мешавад.

То соли 1961, ки қонунгузории Англия «барои бездоштани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои худкушӣ ва сӯиқасд ба он тағйир ёфт, чунин амалҳо ҳамчун шарикӣ дар одамкушӣ шомил шуда, таҳти амали Қонуни одамкушӣ (1957) қарор мегирифтанд» [306, с. 53].

Тибқи «Қонун оид ба худкушӣ» (1961) дар Англия, шахсе, ки ба дигаре барои худкушӣ кумак мекунад, таҳрик мекунад, тавсия медиҳад ё то ба худкушӣ мерасонад, метавонад ба муҳлати то 14 сол маҳкум карда шавад».

Чунин муқаррарот дар амалияи судии Англия ҳамон давра мавҷуд буданд. Ҳамин тариқ, дар ҳукми парвандаи «Commonwealth Mink», суд ба чунин хулоса омад: «Агар худкушии шахс ҷинояти вазнин бошад, [пас] мусоидат кардан ба гуноҳи шарикӣ кардан ва таҳрик кардан ҳангоми одамкушӣ шабеҳ аст» [313]. Ин муқаррарот парвандаи «Commonwealthv Bowen» -и соли 1813-ро мисол меорад [311].

Равиши дар боло овардашуда дар ИМА то андозае қабул шудааст. Тибқи КҶ штати Ню-Йорк (фасли 125.15), шахс дар одамкушии дараҷаи дувум айбдор дониста мешавад, агар ӯ қасдан шахси дигарро ба худкушӣ водор намояд (cause), ба шахси дигар барои содир кардани худкушӣ кумак расонад ё шахси дигарро то ба худкушӣ оварда расонад.

Тибқи КҶ Норвегия (§ 236), «шахсе, ки ба шахси дигар барои содир кардани худкушӣ кумак мерасонад ва таҳрик мекунад, бояд мавриди ҳамон ҷазое қарор гирад, ки барои шарикӣ кардан ва таҳрик кардан ба одамкушӣ пешбинӣ шудааст» [160]. Дар Шветсия, ки ҳеҷ гуна қонун ҷавобгариро барои кумак расонидан ба худкушӣ пешбинӣ накардааст, чунин ҳаракатҳо дар амалия ҳамчун одамкушӣ бандубаст карда мешаванд, гарчанде ки ҷазо на он қадар вазнин аст [60].

Дар шумораи зиёди давлатҳои хориҷӣ, таҳрик кардан ва кумак расонидан ба худкушӣ, инчунин ба худкушӣ расонидани ноболиғон (хурдсолон) ва шахсони номукаллаф ҳамчун одамкушӣ бандубаст карда мешаванд. Гузашта аз ин, дар баъзе давлатҳо чунин бандубаст бевосита дар қонунҳои ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст (Босния ва Ҳерсеговина, Македонияи Шимолӣ, Ҷумҳурии Сербия, Судон).

Масалан, дар Италия, Федератсияи Босния ва Ҳерзеговина, Македонияи Шимолӣ таҳрик кардан ба худкушӣ ва расонидани кумак ба ин амал бар

зидди ноболиғони то 14-сола ё шахсе, ки қобилияти хостану фаҳмидани хусусияти амали худро надоранд, ҳамчун одамкушӣ бандубаст карда мешавад. Тибқи Кодекси ҷиноятии Судон (м. 134), «ҳар шахсе, ки ноболиғ (ба сини балоғат нарасида) ё бемори руҳӣ, ё шахси дар ҳолати мастӣ ва ё парешонии руҳӣ ё равонӣ қарордоштаро ба худкушӣ водор кардааст, мавриди ҳамон ҷазое қарор мегирад, ки қонун барои куштори қасдона муқаррар кардааст» [8].

Тарафи субъективии таркиби ҷиноят дар қонунгузорӣ аҳамияти калони ҳуқуқӣ дорад. Бо вуҷуди ин, дар аксарияти кишварҳои хориҷӣ қонунгузор ба ошкор кардани он камтар диққат медиҳад.

Дар Кодекси ҷиноятии Швейтсария (моддаи 115) истисно вуҷуд дорад, ки аломати муҳим барои таркиби ҷиноят ҳангоми таҳрик кардан ва кумак расонидан ба худкушӣ, мавҷуд будани «мақсади худхоҳона» ва «тамаъ» (манфиат) дар амалҳои гунаҳгор аст [59, с. 201].

Дар қонунгузориҳои ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ доираи кирдориҳои бо ба худкушӣ расонидан алоқаманд ба таври гуногун муайян шудааст.

Дар КҶ ФР [36] ба таври алоҳида се таркиби ҷиноят муқаррар карда шудаанд, ки бевосита бо ба худкушӣ расонидан алоқаманд мебошанд. Таркиби ҷиноятӣ дар м.110 КҶ ФР (Ба худкушӣ расонидан) мустаҳакам шуда бо меъёри дахлдори КҶ ҶТ (м.109 КҶ) монанд аст. Фарқият танҳо дар аломатҳои вазнинкунада ба назар мерасад, ки номгуйи он дар қ.2 м.110 КҶ ФР васеътар нишон дода шуда, аз ҷумла «содир намудани кирдорҳои мазкурро нисбати ноболиғ ё шахси баръало барои гунаҳгор дар ҳолати оҷизӣ қарордошта ё аз гунаҳгор дар вобастагии моддӣ ё дигар вобастагӣ буда; нисбати зани баръало барои гунаҳгор дар ҳолати ҳомиладорӣ қарордошта; нисбати ду ё бештар шахсон; аз ҷониби гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё аз ҷониби гуруҳи муташаккил; дар баромадҳои оммавӣ, намоиши оммавии

асарҳо, шабакаҳои иттилооти оммавӣ ё шабакаҳои иттилоотӣ-телекоммуникасионӣ ( шабакаи «Интернет») дар бар мегирад» [36].

Ба андешаи мо ба сифати аломати вазнинкунандаи ба худкушӣ расонидан ҷудо намудани ҳолатҳои содир шудани кирдорҳои мазкур нисбати занони ҳомиладор, шахси дар ҳолати оҷизӣ қарордошта, нисбати ду ё бештар шахсон, бо **истифода аз шабакаҳои иттилооти оммавӣ ё шабаки «Интернет» дар КҶ ФР асоснок ба ҳисоб** меравад ва ҷойгир намудани чунин ҳолатҳо метавонад барои такмил додани аломатҳои вазнинкунанда дар м.109 КҶ ҶТ дар самти фарқгузорӣ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан ба мақсад мувофиқ бошад.

Дар КҶ ФР дар фарқият аз КҶ ҶТ инчунин моил кардан ба содир намудани худкушӣ ё мусоидат кардан барои содир намудани худкушӣ (м.110.1.) ва ташкили фаъолияти барои ба вуҷуд овардани ангеза барои содир намудани худкушӣ равонашуда (м.110.2. КҶ ФР) ба сифати таркиби мустақил ҷудо карда шудаанд.

Дар м.110.1 КҶ ФР таркиби моил кардан ба содир намудани худкушӣ ё мусоидат ба он чунин муайян шудааст: «моил намудан барои содир намудани худкушӣ бо роҳи багапдарорӣ, таклиф, порадиҳӣ, фиреб ё усули дигар ҳангоми ҷой надоштани аломатҳои ба худкушӣ расонидан (қ.1 м.110.1 КҶ); мусоидат кардан ба содир намудани худкушӣ тавассути маслиҳатҳо, нишондодҳо, пешниҳод намудани маълумотҳо, восита ё олоти содир намудани худкушӣ ё рафъ намудани монеъаҳо барои содир шудани он ё ваъдаи пинҳон намудани восита ё олоти содир намудани худкушӣ (қ.2. м.110 КҶ ФР)» [36].

Дар м.110.2. КҶ ФР ҷавобгарӣ инчунин «барои ташкили фаъолияти ба вуҷудоварандаи ангеза барои содир намудани худкушӣ муқаррар шудааст, ки он бо роҳи паҳн намудани маълумотҳо дар бораи усулҳои содир намудани худкушӣ ё даъватҳо барои содир намудани худкушӣ ифода мегардад» [36

Ҳамин тавр, таҳлили м.м. 110.1. ва 110.2. КҶ ФР нишон медиҳад, ки моҳиятан дар меъёрҳои мазкур ҷавобгарӣ барои намудҳои дахлдори таҳрикнамӣ ё ёрдамчигӣ дар содир намудани худкушӣ муқаррар шудааст.

Дар муқоиса бо КҶ ФР КҶ ҶТ барои моил кардан ба худкушӣ ё мусоидат кардан ба худкушӣ бевосита ҷавобгарӣ пешбинӣ накардааст. Бинобар ин, зарур мешуморем, ки дар КҶ ҶТ таркиби мустақили ҷиноятҳои моил кардан ба худкушӣ ё мусоидат кардан ба худкушӣ ворид карда шавад:

**Моддаи 109.1. Моил кардан ба худкушӣ ё мусоидат кардан ба худкушӣ**

1. Моил намудан барои содир намудани худкушӣ бо роҳи багапдарорӣ, таклиф, порадиҳӣ, фиреб ё усули дигар ҳангоми ҷой надоштани аломатҳои ба худкушӣ расониданд....

2. Мусоидат кардан ба содир намудани худкушӣ тавассути маслиҳатҳо, нишондодҳо, пешниҳод намудани маълумотҳо, восита ё олоти содир намудани худкушӣ ё рафъ намудани монеъаҳо барои содир шудани он ё ваъдаи пинҳон намудани восита ё олоти содир намудани худкушӣ....

Дар КҶ Ҷумҳурии Қирғизистон [30] таркиби ҷинояти ба худкушӣ расонидан хусусиятҳои худро дорад. Аввалан, дар фарқият аз м.109 КҶ ҶТ м.128 КҶ Қирғизистон ба сифати яке аз роҳҳои ба худкушӣ расонидан на худи таҳдид балки таҳдиди истифодаи зуроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок нишон дода шудааст. Дуюм пастзании шаъну эътибори шахси ҷабрдида бо ҳолати мунтазам содир шудани он вобаста карда нашудааст, яъне як маротиба содир намудани чунин кирдор мумкин аст, асос шавад барои бандубасти он ҳамчун ба худкушӣ расонидан. Сеюм, м.128 КҶ Қирғизистон ҷавобгариро вобаста ба шакли гуноҳ ҳангоми ба худкушӣ расонидан тафриқабандӣ намудааст. Агар таҳдиди истифодаи зуроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок, муносибати бераҳмона ё паст задани обруву эътибори шахс аз беэҳтиётӣ боиси аз ҷониби ҷабрдида содир намудани худкушӣ ё суйиқасди худкушӣ гардида бошад чунин кирдор ҷавобгариро дар

асоси қ.1 м.128 КҶ ба вуҷуд меорад. Ҳангоме, ки содир намудани кирдорҳои мазкур бо мақсади ба худкушӣ расонидани шахс содир шуда, боиси аз ҷониби ҷабрдида худкушӣ намудан гардида бошад чунин кирдор мутобиқи қ.3 м.128 КҶ Қирғизистон бандубаст карда мешавад.

Ҳамин тавр, қонунгузории Қирғизистон ҳам аз беэҳтиётӣ ва ҳам қасдан ба худкушӣ расониданро фарқ намуда, нисбати охирин ҷавобгарии пурзурро муқаррар намудааст.

Ба сифати ҳолати вазнинкунандаи таркиби ба худкушӣ расонидан ба ғайр аз аломатҳои вазнинкунандаи дар қ.2 м.109 КҶ ҶТ пешбинӣ шуда, КҶ Қирғизистон инчунин «содир намудани чунин кирдорҳоро бо истифода аз шабакаҳои телекоммуникасионӣ, аз ҷумла шабакаи Интернет» [30] мустаҳакам сохтааст.

Дар КҶ Қирғизистон, инчунин ба таври алоҳида таркиби ҷинояти моил кардан ба худкушӣ (м.129 КҶ) муқаррар шудааст. Мутобиқи моддаи мазкур «моил кардан ба худкушӣ, яъне дар шахси дигар ба вуҷуд овардани хоҳиши содир намудани худкушӣ бо роҳи багапдарорӣ, фиреб ё дигар усул, ки боиси аз ҷониби ҷабрдида содир шудани худкушӣ ё суйиқасди содир намудани худкушӣ гардидааст» [30].

Ҳамин тавр, КҶ Қирғизистон дар фарқият аз КҶ ФР танҳо кирдорҳои таҳриккунанда ба худкуширо ба сифати таркиби мустақили ҷиноят ҷудо намудааст.

Дар КҶ Ҷумҳурии Белорус [27] низ таркиби алоҳидаи ҷиноятҳои ба худкушӣ расонидан (м.145) ва моил кардан ба худкушӣ (м.146) муқаррар шудааст. Роҳҳои содир намудани ба худкушӣ расонидан бо роҳҳои дар м.109 КҶ ҶТ муайяншуда монанд мебошанд. Фарқият дар он аст, ки қонунгузории Белорус бо роҳи таҳдид ба худкушӣ расониданро возеҳтар ифода намудааст, яъне бо роҳи таҳдиди истифодаи зӯроварӣ ба ҷабрдида ё наздикони ӯ, несту нобуд, вайрон кардан ё ситонидани молу мулки онҳо, паҳн намудани

маълумотҳои бардуруғ ё дигар маълумотҳо, ки онҳо мехоҳанд пинҳон доранд.

Моил кардан ба худкушӣ дар м.146 КҶ Белорус чунин муайян шудааст: «қасдан дар шахси дигар ба вуҷуд овардани хоҳиши содир намудани худкушӣ, агар дар натиҷа шахс худкушӣ ё суйиқасд ба он намуда бошад. Ба сифати ҳолати вазнинкунандаи ҷинояти мазкур ба худкушӣ моил намудани ду ё зиёда шахсон ё баръало шахси ноболиғ муқаррар шудааст» [27].

КҶ Узбекистон [35] низ дар баробари таркиби ҷинояти ба худкушӣ расонидан (м. 103 КҶ), инчунин барои моил кардан ба худкушӣ (м.103[1] КҶ) ҷавобгарӣ муайян сохтааст. Дар фарқият аз КҶ Белорус дар КҶ Узбекистон усулҳои моил кардан ба худкушӣ аз тарафи қонунгузор номбар шудааст, яъне бо роҳи багапдарорӣ, фиреб ё дигар роҳ моил кардани шахс ба худкушӣ. Доираи аломатҳои вазнинкунандаи ба худкушӣ расонидан дар м.103[1] КҶ Узбекистон ба таври васеътар муқаррар шуда, ба чунин сифат ғайр аз нисбати ноболиғ содир шудани чунин ҳаракатҳо, инчунин ҳолатҳои дигар, ба монандӣ «нисбати зани ҳомиладор; бо маслиҳати пешакӣ аз ҷониби гуруҳи шахсон; бо истифода аз шабакаҳои телекоммуникасионӣ, инчунин шабакаи иттиллотии умумиҷаҳонии Интернет содир шудани ҷинояти мазкур мустаҳкам шудааст» [35].

Қонунгузории ҷиноятии Туркманистон ҷавобгарӣ барои моил кардан ба худкушӣ ва ба худкушӣ расониданро дар қисмҳои гуногуни як модда (м.106 КҶ) пешбинӣ намудааст [37]. Таркиби ҷинояти моил кардан ба худкушӣ бо меъёрҳои дахлдори давлатҳои дигари таҳлил шуда монанд мебошад. Хусусияти таркиби ҷинояти ба худкушӣ расонидан дар он ифода мегардад, ки дар он ба сифати роҳҳои анъанавии содир намудани ҷинояти мазкур туҳмат нишон дода шудааст, мумкин аст аз назари такмил додани қонунгузории ҷиноятии ҶТ истифода шавад.

Дар КҶ Молдова [31] шаклҳои гуногуни ба худкушӣ расонидан дар як модда муттаҳид гардидааст. Чунончи м.150 КҶ Молдова ҷавобгариро «барои

ба худкушӣ расонидан ё қасдан мусоидат кардан барои содир намудани худкушӣ, аз ҷумла тавассути шабакаҳои коммуникатсияҳои барқӣ, ки боиси худкушӣ гаштааст, муайян сохтааст. Агар кирдорҳои мазкур танҳо боиси суйиқасд ба худкушӣ гардида бошанд, ҷавобгарӣ вобаста ба қ.4 моддаи мазкур ба вуҷуд омада он боиси ҷазои сабуктар мегардад» [31].

КҶ Ҷумҳурии Молдова дар моддаи алоҳида (м.150.1) «сафедкунии оммавии худкуширо ҷиноят эътироф намудааст, яъне паҳн намудан ё барои ҷомеа пешниҳод намудани маълумотҳо оид ба дуруст эътироф намудани худкушӣ, сазоворӣ тақлид ё рафтори боиси дастгирӣ будани худкушӣ. Сафедкунии оммавии худкушӣ ба андешаи мо як намуди таҳрикнамоӣ барои худкушӣ ба ҳисоб меравад, ки ҷавобгарӣ барои он дар қонунгузориҳои баъзе аз давлатҳои пасошуравии зикршуда низ муқаррар шудааст» [31].

Дар КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон, [29] КҶ Озарбойджон, [261] ба монанди КҶ ҶТ ҷавобгарӣ танҳо барои ба худкушӣ расонидан муайян гардидааст.

КҶ Қазоқистон таркиби асосии ба худкушӣ расонидаро ба монанди м.109 КҶ ҶТ муайян намудааст. Фарқият танҳо дар аломатҳои вазнинкунанда мебошад, ки номгуйи он дар КҶ Қазоқистон (қ.2 м.105 КҶ) васеътар мебошад. Дар қ.2 м.105 КҶ Қазоқистон чунин аломатҳои вазнинкунандаи ба худкушӣ расонидан муайян гаштааст: «нисбат ба шахси дар ҳолати оҷизӣ қарор доштани ӯ баръало барои гунаҳгор аён аст ё нисбат ба шахси аз ҷиҳати моддӣ ё аз ҷиҳати дигар аз гунаҳгор вобастабуда; нисбат ба ду ё зиёда шахс; аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо созиши пешакӣ ё гурӯҳи ҷиноятӣ; тавассути истифодаи шабакаҳои телекоммуникатсия, аз ҷумла, шабакаи Интернет содир шуда бошад» [29].

Нисбати ноболиғ содир шудани ба худкушӣ расонидан ҳамчун аломати махсусан вазнинкунанда дар қ.3 м.105 КҶ Қазоқистон муайян шуда он боиси ҷазои вазнинтар мегардад.

Таркиби нисбатан маҳдуди ба худкушӣ расонидан дар м.125 КҶ Озарбойҷон мустаҳакам шуда, дар он ба сифати ҷабридида «танҳо шахсе

баромад менамояд, ки аз гунаҳгор дар вобастагии моддӣ, хизматӣ ё дигар вобастагӣ қарор дорад» [18].

Ҳамин тариқ, қонунгузории ҷиноятии кишварҳои мухталиф таркибҳои зиёди монанди ба худкушӣ расониданро дар бар мегирад, зеро ҳаёт манфиати олӣ буда, таҳти ҳимояи ҳуқуқи байналмилалӣ ва қонунҳои ҷиноятии давлатҳои алоҳида қарор дода шудааст [287]. Он марзи миллӣ надорад ва хусусияти умумиинсонӣ дорад. Бо вуҷуди ин, ҳар як кишвар танҳо мафҳумҳои ҳуқуқӣ, анъанаҳои миллии фарҳанги ҳуқуқӣ, институтҳои мушаххаси ҳуқуқии ба худ хосеро дорад, ки ҳам дар қонунгузорӣ ва ҳам дар фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ пайдо кардан мумкин аст [195, с. 14].

Ҳангоми ҷамъбасти омӯзиши институти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ, мухтасар ифода кардани як қатор хулосаҳои бунёдӣ мувофиқи мақсад аст.

1. Яке аз хусусиятҳои муҳими ҷиноят шуморидани ба худкушӣ расонидан дар он аст, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои амалҳое, ки бо он алоқамандананд, дар кишварҳои гуногун на танҳо дар кодексҳои ҷиноятӣ, балки дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ низ муқаррар карда мешавад.

Таҳлили қонунгузории байналмилалӣ нишон медиҳад, ки муносибат ба чунин амалҳо вобаста ба низоми ҳуқуқӣ ва арзишҳои ахлоқии ҳар кишвар фарқ мекунад. Масалан:

- **Дар баъзе давлатҳо** (масалан, Австрия, Ҳиндустон, Италия, Фаронса) танҳо таҳрик ё барангехтани худкушӣ ҳамчун ҷиноят эътироф мешавад.
- **Дар дигар кишварҳо** (мисли Дания, ИМА, Тунис, Филиппин, Чили) қонунгузорӣ инчунин кӯмак расонидан ба худкушӣ ё таъмини шароит барои анҷоми он боиси ҷавобгарии ҷиноятӣ мегардад.
- **Дар баъзе давлатҳо, ба мисли Австралия**, ҳатто таблиғ ё ҷонибдорӣ аз худкушӣ метавонад ҷиноят ҳисобида шавад.

Ин фарқиятҳо нишон медиҳанд, ки қонунгузории байналмилалӣ нисбати масъалаи худкушӣ ва омилҳои ба он мусоидаткунанда равиши ягона надорад.

Ин ҳолат зарурати таҳқиқ ва такмили механизмҳои ҳуқуқиро барои ҳифзи шахсони осебпазир ва пешгирии суиистифода дар ин самт таъкид мекунад.

2. Дар як қатор давлатҳо (Босния ва Ҳерзеговина, Британиёи Кабир, Македонияи Шимолӣ, Норвегия, Ҷумҳурии Сербия, Шветсия, Судон, ИМА-иёлати Ню-Йорк) чунин шаклҳои ба худкушӣ расонидан, ба монанди таҳрик кардан ва кумак кардан дар худкушӣ, инчунин ба худкушӣ расонидани ноболиғон, хурдсолон ё номукаллафон ҳамчун одамкушӣ бандубаст карда мешаванд.

3. Дар фарқият аз КҶ ҶТ, КҶ аксарияти давлатҳои пасошуравӣ кирдорҳои марбут ба моил кардан ба худкушӣ (Россия, Қирғизистон, Белорус, Узбекистон, Туркманистон), сафедкунии оммавии худкушӣ (КҶ Молдова) ҷиноят эътироф намудаанд.

4. Тарафи субъективии ба худкушӣ расониданро ба ғайр аз КҶ Қирғизистон қонунгузориҳои дигар давлатҳои пасошуравӣ мушаххас тавсиф накардаанд. Дар КҶ Қирғизистон бевосита тарафи субъективии ба худкушӣ расонидан нишон дода шуда, ҳам аз беэҳтиётӣ ва ҳам қасдан ба худкушӣ расонидан фарқ гашта, нисбати охирин ҷавобгарии пурзур муқаррар шудааст.

5. Бо назардошти таҷрибаи қонунгузории давлатҳои пасошуравӣ ба мақсад мувофиқ мебуд, агар номгуйи аломатҳои вазнинкунандаи ба худкушӣ расонидан васеъ карда шуда ба чунин сифат ҳолатҳои зерин муқаррар карда шаванд: баръало дар ҳолати оҷизӣ қарор доштани ҷабрдида, нисбати ду ё зиёда ҷабрдида, аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо созиши пешакӣ ё гурӯҳи ҷиноятӣ, тавассути истифодаи шабакаҳои телекоммуникатсия, аз ҷумла, шабакаи Интернет содир шудани ба худкушӣ расонидан.

**1.** Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии чораҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ оид ба муқовимат алайҳи ба худкушӣ расонидан зарур мешуморем, ки номгӯи тарзҳои содир кардани ҷиноят бо роҳи дар диспозитсияи м. 109 КҶ ҶТ илова кардани усулҳои фиреб, иръоб (шантаж), ришвадиҳӣ, туҳмат ё таҳқир васеъ карда шавад.

2. Дар муқоиса бо қонунгузориҳои баъзе аз давлатҳои хориҷӣ (КҶ Россия, Қирғизистон, Белорус, Узбекистон, Туркманистон) КҶ ҶТ, барои моил кардан ба худкушӣ ё мусоидат кардан ба худкушӣ бевосита ҷавобгарӣ пешбинӣ накардааст. Бинобар ин, зарур мешуморем, ки дар КҶ ҶТ таркиби мустақили ҷиноятҳои моил кардан ба худкушӣ ё мусоидат кардан ба худкушӣ ворид карда шавад:

Моддаи 109.1. **Моил кардан ё мусоидат кардан ба худкушӣ**

1. Ба худкушӣ моил намудан бо роҳи таҳрик, боваркунонӣ, маҷбурсозӣ, фиреб, ваъда додани манфиат ё дигар усулҳои таъсиррасонӣ, агар дар кирдор аломатҳои ба худкушӣ расонидан мавҷуд набошанд...

**2.** Мусоидат ба содир кардани худкушӣ бо роҳи додани маслиҳат, роҳнамоӣ, пешниҳод ё таъмин намудани маълумот, восита ё олоти худкушӣ, рафъи монеаҳо барои анҷом додани он ё ваъдаи махфӣ нигоҳ доштани восита ё олоти худкушӣ....

# БОБИ 2. АЛОМАТҲОИ ОБЪЕКТИВИИ ҶИНОЯТИ БА ХУДКУШӢ РАСОНИДАН

## 2.1. Объект ба худкушӣ расонидан

Объекти ҷиноят аз ҷумлаи масъалаҳои марказӣ ва ибтидоии ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳисоб рафта, он унсури ҳатмии таркиби ҷиноят мебошад. Ин ифода маънои онро дорад, ки ҷиноят бе объект вуҷуд дошта наметавонад ва кирдори ҷиноятӣ маҳз ба объекти ҷиноят равона мешавад. Илова бар ин, барои дақиқ муайян кардани моҳияти дилхоҳ ҷиноят таҳлилро бояд аз объекти он оғоз намуд, чунки сохтори Қисми махсуси КҶ ҶТ, муттаҳидсозии таркиби ҷиноятҳо дар фаслу бобҳо ба банду басти ҷиноятҳо аз рӯи объекти ҷиноят вобастагӣ дорад.

Масъалаи объекти ҷиноят ҳамеша таваҷҷуҳи олимони соҳаи криминалистикаро ба худ ҷалб кардааст [161]. Масалан, А. Н. Трайнин зикр менамояд, ки ҳар як ҷиноят ҳамеша таҷовуз ба объекти муайян мебошад [198, с. 122]. Аз ин гуфтаи олим метавон натиҷагирӣ намуд, ки кирдори ҷиноятӣ бе объекти таҷовуз вуҷуд дошта наметавонад. Масъалаи мазкур боиси баҳсу таҳлили олимони зиёди соҳа қарор гардидааст. Аз ҷумла ба ақидаи В.В. Лунеев, объекти ҷиноят чизест, ки ҷиноят ба он таҷовуз мекунад, яъне он омиле ба шумор меравад, ки ҷиноят онро халалдор менамояд, ба раванди он зарар ворид менамояд ё метавонад зарар расонад [210, с. 117].

Баррасии масоили назариявии марбут ба объекти ҷиноят дар корҳои илмии Ю.И. Ляпунов мавқеи хос дорад. Объекти ҷиноят моҳияти иҷтимоӣ ва хавфи ҷамъиятии онро муайян карда, самти кирдори содиршударо нишон медиҳад [146, с. 7]. Ба қавли Г.А. Кригер: «Объекти ҷиноят барои сохти (конструксия) таркиби ҷиноятҳои алоҳида, барои ифшои мазмуни иҷтимоию сиёсии онҳо ва ошкор кардани хавфи иҷтимоии ҷиноят аҳаммияти ҳалкунанда дорад» [265, с. 111]. Аз нигоҳи мо муҳимияти объекти ҷиноят дар он ифода меёбад, ки он асоси тартиб додани Қисми махсуси КҶ ҶТ ба фаслҳо

ва бобҳо гардида, инчунин ҳангоми бандубасти ҷиноят, ҷудо кардани як ҷиноят аз дигар ҷиноят аҳаммияти муҳим дорад.

Назар ба андешаи як гурӯҳ муаллифон «муносибатҳои ҷамъиятие, ки ба он ҷинояткор таҷовуз менамояд, ҳар чӣ қадар арзишманд бошад, ҳамон қадар хусусияти хавфи ҷамъиятии содиршавии ҷиноят боло меравад» [95, с. 57]. Бешубҳа, арзиши муносибатҳои ҷамъиятӣ дар афзалияти объектҳои таҷовуз бо қонуни ҷиноятӣ ҳимояшаванда, ки дар қ. 1-и м. 2-и КҶ ҶТ дақиқан мутобиқи Конститутсияи ҶТ ва дигар қонунҳо асоснок карда шудааст, ифода меёбад.

Дар айни замон як зумра олимон вобастагии бевоситаи мутаносиби хусусияти хавфи ҷамъиятии кирдорро аз гуногуншаклии объекте, ки ба он ҷиноят таҷовуз менамояд, мавриди танқиди асоснок қарор додаанд. Чунончи, Аз нуқтаи назари Л.Д. Гаухман, сатҳи арзишҳое, ки дар «қисми 1 моддаи 2 Кодекси ҷиноятии Федератсияи Русия (қисми 1 моддаи 2 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ эълон шудаанд, танҳо як эъломия буда, на танҳо ба воқеият мувофиқат намекунад, балки бевосита бо он дар ихтилоф аст.

Ба андешаи ӯ, қисми 1 моддаи 2 Кодекси ҷиноятии Федератсияи Русия (соли 1996) тартиби воқеии афзалияти арзишҳоро муайян намекунад. Дараҷаи баланди ҳифзи арзишҳои номбаршуда ва дигар арзишҳои иҷтимоӣ, ки дар номҳои фаслҳо ва бобҳои қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ зикр шудаанд, ба андозаи ҷазоҳои пешбинишуда вобаста аст.

Муаллиф ин мавқеи худро тавассути таҳлили муқоисавии санксияҳои моддаҳои Кодекси ҷиноятии Федератсияи Русия тасдиқ намуда, нишон додааст, ки тибқи таҳлилҳои оморӣ, муҳлати миёнаи маҳрум сохтан аз озодӣ дар қонунгузории ҷиноятӣ барои ҳифзи арзишҳои зерин бештар аст:
Асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат – 9,1 сол, сулҳ ва амнияти инсоният – 8,9 сол» [79, с. 72-73].

Аз нигоҳи илмӣ гуфтаҳои Л.Д. Гаухманро пайравӣ намуда, эътироф бояд кард, ки аз дақиқ муайян кардани объекти ҷиноят дуруст банду баст кардани кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок сахт вобастагӣ дорад.

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ В.И. Динека, В.В. Мозяков, Р.Б. Осокин, А.Д. Семенов ва дигарон объекти ҷиноятро ҳамчун муносибатҳои ҷамъиятӣ муайян кардаанд [205], ки дар адабиёти ҳуқуқӣ ин мафҳум ба шаклҳои гуногун арзёбӣ шудааст.

Дар муайян кардани объекти ҷиноят олимоне чун А.А. Пионтковский, Б.С. Никифоров, Н.И. Загородников саҳми арзанда доранд [172, с. 129-130].

Консепсияи объекти ҷиноят ҳамчун муносибатҳои ҷамъиятӣ дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ дар ибтидои асри XX ташаккул ёфт. Аввалин бор муҳаққиқ А.А. Пиантковский дар соли 1924 чунин ақидаро баён намуда буд:

«Ҳар як кирдори ҷиноятӣ ба муносибатҳои ҷамъиятие дахл дорад, ки аз ҷониби низоми маҷбурсозии ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳифз карда мешаванд» [172, с. 129-130].

Минбаъд ин назарияро олимони дигар, аз ҷумла А.Н. Трайнин [234], Б.С. Никифиров [161, с. 64], Н.И. Коржанский [128, с. 125], такмил дода, ба он асосҳои илмии устувор бахшиданд. Дар тӯли мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ, ин ақида ҳамчун як мафҳуми асосии илми ҳуқуқи ҷиноятӣ боқӣ монд.

Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ва қабули қонунгузории нави ҷиноятӣ, масъалаи объекти ҷиноят ва нақши он дар ҳуқуқи ҷиноятӣ боз ҳам мавриди баҳс ва таҳлили амиқ қарор гирифт.

Гурӯҳе аз муҳаққиқон ба сифати объекти ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятӣ ва меъёрҳои ҳуқуқиро эътироф намуда, гурӯҳи дигар муносибатҳои ҷамъиятӣ ва қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷамъият (одамон, восита ва олоти истеҳсолот) ва ҳатто предмети ҷиноятро низ номбар мекунанд.

Дар назари аввал ба сифати объекти ҷиноят гӯё меъёрҳои ҳуқуқӣ баромад мекунанд. А.А. Пионтковский низ навишта буд, ки «объекти тамоми

ҷиноятҳо дар як вақт ҳам муносибатҳои дахлдори ҷамъиятӣ ва ҳам меъёрҳои ҳуқуқии дахлдор, ки ин муносибатҳоро танзим мекунанд, мебошад» [220, с. 291]. Ба андешаи мо, набояд фаромӯш кард, ки дар аввал муносибатҳои ҷамъиятӣ мавриди таъсири ҷинояткорона қарор мегиранд. Меъёрҳои ҳуқуқӣ барои он муқаррар карда мешаванд, ки ин муносибатҳои арзишноки ҷамъиятиро ҳифз намоянд. Ҷиноят маҳз барои вайрон кардани ин муносибатҳои ҷамъиятӣ равона мешавад, на барои вайрон кардани меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ. Натиҷаи ҷиноят (ё аз тарафи дигар – мақсади ҷиноят) ин расонидани зарар ё эҳтимолияти расонидани он мебошад. Ин зарар дар ҳеҷ маврид дар вайронкунии қонунгузории ҷиноятӣ (меъёрҳои алоҳидаи он) таҷассум намеёбад. Дар сурати вайронкунии қонунгузории ҷиноятиро ҳамчун объект шуморидан низ он дар нисбати вайронкунии (зараррасонӣ) ба муносибатҳои ҷамъиятӣ дуюминдараҷа мебошад.

Ақидаи ғалати дигар дар он ифода меёбад, ки «ба мафҳуми объекти ҷиноят дар баробари муносибатҳои ҷамъиятӣ одамонро бо тафаккурашон, мафкура, нигоҳ ва воситаю олоти истеҳсолот шомил медонанд» [86, с. 51]. Қобили зикр аст, ки воситаю олоти истеҳсолот ва одамон дар маҷмуъ қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷамъиятро ташкил медиҳанд. Онҳо ҷавҳари моддиро ташкил медиҳанд. Ҳол он ки объекти ҷиноят ғайримоддӣ буда, мафҳуми иҷтимоӣ аст. Чун сухан дар бораи одамон ва воситаю олоти истеҳсолот меравад, дар ҳуқуқи ҷиноятӣ мафҳумҳои предмет ва ҷабрдида истифода мешаванд.

Ақидае баён шуда буд, ки объекти бевоситаи ҷиноят ин ашёи мушаххаси олами беруна мебошад (масалан, пул, автомобил ва ғайра) [173, с. 373-374], вале ин ақида заминаи илмӣ надорад [132, с. 27-31].

В.Н. Кудрявсев низ ҳангоми баррасии объекти ҷиноят ба чунин иштибоҳ роҳ додааст. Ба ақидаи ӯ объекти ҷиноят инҳоро дар бар мегирад: «а) муносибатҳои воқеии ҷамъиятӣ байни одамон; б) шакли ҳуқуқии он; в) шакли моддӣ, шарт ва заминаи мавҷудияти ин муносибатҳои ҷамъиятӣ. Дар

таркибҳои «модӣ» объект тавассути нишон додан ба оқибатҳои зарарнок ва баъзан предмети таҷовуз муайян карда мешавад» [133, с. 142-148].

Ақидаи аз ҳама маъмул ва амалан бебаҳс ҳамон аст, ки объекти ҷиноятро муносибатҳои ҷамъиятӣ ташкил медиҳад.

А.В. Наумов дар мисоли объекти ҷинояти одамкушӣ чунин мешуморад, ки муносибатҳои ҷамъиятиро ҳамчун объект шуморидан таҳти таъсири ҷараёни марксистӣ пайдо шудааст. Дар назарияи марксизм моҳияти инсон ҳамчун маҷмуи ҳамаи муносибатҳои ҷамъиятӣ баррасӣ мешавад. Бинобар ин, тибқи ин ақида объекти одамкушӣ ба маънои аслӣ ҳаёти инсон нест, балки он ҳамчун маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятӣ фаҳмида мешавад [137, с. 142-478]. Азбаски инсон арзиши мутлақи мустақил мебошад, «дар он на танҳо ҷанбаи иҷтимоӣ, балки ҷанбаи биологӣ низ арзи ҳастӣ дорад, ба ақидаи ӯ назарияи объекти ҷиноят ҳамчун муносибатҳои ҷамъиятие, ки қонуни ҷиноятӣ ҳифз мекунад, набояд ҳамчун назарияи умумии ҳаматарафа дониста шавад» [156, с. 142-147]. Аз ин нуқтаи назар А.В. Наумов ба сифати объекти ҷиноят неъмат (манфиат)-ро эътироф мекунад. Вале агар ин ақидаро идома диҳем, пас боз бармегардем ба сари масъалаи таносуби объект ва предмети ҷиноят, яъне ҳалқаи сарбаста ба вуҷуд меояд. Аз ин рӯ, Л.Д. Гаухман дуруст қайд мекунад, ки «А.В. Наумов инсонро арзиши мутлақ шуморида, объекти ҷиноятро на ҳама неъмат (манфиат), балки танҳо он неъматҳое (манфиатҳое), ки бо қонуни ҷиноятӣ ҳифз мешаванд, медонад. Яъне инсон на арзиши мутлақ, балки ба арзише, ки қонуни ҷиноятӣ ҳифз мекунад, табдил меёбад» [80, с. 69]. Вале инсон дар қонунгузории ҷиноятӣ на ҳамеша арзиши мутлақ дониста мешавад. Масалан, ҳангоми куштани инсон дар мавриди мудофиаи зарурӣ қонунгузории ҷиноятӣ танҳо шахсияти мудофиакунандаро ҳифз мекунад (расонидани зарар ба шахси ҳуҷумкунанда ҷоиз дониста шуда, қонунгузории ҷиноятӣ онро ҳифз намекунад)

Дар асл қонунгузории ҷиноятӣ дар муайянсозии мафҳуми ҷиноят аз омилҳои ҳам моддӣ ва ҳам расмӣ бармеояд. Аз як тараф, ҷиноят ин кирдори

ба ҷамъият хавфнок мебошад, вале барои кирдори шахсро ҷиноят эътироф намудан зарур аст, ки он дар Кодекси ҷиноятӣ таҳти татбиқи ҷазо манъ шуда бошад. Ба ҷамъият хавфнокии кирдор дар доираи муносибатҳои ҷамъиятӣ муайян карда мешавад, аз ин рӯ, объекти ҷиноят бояд чун муносибатҳои ҷамъиятӣ дониста шавад.

Аммо ин гуна фикрронӣ як навъ баҳсталаб намудани масъалаи омӯзиши объекти ҷиноят ва ҷалби диққати муҳаққиқин ба ин самт мебошад, зеро омӯзиши адабиётҳои илмии солҳои охир доир ба масъалаи объекти ҷиноят нишон медиҳад, ки муносибатҳои ҷамъиятӣ чун объекти ҷиноят муҳимияти худро гум накардааст ва ҳама гуна неъматҳои муҳими ҷамъиятии муосирро дар бар гирифтааст.

Дар робита ба ин бояд тазаккур дод, ки муҳаққиқони ватанӣ ба сифати объекти ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятӣ, манфиатҳо ва арзишҳоро низ эътироф намудаанд.

Масалан, Н.А. Ғаффорӣ ва С.Ҳ. Ҳусейнзода бар он ақидаанд, ки «Объекти ҷиноят – он муносибатҳои ҷамъиятии бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда мебошанд, ки дар натиҷаи содир намудани ҷиноят ба онҳо зарари ҷиддӣ расонида мешавад ё таҳдиди расонидани чунин зарар ба вуҷуд меояд» [81, с. 33; 324, с. 34].

Вобаста ба масъалаи мазкур, И.Ҳ. Бобоҷонов [68, с. 5] низ ақидаҳои Пионтковский А.А. ва Никифоров Б.С-ро ҷонибдорӣ намуда, ба сифати объекти ҷиноят «муносибатҳои ҷамъиятиеро эътироф намудааст, ки аз ҷониби қонун ҳифз карда мешаванд». Ба андешаи ӯ «…объекти ҷиноят ҳамонест, ки ба он ҷиноят равона шуда, онро вайрон мекунад ва ё ба он зарар мерасонад ё худ метавонад зарар расонад».

Назарияи (консепсия) объекти ҷиноят ҳамчун манфиати ҳуқуқӣ (ҳаёт, саломатӣ, моликият ва дигар арзишҳо) аз ҷониби С.В. Познишев [174, с. 49-50], Е.А. Фролов [286, с. 204], А.В. Наумов [156, с. 147], Н.И. Загородников [92, с. 16-18] дифоъ карда шудааст.

Чунончи, К.Ҳ. Солиев зикр менамояд, ки «Объекти ҷиноят-ин манфиатҳои (арзишҳои) мушаххаси аз тарафи қонуни ҷиноятӣ ҳифзшавандае мебошанд, ки дар натиҷаи содир намудани кирдори ҷиноятӣ ба онҳо зарар расонида шуданашон мумкин аст» [188, с. 14]. Ба ақидаи маҳаққиқ чунин манфиатҳо мазмуни муносибатҳои гуногуни ҷамъиятиро ташкил дода, муҳофизат кардан ва тавассути он таъмину ривоҷу равнақ ёфтани онҳоро қонуни ҷиноятӣ вазифаи асосии худ дониста, доираи чунин муносибатҳои ҷамъиятӣ (манфиатҳо, арзишҳо)-ро КҶ ҶТ бевосита дар м. 2-и худ пешбинӣ намудааст.

Дар робита ба ин бояд зикр намуд, ки ба объекти ҷиноят дохил намудани ин ва ё он арзишҳо маънои онро надорад, ки ин арзишҳо танҳо объекти истисноии ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошанд, чунки дар аксарияти мавридҳо ҳамон як объект тавассути дигар соҳаҳои ҳуқуқ низ ҳифз карда мешаванд. Масалан, муносибатҳои моликиятӣ, ки ба он кирдорҳои каме хавфнок таҷовуз менамоянд, дар навбати аввал тавассути қонунгузории маданӣ ҳифз ва ба танзим дароварда мешавад. Қонунгузории ҷиноятӣ бошад, объектҳои мазкурро дар сурати ба онҳо таҷовузӣ хавфи ниҳоят зиёд ба боровaранда таҳти ҳифозати худ қарор медиҳад [236, с. 77].

Зимнан, муҳаққиқ Т.Ш. Шарипов низ мафҳуми объекти ҷиноятро чунин шарҳ додаст: «Объекти ҷиноят – ин арзишҳои шахсӣ, ҷомеа ва давлат (неъмат, манфиат, муносибат) мебошад, ки ба онҳо кирдори ҷиноятӣ таҷовуз оварда ва дар навбати худ таҳти ҳифзи қонуни ҷиноятӣ қарор доранд» [236, с. 77]. Ақидаи пешниҳоднамудаи профессор Т.Ш. Шарипов дар илми ҳуқуқи муосири ватанӣ мавқеи устуворро касб намудааст.

Дар илм нуқтаи назаре мавҷуд аст, ки он дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба қадри кофӣ ифода наёфта, тибқи он объекти ҷиноят ин манфиати бо қонун ҳифзшаванда мебошад [99, с. 4].

Вобаста ба ин, С.Н. Сабикенов иброз медорад, ки «Манфиатҳои шахс, ба монанди ҳаёт, саломатӣ, озодӣ ва ғайра объекти бевоситаи ҳифзи ҳуқуқ

мебошанд. Ин манфиатҳои шахс дар адабиёт ва амалияи қонунгузорӣ «манфиатҳои бо қонун ҳифзшаванда» ном гирифтаанд» [187, с. 188].

Чунин нуқтаи назарро асоснок эътироф намудан ғайриимкон аст, чунки аз ҳаёт маҳрум сохтани ҷабрдида дар раванди ба худкушӣ расонидан ҷиноят буда, аз ҳаёт маҳрум сохтани ҳамлакунанда дар вазъияти мудофиаи зарурӣ кирдори қонунӣ ба ҳисоб меравад [188, с. 53].

В.А. Краснопеев чунин хулоса мебарорад, ки «ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар маҷмуъ на ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, балки ба манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва (ё) шахсони ҳуқуқӣ, инчунин манфиатҳои ҷомеа ва давлат таалуқ дорад, ки асоси робитаҳои иҷтимоӣ буда, муносибатҳои ҷамъиятии онҳоро ташкил медиҳанд» [195, с. 12].

Хулосаи зикршуда созгор нест, зеро калимаи «манфиат» маънои фоида, нафъ, ва ғайраҳоро дорад [169, с. 252].

Олими ҳуқуқшинос Г.А. Густов дар муайянсозии мафҳуми «объекти ҷиноят» равиши дигарро пешниҳод намудааст. Ба андешаи ӯ, объекти ҷиноят ҳама чизест, ки ба он гунаҳкор мустақиман ё тавассути оқибатҳои амалаш таъсир мерасонад, новобаста аз он ки он аз ҷониби қонун ҳифз карда мешавад ё не [249, с. 11].

Тибқи ин назария, объекти ҷиноят аз предмети ҷиноят тафовут надорад, яъне онҳо як мафҳум маҳсуб мешаванд.

Бо назари профессор Л.Д. Гаухман мувофиқ шуда, метавон эътироф кард, ки муносибатҳои ҷамъиятӣ объективона вуҷуд дошта, ҳамчун неъмат ва манфиат зоҳир мегарданд.

Дар ин замина, объекти ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки аз ҷониби қонуни ҷиноятӣ ҳифз карда шуда, кирдори ҷиноятӣ ба онҳо зарар мерасонад ё таҳдиди расонидани зарарро ба вуҷуд меорад.

**Пурсиши коршиносон оид ба ин масъала натиҷаҳои зеринро нишон дод. (ниг.: Ҷадвали № 1).**

**Ҷадвали № 1.**

**Андешаи посухдиҳандагон оид ба масъалаи дарки объекти ҷиноят**

| **Савол** | **Ҷавоб** | **Ақида дар %** |
|---|---|---|
| Оё дар зери объекти ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятии бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда, неъмат ва манфиатҳое, ки ба он кирдори ҷиноятӣ зарар мерасонад ё таҳдиди расонидани зарарро ба вуҷуд меорад, фаҳмидан мувофиқи мақсад аст ё не? | ҳа | 74,7 % |
| | не | 9,8 % |
| | дар додани ҷавоб душворӣ мекашам | 15,5 % |

Тибқи маълумоти ҷадвал, аксарияти пурсидашудагон хулосаи пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намудаанд.

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, объекти ҷиноят ба се гурӯҳ тасниф (классификатсия) карда мешавад:

1. Объекти умумӣ – маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятие, ки бо қонуни ҷиноятӣ ҳифз карда мешаванд.
2. Объекти хелӣ – гурӯҳҳои алоҳидаи муносибатҳои ҷамъиятии якхела, ки ба як соҳа ё бахши муайян дахл доранд.
3. Объекти бевосита – муносибатҳои мушаххаси ҷамъиятӣ, ки дар доираи ҷинояти алоҳида осеб мебинанд [75, с. 111].

Дар баробари таснифоти сензинагӣ, нуқтаи назарҳои дигар низ оид ба шумораи элементҳои тасниф пешниҳод шудаанд. Яке аз чунин равишҳо таснифоти чорзинагии объект мебошад.

Тибқи ақидаи профессор Л.Д. Гаухман, объекти ҷиноятро ба чор гурӯҳ тақсим кардан зарур аст: Объекти намудӣ (зерумумӣ, зергурӯҳӣ) ; объекти хелӣ (махсус, гурӯҳӣ); объекти бевосита [79, с. 79].

Бархе аз олимон объекти хелиро ҳамчун гурӯҳи якхелаи муносибатҳои ҷамъиятие медонанд, ки ба он ҷиноят равона шуда, ҷавобгарӣ барои он дар моддаҳои фасли муайяни Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ гардидааст.

Нуқтаи назари дигар низ дар бораи шумораи элементҳои тасниф баён карда мешаванд. Таснифоти чорзинагии объект вуҷуд дорад. Тибқи ақидаи профессор Л.Д. Гаухман, «...объекти ҷиноятро ба чор намуд тақсим кардан зарур аст: 1) **умумӣ;** 2) **намудӣ** (зерумумӣ, зергурӯҳӣ); 3) **хелӣ** (махсус, гурӯҳӣ); 4) **бевосита** (намудӣ)» [79, с. 79]. Бархе аз олимон объекти хелиро ҳамчун гурӯҳи муайяни муносибатҳои якхелаи ҷамъиятӣ шарҳ медиҳанд, ки ҷиноят ба онҳо равона шуда, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои онҳо дар моддаҳои фасли дахлдори Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ гардидааст» [221, с. 93].

Объекти ҷиноят унсури ҳатмии ҳар ҷиноят буда, бе он мавҷудияти ҷиноят ғайриимкон аст.

Дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ низ таснифи объектҳои ҷиноят ба таври гуногун мавриди таҳқиқот қарор гирифтааст. Имрӯз дар адабиёти тозанашр одатан аз таснифоти сеунсура даст кашида, аз таснифоти чорунсура истифода мебаранд, ки сохтори КҶ ҶТ барои муайян кардани он мусоидат менамояд. Мутобиқи ин таснифот объекти ҷиноят ба тарзи амудӣ (аз боло ба поён) ва уфуқӣ (аз чап ба рост) тасниф карда шудааст.

Низоми чорунсураи объекти ҷиноят ҳангоми сохтани КҶ ҶТ низ ба асос гирифта шудааст, яъне меъёрҳои қисми махсуси КҶ аз рӯйи хели объекти ҷиноят ҷойгир карда шудаанд.

Объекти умумии ҷиноят – ин маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки бо қонуни ҷиноятӣ ҳифз карда мешаванд. Доираи тахминии ин муносибатҳои ҷамъиятӣ дар қ. 1-и м. 2-и КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст. Мувофиқи он вазифаҳои КҶ ҶТ аз ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ, муҳити зист, тартиботи

ҷамъиятӣ ва ахлоқ, моликият, ҳимояи сохти конститутсионӣ ва амнияти ҶТ аз таҷовузи ҷиноятӣ, таъмини сулҳ ва амнияти башарият, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи риояи Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ, инчунин пешгирии ҷиноятҳо иборат аст. Ин манфиатҳо дар маҷмӯъ объекти умумии ҷиноятро ташкил медиҳанд. Яъне, объекти умумӣ маҷмӯи тамоми муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад, ки бо қонуни ҷиноятӣ ҳифз карда мешаванд.

«Объекти хелии ҷиноят гурӯҳи муносибатҳои ҷамъиятии ҳамнавъ аст, ки ҷиноят ба онҳо равона шуда, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои он дар моддаҳои дохили як фасли Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст» [315, с. 126-127].

Объекти намудии ҷиноят бошад, гурӯҳи муносибатҳои ҷамъиятии ҳамнамуд аст, ки ҷиноят ба онҳо равона шуда, ҷавобгарӣ барои он дар моддаҳои дохили як боби Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ гардидааст. Объекти намудиро муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳанд, ки ҳаёт ва саломатии шахсият, озодӣ, обрӯ ва эътибори шахсият ва ғайраро таъмин мекунанд. Объекти намудии ҷиноят асоси ба бобҳо ҷудо намудани фаслҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ мегардад.

Объекти бевоситаи ҷиноят – ин намуди мушаххаси муносибатҳои ҷамъиятие мебошад, ки ба онҳо ҳамон як ҷиноят таҷовуз менамоянд. Дар аксарияти меъёрҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ объекти бевосита нишон дода нашудааст. Вобаста ба ин Н.Ф. Кузнетсова қайд мекунад, ки аз рӯи қоидаҳои техникаи қонунгузорӣ бо манфиати сарфаи вожагӣ қонунгузор дар бештари ҳолатҳо объектро дар диспозитсияи моддаҳо тавассути аломатҳои зарар, предмети он ё ҷабрдида ва ҷои содиршавии ҷиноят тасвир менамояд [134, с. 117]. Аз ин рӯ, вобаста ба ҳар як таркибе, ки дар Қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, объекти бевоситаро муайян кардан лозим меояд.

Аҳаммияти муҳимро муайянсозии объекти бевосита ташкил медиҳад. Ин масъала хеле нозук мебошад, чунки айниятдиҳӣ асосан тавассути он

сурат мегирад. Албатта, барои айниятдиҳӣ дигар унсурҳои таркиби ҷиноят (субъект, тарафи субъективӣ ва тарафи объективӣ) низ зарур мебошанд. Дар натиҷаи баҳодиҳии маҷмуӣ метавон объекти бевосита ва моддаи дахлдори Қисми махсуси КҶ ҶТ-ро дарёфт намуд. Мушкилоти дигари объекти бевосита дар он аст, ки кирдори ҷинояткоронаи шахс баъзан ҳамзамон ба чанд объект таҷовуз меорад. Дар чунин ҳолат ба тариқи горизонталӣ объекти бевоситаро ба объекти бевоситаи асосӣ (ҳатмӣ), объекти бевоситаи факултативӣ ва объекти бевоситаи иловагӣ ҷудо мекунанд.

Объекти бевоситаи асосӣ барои бандубасти кирдор бо ин ё он моддаи Қисми махсуси КҶ ҶТ аҳаммияти халкунанда дорад. Вале барои тафовут гузоштани ҷиноят аз таркибҳои ҳамсарҳаду монанд ва ё ҳангоми ҳалли масъалаи бандубаст аз рӯи маҷмуи ҷиноятҳо ва дигар масъалаҳо объекти бевоситаи иловагӣ низ зарур аст ва аҳаммияти накамтарро дорад. Объекти бевоситаи асосӣ ҳамон объектест, ки дар сурати ҷой надоштани таҷовуз ба он таркиби ҷинояти дахлдор низ мавҷуд нест.

Объекти бевоситаи факултативӣ дар таркиби ҷиноятҳои алоҳида пешбинӣ гардида, на ҳама вақт ҳангоми содир шудани ҷинояти мушаххас зарар мебинад.

Объекти иловагӣ ҳамон объекти ҷиноят мебошад, ки ҳамзамон бо объекти асосӣ вайрон гардида, аз ҷониби охирин фурӯ бурда мешавад. Сабаб дар он аст, ки объекти асосӣ муҳим ва арзишноктар буда, таҷовуз ба объекти иловагӣ ба бандубасти ҷиноят таъсир намерасонад.

Дар ин замина, таҳлили объекти ба худкушӣ расониданро аз объекти ҷиноят аз назари тақсими се зинагии он вобаста ба самти вертикалӣ ба мақсад мувофиқ шуморида онро мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ объеки хелии ҷиноятҳое, ки дар фасли VII КҶ ҶТ ҷойгир шудаанд ба таври гуногун тафсир карда мешаванд. Маслан, Г.Н. Борзенков объекти хелии ҷиноятҳои мазкурро, аз ҷумла ба худкушӣ расониданро «шахсият» [139, с. 92] ҳисоб мекунад.

Шахсият на танҳо инсонро ҳамчун мавҷудоти биологӣ, балки узви фаъоли ҷомеа ифода мекунад. Он ҳамчун субъекти муносибатҳои иҷтимоӣ, дорандаи ҳуқуқҳо, озодиҳо ва уҳдадориҳои муайян, бунёдгари арзишҳои иҷтимоӣ ва иштирокчии фаъоли фаъолияти меҳнатӣ, илмӣ ва иртиботӣ баромад мекунад [87, с. 24].

Шахсият ҳамчун объекти ҷиноят инсоне мебошад, ки дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ мавқеи иҷтимоӣ дошта, ҳифзи ҳуқуқии ӯ аз ҷониби қонуни ҷиноятӣ таъмин карда мешавад. [138, с. 92].

Дар адабиёти фалсафӣ андешаҳо мавҷуданд, ки тибқи онҳо на ҳамаи инсонҳо шахсият ҳисобида мешаванд. Чунончи, В.П. Тугаринов чунин изҳор медорад:

«Ҳамаи одамонро бидуни истисно шахсият ҳисобидан нодуруст аст. Шахсият бояд дорои хусусиятҳое бошад, ки танҳо ба инсони калонсол ва рӯҳан солим хос аст» [200, с. 88].

Дар идомаи муҳокимаи В.П. Тугаринов, Н.И. Матузов нуқтаи назари хешро чунин баён кардаанд: «…Кӯдак шахсият ҳисобида намешавад, бемори рӯҳӣ низ…, шахсият таваллуд намешавад, балки инкишоф меёбад» [149, с. 69]. Н.А. Красиков ин нуқтаи назарро инкишоф дода, баён кардааст, ки дар қонун, на ҳамаи инсонҳо шахсият ҳисобида мешаванд «балки танҳо ҳамон нафаре шахсият ҳисобида мешавад, ки ҳуқуқ ва озодиҳоро ҳангоми таваллуд соҳиб шудааст, мустақилона қобилияти соҳибӣ ва ихтиёрдорӣ кардани онҳоро дорад ва инчунин уҳдадориҳои муқарраркардаи давлатро мустақилона иҷро кунанд» [131, с. 5].

Ба ақидаи баъзе аз муҳаққиқон «шахсият» ва «инсон» дар чаҳорчӯбаи қонуни ҷиноятӣ аз лиҳози ҳаҷм фарқ мекунанд. Ба андешаи Д.И. Элмурзаев, мафҳуми «инсон» аз мафҳуми «шахсият» васеътар аст, зеро ки шахсият хосияти иҷтимоии инсон аст, аз ин рӯ муҳаққиқ ба сифати объекти хелии ҷинояти мазкур «неъмати ҷудонопазири таъминкунандаи имкони ҳаёту фаъолият»-ро пешниҳод мекунад [309, с. 73-75]. Аз нуқтаи назари ӯ

худкуширо танҳо инсоне метавонад содир кунад, ки дараҷаи иҷтимоишавияш ба сатҳе расидааст, ки шуураш тавони дарки мафҳуми мураккабии маргро дорад ва азбаски шахсият модарзодӣ нест, ба як маъно ҳал кардани синну соле, ки дар он аломатҳои шахсият зуҳур мекунанд, имконнопазир аст [309, с. 81].

Аз ҷониби бештари олимон объекти намудии ҷинояти ба худкушӣ расонидан «ҳаёт ва саломатии шахс, новобаста аз синну сол, вазъи ҷисмонӣ ва сатҳи рушди зеҳнии ӯ» эътироф мешавад.

Бештар дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ муайян намудани объекти бевоситаи таркиби ҷинояти мазкур боиси гуногунандешӣ гардидааст. Чунончӣ, ба чунин сифат ҳисоб мешавад: 1) муносибатҳои ҷамъиятие, ки бехатарии ҳаётро таъмин мекунанд [121]; 2) ҳуқуқ ба ҳаёт; [260, с. 68] 3) худи ҳаёт [215, с. 31].

Аз нуқтаи назари Ю.А. Уколова, объекти ҷиноят ҳаёти инсони ба синни муайяни физиологӣ расида аст, ки ба ӯ имкон медиҳад мустақилона амалҳои ҷисмонии ба худкушӣ равонашударо содир намояд [304, с. 89]. Бо дарназардошти мулоҳизаҳои мазкур, муаллиф хулоса мекунад, ки объекти бевоситаи ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки ҳифзи ҳаёти шахси рӯҳан солимро таъмин менамоянд ва ба шахсе дахл доранд, ки қодир аст амали маҳрум сохтани худро аз ҳаёт анҷом диҳад [304, с. 89].

Ба фикри мо, аз шумори объектҳои бевоситаи ин ҷиноят соқит кардани одамони руҳан носолим ё «шахсони ба қадри кофӣ чун шахсият рушднакарда» саҳеҳ нест, зеро маҳакҳои ҳуқуқии шахсият вуҷуд надоранд. Алҳол қонуни ҷиноятӣ имкон медиҳад чунин хулоса барорем, ки шахсон новобаста ба синн ё аҳволӣ руҳӣ мавриди ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ аз ин ҷиноят қарор мегиранд. Чунин хулоса аз мазмуни қ. 2-и м. 109-и КҶ ҶТ бармеояд, чунки қонунгузор ба зумраи ҷабрдидагон шахсони баръало барои гунаҳгор дар ҳолати бечорагӣ қарордоштаро мансуб медонанд, ва зери чунин шахсон амалияи судӣ ҳам кӯдакони хурдсол ва ҳам шахсони бемории руҳӣ фаҳмида мешавад. Агар

шахс тавони мустақилона худкушӣ карданро надошта бошад, пас ба худкушӣ расонидан ҳам содир намешавад.

Ақидаи арзишмандро нисбати масъалаи объекти ҷиноят В.Ш. Аюпов пешниҳод кардааст, ки ба фикри ӯ, ҷинояти пешбиникардаи (м. 109-и КҶ ҶТ) дорои ду объект аст ва объектҳои бевоситаи он ҳаёту эътибори шахс мебошанд, чунки ҷинояти мазкур аз ҷумла ба ҳуқуқи интихоби варианти рафтори шахс - зинда мондан ё худкушӣ кардан ҳамла мекунад. Ба фикри муаллиф, гунаҳгор, чунин тарзҳои таъсиррасонии психологӣ ба ҷабрдидаро интихоб мекунад, ки дидаву дониста барои ӯ бояд нақши ҳалкунандаро дар интихоби нияти худкушии ҷабрдида мебозанд (таҳқир, пастзанандаи сифатҳои инсонӣ ва дигар ҳаракатҳои шабеҳи ин) [247, с. 125-126].

Камбудии ин тафсири объекти ҷиноят, ба фикри мо, имкони содирнамоии ҷиноят танҳо бо қасди бевосита мебошад, ки имкон намедиҳад қисми зиёди ҷиноятҳои воқеан содиршаванда бо амали қонуни ҷиноятӣ фаро гирифта шаванд. Таъсири мақсаднок ба ҷабрдида бо мақсади тасмимгирии ӯ ба худкушӣ ҳама гуна шакли дигари гуноҳро ба ҷуз қасди бевосита истисно мекунад.

Объекти бевоситаи ҷинояти ба худкушӣ расонидан ҳаёти шахс маҳсуб мешавад [72, с. 62].

Агар барои банду басти ҷиноятҳое, ки объекти бевоситаи онҳо ҳаёти шахс аст, вазъи ҷисмонӣ ва равонии ҷабрдида, синну сол ва дигар ҳолатҳо аҳамият надошта бошанд, зеро қонуни ҷиноятӣ ҳаётро дар ҳама зуҳуроташ ҳифз мекунад» [88, с. 49], пас дар мавриди худкушӣ амали бошуурона ва бо иродаи худи шахс вуҷуд дорад.

Илова бар ин, дуруст муайян кардани объект ва предмети ҷиноят барои муқаррар намудани мавҷудият ё набуди маҷмуи ҷиноятҳо аҳаммияти калон дорад, чунки ҳамон як ҳаракат (истифодабарии зӯроварии ҷисмонӣ, таҳдид) метавонад ё қисми тарафи объективии ҷинояти пешбининамудаи м. 109 КҶ ҶТ бошад, ё таркиби мустақили ҷиноятҳоро ташкил диҳанд, ки объекташон

саломатии инсон аст (м. м. 112, 116, 117, 120, 143[1], КҶҶТ).

Бояд зикр кард, ки омӯзиши таҷрибаи судӣ аз мавҷуд будани иштибоҳҳо дар муайян намудани объекти ҷинояти пешбининамудаи м. 109 КҶ ҶТ гувоҳӣ медиҳад. Судҳо баъзан фарқи байни объектҳоеро, ки ҳаёт ва саломатии инсон аст, нодуруст муайян мекунанд.

Ба ин мисол шуда метавонад таҷрибаи суди н. Рӯдакӣ: Ш. Э. моҳи ноябри соли 2000 бо шаҳрванд Х. Н. оила барпо намуда, аз ҳамон сол то ин ҷониб дар суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ истиқомат кардааст. Хоҳари ӯ Ш.Ҳ. аз шавҳараш соли 2011 ҷудо шуда, ба хонаи падараш ба суроғаи зикр шуда, ки Ш.Э. низ, дар он ҷо зиндагонӣ мекардааст, бармегардад. Аз сабаби он ки шавҳари Ш. Ҳ. бародари ҳамсари Ш. Э. Х. Н. буд, дар ин замина байни онҳо якчанд маротиба ҷанҷолҳои даҳонӣ рух додааст. Пас аз ин Ш.Э. бо баҳонаи ночиз бо хоҳараш Ш. Ҳ. ҷанҷол намуда, қасди мунтазам расонидани азобу уқубати ҷисмонӣ ва бо ин роҳ паст задани шаъну шарафи охиронро менамояд.

Зимнан, санаи 12 сентябри соли 2013 тахминан соатҳои 16-00 дақиқа Ш.Э. дар суроғаи дар боло зикргардида қарор дошта, хоҳараш Ш. Ҳ.-ро бо мақсади расонидани азобу уқубати ҷисмонӣ бо дастонаш ба қисмҳои гуногуни бадани охирин зада, ӯро лату кӯб менамояд. Инчунин, Ш.Э. ҳаракатҳои ҷинояткоронаи худро идома дода, санаи 02 декабри соли 2013 сол, тахминан соатҳои 13-30 дақиқа дар ноҳияи Рӯдакӣ нисбати хоҳараш Ш. Ҳ. азобу уқубати ҷисмониро раво дида, охиринро зери лату кӯб қарор медиҳад. Боз Ш. Э. санаи 03 январи соли 2014 аз қасди ҷинояткоронаи худ оиди расонидани азобу уқубати ҷисмонӣ ба хохараш Ш.Ҳ. ва бо ин рох паст задани шаъну шарафи ӯ дар суроғаи боло номбурда қарор дошта, хоҳараш Ш. Ҳ.-ро мавриди лату кӯб қарор медиҳад.

Ӯ баҳри амалӣ намудани қасди ҷинояткоронаи худ бо роҳи расонидани азобу уқубати ҷисмонӣ ва мунтазам паст задани шаъну этибори Ш. Ҳ. номбурдаро мавриди лату кӯб қарор дода, дар назди шаҳрвандон А. Д., Ш. М.

охиринро мунтазам дашномҳои қабеҳ намуда, бероҳагард мехонад. Ш.Э. муомилаи бераҳмонаи худро нисбати Ш. Ҳ. идома дода, рӯзҳои 20 сентябри соли 2013, 02 декабри соли 2013 ва 03 январи соли 2014 охиринро бероҳагард гуфта, мавриди лату кӯб қарор дода, шаъну шарафи ӯро дар назди хешу табор ва ҳамсяҳо паст мезанад. Ш. Ҳ. бо ин поймол гардидан ҳуқуқҳои худ, яъне мунтазам мавриди лату куб ва паст задани шаъну шарафаш аз ҷониби Ш. Э. қарор гирифтан тоб наоварда, санаи 12 ноябри соли 2014, тахминан соатҳои 13-00 дақиқа маводи дорувории гуногунро истеъмол намуда, даст ба суиқасди худкушии худ мезанад. Дар натиҷаи истеъмоли доруворӣ вазъи саломатии Ш. Ҳ. бад шуда, ӯ ба беморхона барои табобат кардан бистарӣ карда мешавад.

Ҳамин тариқ, Ш. Э. бо м. м. 109 қ. 1 ва 117 қ 1 КҶ ҶТ гунаҳгор дониста, ба ӯ бо м. 109 қ. 1 КҶ ҶТ ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати се сол, бо м. 117 қ. 1 КҶ ҶТ ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати як сол таъин карда, бо дастрасии м. 67 қ. 2 КҶ ҶТ ба Ш. Э. аз рӯи маҷмуи ҷиноятҳо бо роҳи қисман зам намудани ҷазоҳои таъиншуда, ҷазои ниҳоӣ, ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати се солу шаш моҳ, бо адои ҷазо дар калонияи ислоҳии дорои низомаш умумӣ таъин карда шуд [320].

Бояд тазаккур дод, ки объекти ҷинояти ба худкушӣ расонидан ҳамеша ҳаёти инсон аст, агар объект дигар бошад, пас ҷиноят ҳам дигар хоҳад буд.

Дар ин масъала С.В. Бородин бо далел қайд кардааст, ки қобили дастгирӣ мебошад: агар худкушӣ дар натиҷаи лату кӯб, расонидани зарари ҷисмонӣ, азобу уқубат, таҳқири мунтазам содир шавад, чунин кирдорро танҳо тибқи м. 109 КҶ бе татбиқи моддаҳои дигари мувофиқ ба кирдорҳои дахлдори КҶ бандубаст бояд кард, зеро ки онҳо маънои таркиби мустақили худро гум мекунанд ва марҳилаи ба худкушӣ расонидан мебошанд [73, с. 301]. Гузашта аз ин, лату кӯб, шиканҷа ва далелҳои қасдан расонидани зарари сабук ба саломатӣ ба шахсони зикршуда таҷассумгари усулҳои паҳнгаштатарини ба худкушӣ расонидан дар мазмуни умумии м.109 КҶ ҶТ –

муомилаи бераҳмона, мебошад.

Хусусияти ҷинояти ба худкушӣ расонидан дар он зоҳир мегардад, ки объекти бевоситаи он муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки бо ҳифзи ҳаёти шахси рӯҳан солим алоқамананд.

Азбаски худкушӣ танҳо дар сурати мавҷуд будани шуур ва иродаи шахс имконпазир аст, шахс бояд қобилияти ҷисмонии таъмин намудани худ ва иқтидори идоракунии рафтори худро дошта бошад.

«Хусусияти хоси ин ҷиноят дар он аст, ки зарар мустақиман аз ҷониби худи ҷабрдида расонида мешавад, ки онро аз дигар ҷиноятҳои зидди ҳаёт фарқ мекунад» [304, с. 18].

Агар ташхиси судӣ-тиббӣ (ё судӣ-психиатрӣ) муайян намояд, ки дар натиҷаи амалҳои бевоситаи гунаҳкор, пеш аз худкушӣ дар шахс бемории рӯҳӣ ташаккул ёфтааст ва ӯ худкуширо ба таври ҳавасмандона содир кардааст, ин ҳолат бояд на ҳамчун ба худкушӣ расонидан, балки ҳамчун қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, ки боиси марги ҷабрдида шудааст, банду баст карда шавад (қ. 3 м.110 КҶ ҶТ). [285, с. 18-21]. Дар чунин маврид, объекти бевоситаи ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятие маҳсуб мешаванд, ки ҳифзи саломатии инсонро таъмин менамоянд.

Ба худкушӣ расонидани шахсони хурдсол, тибқи банди «в» қ. 2 м.104 КҶ ҶТ, ҳамчун одамкушӣ бо роҳи ғайримустақим ба марг расонидан банду баст карда мешавад.

Ин ҳолат асоси ҳуқуқӣ дорад, зеро кӯдак то расидан ба синни муайян наметавонад кирдорҳои худро пурра идора намояд ва оқибатҳои онҳоро дарк кунад.

**Пурсиши коршиносон оид ба ин масъала натиҷаҳои зеринро нишон дод. (ниг.: Ҷадвали № 2).**

**Ҷадвали № 2.**

**Хулосаи коршиносон оид ба банду баст кардани ба худкушӣ расонидани шахси ноболиғ**

| **Савол** | **Ҷавоб** | **Ақида дар %** |
|---|---|---|
| Оё ба мақсад мувофиқ аст, ки ба худкушӣ расонидани шахсони хурдсолро тибқи б. «в» қ. 2 м. 104 КҶ ҶТ ҳамчун одамкушӣ бо роҳи ғайри мустақим ба марг расонидан бандубаст намоем? | ҳа | 86,8 % |
| | не | 4,7 % |
| | дар додани ҷавоб душворӣ мекашам | 8,5 % |

Чӣ тавре ки мебинед, ақидаи мазкурро оид ба масъалаи бандубасти ба худкушӣ расонидани шахсони хурдсолро вобаста ба б. «в» қ. 2 м. 104 КҶ ҶТ қисми зиёди посухдиҳандагон ҷонибдорӣ кардаанд.

Хулосаи мазкур дар муқаррароти м. 51 КҶ Ҷумҳурии Сербия «Ба худкушӣ расонидан» дастгирӣ карда мешавад, ки тибқи он дар ҳолати ба худкушӣ расонидани хурдсолон ё шахсони номукаллаф ҷазо мутобиқи м. 47 «одамкушӣ» таъин карда мешавад» [34, с. 96-97].

Дар баробари ин андешаҳо мо бояд, пеш аз ҳама, лаҳзаи фаро расидани маргро муайян намоем. Масъалаи муқаррар намудани лаҳзаҳои охири ҳаёти инсон ва расидани марг муддати тӯлонӣ байни табибон ва ҳуқуқшиносон мавриди баҳс қарор гирифт [84, с. 145]. Баъзе муаллифон чунин меҳисобиданд, ки марги инсон аз лаҳзаи қатъ шудани роҳҳои нафас ва тапиши қалб фаро мерасад, баъзеи дигарашон бошад, тапиши қалбро далели мутлақи ҳаёт меҳисобанд. Дар иртибот бо андешаи дар боло зикршуда, оид

ба лаҳзаи **фаро расидани марг** низ М.И. Ковалев ва И.Г. Вермел андешаҳои худро баён намудаанд. Аз нуқтаи назари муҳаққиқон лаҳзаи фаро расидани марг – ин марги пурраи мағзи сар мебошад, ки дар фавти бебозгашти ҳуҷайраҳои он ифода мегардад [262, с. 57-58]. Ин муҳокима дар м. 150 Кодекси Тандурустии ҶТ ҳалли худро ёфтааст, ки тибқи он марги инсон аз лаҳзаи «фавти бебозгашти пурраи мағзи сар (марги мағзи сар)» [10], эътироф мешавад.

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ақидае мавҷуд аст, ки ба сифати объекти бевоситаи иловагӣ муносибатхои чамьиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандае, ки дар вақти содир намудани ҷиноят бо баробари зарар расонидан ба объекти бевоситаи асосӣ, ба он низ зарар расонида мешавад ё тахдиди расонидани чунин зарар ба вуҷуд меояд [165, с. 102].

Зимни тавсифи объекти иловагӣ, Н.Г. Кадников қайд мекунад, ки «…Ҳамеша объекти иловагӣ дар диспозитсияи моддаи Қисми махсуси КҶ дар қатори асосӣ нишон дода мешавад» [96, с. 15]. Аз ин рӯ, бо мавқеи Ю.А. Уколова розӣ шудан зарур аст, ки ба қавли вай қайд кардани хусусияти хоси объектҳои иловагии ба худкушӣ расонидан (обрӯ, эътибор, саломатӣ) дар он аст, ки дар бисёр ҳолатҳо онҳо объекти мустақил буда, ҳифзи иловагии қонуни ҷиноятиро талаб мекунанд [284, с. 18].

Таърифҳои қонунии обрӯ ва эътибор вуҷуд надоранд, бинобар ин ба таърифоти илмӣ рӯй овард.

Мафҳуми обрӯ се хусусият дорад. Аввалан, ин хусусияти худи шахсият аст. Тибқи фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ вожаи «шараф» «обрӯ, номус, шаън, ифтихор», ки ин, дар навбати худ, маънои «бузургворӣ, бузургӣ, баландии мақом ва насаб» мебошад [225, с. 625]. Дуввум, ин баҳои мусбати ҷамъиятии шахсият, яъне инъикоси сифатҳои шахс дар шуури ҷамъиятӣ мебошад. Сеюм, ин баҳои ҷамъиятиест, ки худи шахсият қабул кардааст, қобилияти шахс дар баҳодиҳии амалҳояш, дар ҳаёти маънавӣ мувофиқи меъёрҳои ахлоқӣ, қоидаҳо ва талаботҳои дар ҷомеа қабулшуда амал кардан

мебошад. Аз нуктаи назари А.М. Эрделевский, обрӯ ин арзиши ҷамъиятии шахсият, сифатҳои маънавӣ ва иҷтимоии он мебошад [242, с. 77].

Дар зери мафҳуми «обрӯ» К.В. Безроднова маҷмӯи арзёбиҳои ботинии шахсиятро дар назар дорад, ки онҳо инъикоси дарки худи шахс аз ҷойгоҳ ва аҳаммияти худ дар ҷомеа мебошанд. Ба андешаи ӯ, обрӯ пеш аз ҳама баҳодиҳии худшиносии шахс аст, ки дар он дарки сифатҳои ахлоқӣ, қобилиятҳои зеҳнӣ ва касбӣ, ҷаҳонбинӣ, сатҳи масъулият, иҷрои вазифаҳои иҷтимоӣ ва аҳаммияти ҷамъиятии фаъолияти худ таҷассум меёбад.

Муаллиф таъкид менамояд, ки мафҳуми обрӯ на танҳо ба худбаҳодиҳии инфиродӣ маҳдуд намешавад, балки дорои сохтори мураккаби бисёрсатҳист. Аз ҷумла, он эҳсоси арзишмандии худ ҳамчун инсон (эътибори инсонӣ)-ро фаро мегирад, ки бо эътирофи шараф, қадр ва ҳуқуқҳои фитрии инсон алоқаманд аст. Ҳамзамон, обрӯ ҳамчун эътибори шахсӣ зоҳир мегардад, яъне дарки арзиши худ ҳамчун шахсияти мушаххас бо хусусиятҳои нодири ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва касбӣ.

Ғайр аз ин, К.В. Безроднова ба он ишора мекунад, ки шахс худро на танҳо ҳамчун фард, балки ҳамчун узви гурӯҳ ё ҷомеаи муайяни иҷтимоӣ низ дарк мекунад. Дар ин замина, мафҳуми обрӯ эътибори гурӯҳӣ-ро низ дар бар мегирад, масалан, эътибори касбӣ, эътибори иҷтимоӣ ё эътибори мансабӣ, ки бо мақом, нақш ва нуфузи шахс дар муҳити иҷтимоӣ муайян мегардад. Дар баробари ин, арзишмандии худи гурӯҳ ё ҷомеае, ки шахс худро бо он ҳамсон медонад (масалан, эътибори миллӣ), ҷузъи ҷудонашавандаи худшиносии шахс ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тариқ, мафҳуми обрӯ, дар тафсири К.В. Безроднова, падидаи бисёрҷанба буда, ҳам унсурҳои равонӣ ва ҳам иҷтимоиро дар бар мегирад. Он ҳамчун нишондиҳандаи ҳамгироии шахс бо ҷомеа баромад намуда, дар ташаккули рафтори иҷтимоӣ, мавқеи ҳуқуқӣ ва ҳифзи шарафу қадри инсон аҳаммияти муҳим дорад. Маҳз ҳамин хусусиятҳо обрӯро ба объекти муҳими ҳифзи ҳуқуқӣ, аз ҷумла дар доираи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва граждании, табдил

медиҳанд.

Дар зери мафҳуми обрӯ К.В. Безроднова «баҳои ботинии шахсият, дарки сифатҳо, қобилият, ҷаҳонбинӣ, қарзи иҷрокарда ва аҳаммияти ҷамъиятии худ, инчунин эҳсоси арзишмандии худ ҳамчун инсон (эътибори инсонӣ), ҳамчун шахсияти мушаххас (эътибори шахсӣ), ҳамчун намояндаи гурӯҳ ё ҷамоати муайяни иҷтимоӣ (масалан, эътибори касбӣ), арзишмандии худи ин гурӯҳ (масалан, эътибори миллӣ)-ро мефаҳмад» [292, с. 102-103].

Ҳамин тариқ, К.В. Безроднова ба ҷанбаи иҷтимоии мафҳуми обрӯ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Ба андешаи ӯ, шахс худро на танҳо ҳамчун фард, балки ҳамчун узви гурӯҳ ё ҷомеаи муайяни иҷтимоӣ низ дарк менамояд, ки дар ин замина мафҳуми обрӯ эътибори гурӯҳӣ-ро дар бар мегирад. Аз ҷумла, сухан дар бораи эътибори касбӣ, иҷтимоӣ ё мансабӣ меравад, ки бо мавқеъ, нақш ва нуфузи шахс дар муҳити иҷтимоӣ муайян мегардад. Ҳамзамон, арзишмандии худи гурӯҳ ё ҷомеае, ки шахс худро бо он ҳамсон медонад (масалан, эътибори миллӣ), ҷузъи ҷудонашавандаи худшиносии иҷтимоии шахс ба ҳисоб меравад.

Дар тафсири К.В. Безроднова, обрӯ ҳамчун падидаи бисёрҷанба ва мураккаб баромад намуда, ҳам унсурҳои равонӣ ва ҳам ҷузъҳои иҷтимоиро муттаҳид менамояд. Ин мафҳум дар ташаккули рафтори иҷтимоӣ, муайян намудани мавқеи ҳуқуқии шахс ва инчунин дар асоснок намудани зарурати ҳифзи ҳуқуқии шарафу обрӯ аҳаммияти назаррас дорад. Аз ин лиҳоз, обрӯ метавонад ҳамчун яке аз объектҳои муҳими ҳифзи ҳуқуқӣ, аз ҷумла дар доираи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва гражданӣ, баррасӣ гардад.

Мафҳуми эътибор ба хусусияти саввуми шараф монанд аст. А.М. Эрделевский чунин мешуморад, ки ин бо баҳодиҳии мусбии инъикоси сифатҳои шахс дар зеҳни худ ҳамроҳ аст [242, с. 79]. А.Л. Анисимов ақидаеро тарафдорӣ менамояд, ки ин худ баҳодиҳии шахсият дар асосу баҳодиҳии ҷомеа мебошад [64, с. 8]. Аз нуқтаи назари К.В. Безроднова шаън баҳои иҷтимоии мувофиқати шахсият ба меъёрҳои иҷтимоӣ мебошад, ки ба

сатҳи рушди соҳаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавии ҳаёти ҷомеа, инчунин ба табақоти арзишҳо дар марҳилаи мушаххаси рушди таърихии ҷомеа вобастагӣ дорад [292, с. 102].

Эътибор ҳамчун маҷмуи сифатҳои баланди ахлоқӣ ва инчунин эҳтиром ба ин сифатҳо дар худ маънидод карда мешавад [169, с. 180]. Эътибор хосияти дахлнопазирӣ инсон ҳамчун арзиши олии ба ӯ таалуқдошта новобаста аз он, ки ӯ худ ва одамони ӯро иҳотакарда ба шахсияти ӯ чӣ гуна баҳо медиҳанд, мебошад. Мутобиқи м. 243 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон «Шахси воқеӣ ҳуқуқ ба эҳтироми шаъну шараф ва эътибори корӣ дорад. Шаъну шараф ва эътибори кории шахси воқеӣ дахлнопазиранд. Ба амалҳое, ки бевосита ва ё бавосита ба паст задани шаъну шараф равона шудаанд, роҳ дода намешавад» [9]. Илова бар ин, шаҳрванд ҳуқуқ дорад, ки дар суд рад кардани маълумотеро, ки шаъну шарафи ӯро паст мезанад, талаб намояд, агар паҳнкунандаи чунин маълумот воқеияти онро исбот накунад [69, с. 213].

Ҳамин тариқ, мафҳуми обрӯ ва эътиборро профессор Тағойназаров Ш.Т. ба таври возеҳу равшан чунин пешниҳод кардааст, ки қобили дастгирӣ мебошад: Обруву эътибори фард бузургтарин арзиш ва сифати шахсиятҳои барои ҷомеа зарурист. Ин сифат бояд дар одамон бо ҳар роҳ нигаҳдорӣ, муҳофизат ва инкишоф дода шавад. Инсон ҳуқуқдорад дар ихтиёри худ озодона ихтиёрдорӣ кунад, худро нишондиҳад, шаъну шарафи худ, сифатҳои инфиродӣ, қобилият ва маҳорати худро амалӣ намояд. Обрӯ ва эътибори инсон дар зери таъсири шароити иҷтимоии зиндагӣ, давраи муайяни таърихӣ ташаккул меёбад. Дар ташаккули шаъну эътибори шахс, дараҷаи таъминоти моддии одамон, дастрас будани неъматҳои моддӣ барои ҳар кас, муҳити муътадили зист дар ҷомеа, ки ба мавҷудияти инсон замина мегардад, аҳаммияти калон дорад [280, с. 32].

Боз як объекти бевоситаи иловагии ба худкушӣ расонидан саломатии ҷабрдида эътироф карда мешавад, ки «…дар худ на танҳо мавҷуд набудани

беморӣ ё нуқсонҳои ҷисмонӣ, балки ҳолати пурраи ҷисмонӣ, руҳӣ ва беҳбудии иҷтимоиро ифода мекунад» [39]. Илова бар ин, мутобиқи м. 1 Кодекси Тандурустии ҶТ «саломатӣ-ҳолати беҳбудии пурраи ҷисмонӣ, руҳӣ ва иҷтимоӣ, набудани беморӣ ва нуқсонҳои ҷисмонӣ» [10] мебошад.

Ҳамин тариқ, ақидаи олимони дар боло зикргардидаро мо низ ҷонибдорӣ намуда, меафзоем, ки объекти бевоситаи иловагии м. 109 КҶ ҶТ муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба ҳифзи обрӯ, эътибор ва саломатии ҷабрдида ба вуҷудоянда ташкил медиҳад.

Объекти ҷинояти ба худкушӣ расониданро бе муҳокимаи масъалаи предмети ҷиноят таҳлил наметавон кард, зеро расонидани зарар ба объекти ҷиноят бо роҳи таъсири бевосита ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ғайриимкон аст. Чӣ тавре ки Н.И. Коржанский дуруст қайд кардааст, «объект як падидаи воқеӣ, аммо ғайримоддӣ аст» [128, с. 159].

Ҳангоми таҳлили ҳуқуқии таркиби ҷинояти мазкур предмети ҷиноятро муайян бояд кард.

Аз объекти ҷиноят бояд предмети он фарқ карда шавад. Агар «объекти ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятӣ бошад, пас предмети ҷиноят ин ашёи олами модӣ мебошад, ки ба онҳо ҳаракати (беҳаракатии) шахс равона шудааст» [165, с. 129].

Дар таркиби ҷинояти ба худкушӣ расонидан, аломати «предмети ҷиноят» шахсеро дар назар дорад, ки тавассути таъсир ба ҷисми ӯ таҷовуз бар зидди объект содир мегардад [128, с. 125]. Дар чунин ҳолатҳо, истилоҳи «предмети ҷиноят» ба мафҳуми «ҷабрдида» иваз карда мешавад.

Дар илми ҳуқуқшиносӣ фаҳмиши ягона дар бораи мафҳуми «ҷабрдида» ташаккул наёфтааст. Масъалаи таърифи ҳуқуқии ҷабрдида ва таснифоти он то ҳол пурра ҳаллу фасл нашуда, муносибати ягона нисбат ба ташаккули кирдорҳои ҷиноятӣ, ки боиси ҷабрдида мегарданд, муайян нашудааст.

Ҳангоми ба худкушӣ расонидан, ба ҷабрдида тавассути зӯроварии ҷисмонӣ (таъсири ҷисмонӣ) ва/ё зӯроварии равонӣ (таъсири равонӣ) таъсир расонида мешавад.

Тибқи таснифоти предмети ҷиноят, ки Н.И. Коржанский пешниҳод намудааст, предмети хелии ҷинояти ба худкушӣ расонидан инсон, ва предмети намудии он – ҳолати равонии шахс мебошад. [129, с. 209] Таҷовуз ба рӯҳияи ҷабрдида, ки дар ҷинояти ба худкушӣ расонидан содир мегардад, метавонад дар шакли фишори равонии мустақим ё ғайримустақим зоҳир шавад. Дар ин ҳолат, гунаҳкор талош менамояд, ки тавассути таъсир ба ҳолати равонии ҷабрдида, ӯро ба рафтори муайян водор намояд, ба нафъи ӯ амале анҷом диҳад ё аз анҷом додани он худдорӣ кунад.

Дар ин ҳолат, зарар ба объекти ҷиноят аз ҳаракати ҷабрдида расонида мешавад, ки хилофи манфиатҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ мебошад ва дар худкушии ҷабрдида ифода ёфтааст [304, с. 58].

Дар робита ба ин А.А. Сиркалюк ақидаи худро пешниҳод намудааст. Аз нуқтаи назари ӯ предмети ҷинояти ба худкушӣ расониданро танҳо руҳияи инсон ташкил медиҳад [306, с. 31-32].

Агар фақат руҳияи инсонро предмети ҷинояти мазкур шуморем, пас бояд эътироф кард, ки ба худкушӣ расонидан танҳо бо қасди бевосита содир шуда метавонад. Ба фикри мо, ба руҳияи инсон бо мақсади худкушӣ карданаш танҳо бо пешбинии имкон ё ногузирии фарорасии оқибатҳои хавфи ҷамъиятидошта дар намуди марг ва бо хостани фарорасии онҳо, чунонки пештар гуфтем, амали меъёри ҳуқуқи ҷиноятиро маҳдуд мекунад.

Дар робита ба ин, Н.Г. Чукаева андешаи худро пешниҳод намудааст, ки қобилӣ дастгирӣ мебошад. Ба андешаи ӯ «предмети ҷинояти ба худкушӣ расониданро дар баробари тан, руҳӣ ҷабрдида низ ташкил медиҳад, зеро ҳангоми ба худкушӣ расонидан таъсир ҳам ба тан (таъсири ҷисмонӣ) ва ҳам ба руҳияи инсон (таъсири руҳӣ) расонда мешавад» [231, с. 60].

Бо дарназардошти гуфтаҳои дар боло зикргардида объекти бевоситаи ба худкушӣ расониданро ҳаёти шахс ва предметашро бошад, дар баробари тан, руҳияи шахс ташкил медиҳад.

Чӣ тавре ки маълум аст, омӯзиши объект ва предмети ба худкушӣ расонидан имконият медиҳад, ки на танҳо табиати онро муайян намоем, балки барои ёфтани аломатҳои дигари объективӣ ва субъективии ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт, ки мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, «калид» -ро пайдо кунем.

Вобаста ба таҳлили объект ва предмети ба худкушӣ расонидан мумкин аст ба хулосаҳои зерин омад:

1. Объекти бевоситаи ҷинояти ба худкушӣ расонидан ҳаёти шахси рӯҳан солим ва шахси ба синни 14-сола расида мебошад, ки инкишофи физиологии ҷисмонӣ дорад. Предмети ҷиноят дар баробари ҷисми инсон (тан), рӯҳияи шахсро низ дар бар мегирад.

2. Ба сифати объекти иловагии ҷинояти ба худкушӣ расонидан, обрӯ, эътибор ва саломатии шахс, ки то лаҳзаи содир кардани худкушӣ мавриди таъсир қарор гирифтааст, баромад мекунад.

3. Агар дар ҷараёни ба худкушӣ расонидан, пеш аз анҷом додани он, дар ҷабрдида вайроншавии вазъи равонӣ ба вуҷуд ояд ва ин ҳолат сабаби бевоситаи худкушӣ гардад, чунин кирдор бояд ҳамчун қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, ки боиси марги ҷабрдида шудааст, тибқи қисми 3 моддаи 110 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст карда шавад.

4. Объекти ҷинояти ба худкушӣ расонидан ҳамеша ҳаёти инсон аст, агар объект дигар бошад, пас ҷиноят ҳам дигар хоҳад буд. Агар худкушӣ дар натиҷаи лату кӯб, расонидани зарари ҷисмонӣ, азобу уқубат, таҳқири мунтазам ё ин ки шиканҷа содир шавад, чунин кирдорро танҳо тибқи м. 109 КҶ бе татбиқи моддаҳои дигари мувофиқ ба кирдорҳои дахлдори КҶ бандубаст бояд кард, зеро ки онҳо маънои таркибии мустақили худро гум

мекунанд, чунки ҳаракатҳои зикргардида марҳилаҳои ба худкушӣ расонидан мебошанд. Гузашта аз ин, лату кӯб, шиканҷа, азобу уқубат, таҳқири мунтазам ва далелҳои қасдан расонидани зарари сабуки ҷисмонӣ ба шахсони зикршуда таҷассумгари усулҳои паҳнгаштатарини ба худкушӣ расонидан тибқи мазмуни умумии м. 109 КҶ ҶТ – муомилаи бераҳмона мебошад.

## 2.2 Тарафи объективии ба худкушӣ расонидан

Тарафи объективии ҷиноят маҷмӯи нишонаҳое мебошад, ки онро аз нигоҳи беруна тавсиф мекунанд. Ба ин нишонаҳо дохил мешаванд:

–Кирдори барои ҷамъият хавфнок (ҳаракат ё беҳаркатӣ);

–Оқибати барои ҷамъият хавфнок (натиҷаи ҷиноятӣ);

–Робитаи сабабӣ байни кирдори барои ҷамъият хавфнок ва оқибатҳои он;

–Тарзи содиршавӣ, воситаҳо ва олотҳои ҷиноят, макон, вақт ва шароити содиршавии он.

Тарафи объективии ҷиноят яке аз асосҳои муҳими ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад. Ҳуқуқи ҷиноятӣ танҳо он кирдорҳоеро, ки воқеан хавфнок буда, меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятиро вайрон мекунанд, ҷиноят эътироф менамояд.

Дар ин замина, андешаҳо ё ниятҳои инсон худ аз худ ҷиноят ҳисобида намешаванд, балки танҳо кирдорҳои воқеие, ки ба шахс, ҷомеа ё давлат таҳдиди воқеӣ доранд, ҷиноят дониста мешаванд [211, с. 81].

Нуқтаҳои ибтидоии дарки моҳияти тарафи объективии таркиби ҷиноят иборатанд аз тарафи берунии хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят, ки дар шароити муайян, макон ва вақт содир гардида, ба муносибатҳои ҷамъиятӣ зарари мустақим ё таҳдиди зарар мерасонад» [136, с. 312]; «маҷмуи аломатҳои дорои аҳаммияти ҳуқуқие, ки ҷанбаи берунии кирдори ҷиноятиро тавсиф мекунад» [213, с. 145]; «раванди таҷовузи хавфноки ҷамъиятӣ ва ғайриқонунӣ ба манфиатҳои бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда, аз ҷиҳати берунии он, аз ҷиҳати рушди пайдарпаии ин ҳодисаҳо ва зуҳурот, ки аз

ҳаракати (беҳаракатӣ) ҷиноятии субъект оғоз ёфта, бо фарорасии натиҷаи ҷиноятӣ хотима меёбад», баррасӣ карда мешавад [133, с. 143-148] «маҷмуи хусусиятҳои муҳим, кофӣ ва зарурии тавсифкунандаи амали берунаи таҷовузи хавфноки иҷтимоӣ, ки ба объекти қонунгузории ҷиноятӣ зарар (зиён) мерасонад» [214, с. 194]; «маҷмуи аломатҳои берунӣ, объективӣ, муҳими иҷтимоӣ, хоси ин навъи ҷиноят ва дар қонуни ҷиноятӣ пешбинишуда ва агар диспозитсияи моддаи (Қисми махсуси КҶ ҶТ) блонкетӣ бошад – дар қонунҳои дигар ва (ё) дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинишуда, ки ҷиноятро чун аз ҷониби иҷрокунандагон (иҷрокунанда) хотимашуда ё содиршуда тавсиф мекунанд [79, с. 88].

Тарафи объективии ҷиноят меъёри асосӣ барои арзёбии мақсад ва ангезаҳои ҷинояткор, инчунин барои муайян кардани аломатҳои дигари тарафи субъективии ҷиноят маҳсуб мешавад.

Дар раванди таҳқиқ ё баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ, пеш аз ҳама тарафи объективии ҷиноят муайян карда мешавад ва танҳо дар асоси он, тарафи субъективии ҷиноят таҳлил гардида, хулоса дар бораи мақсад, ангезаи шахсе, ки кирдори барои ҷамъият хавфнок содир кардааст, бароварда мешавад.

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ аломатҳои тарафи объективии таркиби ҷинояти ба худкушӣ расонидан ба қадри кофӣ омӯхта нашудаастд.

Ба гуфтаи В.М. Лебедев, Г.Н. Борзенков ва В.С. Комиссаров, тарафи объективии ҷинояти ба худкушӣ расонидан дар содир кардани амалҳои мушаххаси гунаҳгор зоҳир мегардад, ки ҷабрдидаро ба анҷом додани худкушӣ водор месозанд [113, с. 502]. Тибқи Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон (соли 1961), чунин амалҳо танҳо муносибати бераҳмона ва таҳқири шаъну шарафи шахсиро дар бар мегирифтанд, ки ҳанӯз доираи маҳдуд доштанд [7, с. 65]. Дар айни замон, таҳдид низ яке аз тарзҳои ба худкушӣ расонидан баромад мекунад.

Ба ақидаи В.И. Радченко, тарафи объективии ҷиноят, дар ҳаракатҳои муайян (беҳаракатӣ) ифода ёфтааст, ки тарзҳои он дар қонун пешбинӣ шудаанд [111, с. 401].

Ба ақидаи А.И. Чучаев, тарафи объективии таркиби ҷинояти ба худкушӣ расонидан, иборат аст аз: «а) рафтори гунаҳгор (таҳдид, муомилаи бераҳмона, мунтазам паст задани шаъну эътибори шахси ҷабрдида); б) бо чунин рафтор ба вуҷуд овардани вазъи зиндагӣ, ба назари ҷабрдида «бумбасти» наздик ба ҳолати ноумедӣ; в) таҳти таъсир қарор додани ҷабрдида барои содир кардани амали худкушӣ ва ё сӯиқасд ба он. Ҳамин тавр, сабаби тасмим гирифтани қарори мазкур рафтори қаблии гунаҳгор мебошад» [109, с. 578].

Назар ба гуфтаи А.В. Бриллиантов тарафи объективии ҷинояти ба худкушӣ расонидан кирдор дар шакли ҳаракат ё беҳаракатӣ, оқибатҳои дар шакли худкушӣ ё сӯиқасд ба худкушии ҷабрдида ва робитаи сабабии байни онҳо ифода меёбад [112, с. 812].

Тибқи андешаи Э.Ҳ. Тарасова «тарафи объективӣ асосан дар ҳаракатҳои фаъоли иборат аз азобу укубат додан, зарари ҷисмонӣ расонидан, лату кӯб кардан, паҳн кардани маълумотҳои бардурӯғ, таҳқир, шиканҷа ва ғайра зоҳир мешавад. Инчунин ин ҷиноят метавонад аз беҳаракатӣ содир карда шавад, масалан, пешниҳод накардани хӯрок, либос ва манзил аз ҷониби шахсе, ки ба таври қонунӣ барои нигоҳубини ҷабрдида уҳдадор аст» [316].

Дар робита ба ақидаҳои дар боло овардашуда ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки тарзҳои дар м. 109 КҶ ҶТ пешбинишуда аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки ҷинояти мазкур, бештар, дар шакли ҳаракат содир карда мешавад, зеро дар ҳеч кадоме аз ҳукмҳои суд, ки мо омӯхтем, ҷинояти дар шакли беҳаракатӣ содиршуда тасвир наёфта буд. Аммо беҳаракатиро чун шакли изҳори тарафи объективӣ набояд истисно кард, чунки он метавонад «дар беҳаракатии шахсони уҳдадори ғамхорӣ нисбати шахси дигар зоҳир гардад (волидон нисбати фарзандони хурдсол, фарзандон нисбати волидони

ғайри қобили кор ва ҳоказо)» [204, с. 352]. Беҳаракатӣ метавонад дар таъмин накардани ҷабрдида бо либос, дору, ғизо ё манзил ифода гардад.

Зимнан, ба андешаи мо, ҳаракати ҷиноятӣ дар шакли таҳдид, муомилаи бераҳмона ва мунтазам паст задани шаъну эътибори инсонӣ ва беҳаракатӣ фақат дар шакли муомилаи бераҳмона зоҳир мешавад.

Таҳлили аломатҳои тарафи объективии таркиби ҷинояти дар м. 109 КҶ ҶТ пешбинишуда, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ оварда шудааст, нишон медиҳад, ки, аввалан, сарфи назар аз шабоҳати зоҳирӣ, онҳо аз ҷиҳати мазмун аз ҳам фарқ мекунанд; дувум, ба қатори онҳо аломатҳое дохил мешаванд, ки тарафи объективии таркиби ҷиноятҳои дигар аз қабили ҷиноятҳо ба муқобили шахсиятро (м.м. 111, 112, 115, 119, 129, 130, 131 ва ғ.) дар бар мегирад.

Ин масъаларо мисли масъалаи таркиби таҷовуз ба номус ё ҳаракатҳои зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонидошта (м.м. 138, 139 КҶ ҶТ) метавон ҳал кард. Зараре, ки ба шаъну эътибор ҳангоми таҷовуз ба номус расонида мешавад, далели он нест, ки таҳқири шаъну эътибори ҷабрдида бояд ҳамзамон ба таркиби ҷиноятҳои зидди шаъну эътибор низ мансуб дониста шавад. Аён аст, ки сабаби рақобати таркиби ҷиноятҳои мавриди баррасӣ, тафовути тарзи содиршавии онҳо мебошад.

Дар фарҳанги забони тоҷикӣ дар зери мафҳуми тарз «тавр, тариқа, услуб» [225, с. 2521] фаҳмида мешавад.

Тарзи содир намудани ҷиноят усул (метод)-и ҳаракат ё беҳаракатие мебошад, ки шахси гунаҳгор ҳангоми татбиқи нияти ҷиноятии худ истифода мекунад. Ба чунин усулҳо, аз ҷумла, метавон истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ ё равонӣ, таҳқир, шиканҷа, додани ваъдаҳои бардурӯғ, фиреб, инчунин таҳдид нисбат ба ҷабрдида ва ё шахсони наздики ӯро дохил намуд. Маҳз тавассути тарзи интихобшуда мазмун, самт ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдори ҷиноятӣ зоҳир мегардад.

Дар асл, ягон кирдори мушаххаси ҷиноятӣ наметавонад бидуни тарзи муайяни содиркунӣ вуҷуд дошта бошад, зеро ҳар як амал ё беамалии ҷиноятӣ

ҳатман бо усули муайян амалӣ мегардад. Аммо на дар ҳама ҳолатҳо тарзи содир намудани ҷиноят дорои аҳаммияти мустақили ҳуқуқӣ мебошад. Вақте ки қонунгузор мақсад дорад доираи намудҳои кирдорро васеъ ё тағйир диҳад ва онҳоро бо шаклҳои гуногун фаро гирад, вай диспозитсияи меъёри ҳуқуқи ҷиноятиро бидуни мушаххас намудани тарзи кирдор таҳия мекунад ва онро ба сохтори тарафи объективии таркиби ҷиноят ворид намесозад. Дар чунин ҳолатҳо тарзи содиркунӣ аҳаммияти ёрирасон дошта, танҳо барои тавсифи кирдор ва муайян намудани дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии он истифода мегардад.

Ҷинояти мазкур бо кадоме аз тарзҳои дар диспозитсияи м. 109 КҶ ҶТ зикргардида содир нашавад, боиси ҷавобгарии ҷиноятӣ мегардад. Илова бар ин, тарз яке аз аломатҳои таркибии ҷиноят, тибқи моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҳсуб шуда, дар банду басти ҷиноят нақши муҳим мебозад ва ба дараҷаи хавфи ҷамъиятии кирдор таъсир мерасонад [146, с. 38]. Қонунгузор тамоми тарзҳои ба худкушӣ расониданро муайян намуда, бо ин роҳ онҳоро ба шумори аломатҳои таркиби асосии ҷиноят дохил кардааст. Ин ба он маънost, ки намуди кирдори зиддиҳуқуқӣ муайян гардида, ҳолатҳои мушаххаси воқеии ба худкушӣ расониданро фаро мегирад.

Дар шакли нисбатан умумӣ тарзи ба худкушӣ расониданро чун тарзи рафтори шахсе маънидод кардан мумкин аст, ки намуди муайяни кирдори ҷиноятии зиддиҳуқуқии барои ҷамъият хавфноки бо м. 109-и КҶ ҶТ пешбинишударо содир кардааст.

Таҳқиқи амалияи судию тафтишотӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани кирдори пешбининамудаи м. 109 КҶ ҶТ, бо таваҷҷуҳ ба модели меъёрии он аз шаклҳои зерини зоҳиршавии (тарзи) ба худкушӣ расонидан дарак медиҳад: таҳдид, муомилаи бераҳмона ё пастзании мунтазами эътибори инсон [316, с. 45]. Оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс

барои ба худкушӣ расонидан, муқаррар кардани ҳадди ақал яке аз тарзҳои дар м. 109 КҶ ҶТ зикршуда басанда аст.

Агар ба худкушӣ расонидан ё сӯиқасд ба он бо роҳи таҳдид, муомилаи бераҳмона ё пастзании мунтазами шаъну эътибори шахси ҷабрдида содир шуда бошад, чунин кирдор мавриди ҷазои ҷиноятӣдониста ва шахси гунаҳгор ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида хоҳад шуд. Вале агар сабаби худкушӣ қатъи муносибатҳои никоҳӣ бошад, ҳаракатҳои шахс ҷиноят ҳисобида намешаванд [246, с. 28-31]. Ҳолати охирон бо принсипи адолат мувофиқ аст, зеро муносибатҳои никоҳӣ -оилавиро қонунгузории оила танзим мекунад [67, с. 74].

Гузашта аз ин тафсири аз ҳад васеи тарзҳои пешбининамудаи таркиби ба худкушӣ расонидан, баръало боиси вайрон кардани принсипи қонуният мегардад, зеро тибқи қ. 1 м. 4 КҶ ҶТ «ҷиноят будани кирдор, инчунин сазовори ҷазо ва оқибатҳои дигари ҳуқуқии ҷиноятӣ будани онро танҳо Кодекси ҷиноятӣ муайян менамояд».

Тарзи якуми дар қонуни ҷиноятӣ зикршудаи ба худкушӣ расонидан ё сӯиқасд ба он таҳдид аст, ба шахсияти ҷабрдида ё наздикони ӯ равона шудаанд, бо истиснои таҳдидҳое, ки нисбат ба молу мулки онҳо нигаронида шудааст. Ҳамзамон, дар арзёбии хусусияти таҳдид, таассуроти субъективии ҷабрдида дар мавриди он, ки таҳдид барои ӯ хатари воқеӣ дорад, аҳамияти калон дорад. Бо вуҷуди ин, барои ба даст овардани тасвири воқеии хавфи таҳдид, зарур аст, ки он на танҳо аз дидгоҳи субъективии ҷабрдида, балки аз рӯи хусусияти объективии худ низ арзёбӣ карда шавад [253, с. 59]. Таҳдид мумкин аст аз таҳдиди ҷисмонӣ ё руҳӣ иборат бошад. Таҳдиди зуроварии ҷисмонӣ аз таҳдиди расондани зарбу лат, зарар ба саломатӣ, маҳрум сохтан аз ҳаёт, маҳдуд кардан ё маҳрум сохтани озодӣ, таҷовуз ё дигар кирдорҳои ҷинсии зӯроварона иборат буда метавонад.

Зӯроварии руҳӣ бошад кирдори қасдонаи ҷиноятиест, ки дар таъсиррасонӣ ба руҳияи инсони дигар бар хилоф ё берун аз иродаи ӯ ифода

ёфта, ба расонидани зарар ба ҳаёт, саломатӣ, машаққати ҷисмонӣ ё руҳӣ, маҳдуд кардани озодӣ равона карда шудааст ё чун воситаи маҷбуркунӣ ба содирнамоии ҳаракатҳои (беҳаракатӣ) барои ин шахс номатлуб хизмат мекунад» [294, с. 9].

В.И. Шахов чунин аломатҳои объективӣ ва субъективии зӯроварии руҳиро зикр менамояд: қасд, ихтилоф бо қонун, таъсиррасонӣ, вайрон кардани озодии ирода, маҷбуркунӣ ба содирнамоии ҳаракатҳои (беҳаракатии) номатлуб [308, с. 14]. Л.А. Колпакова ва В.И. Шахов ҷанбаи таҳдиди имконпазирро, ки ба инсон таъсири руҳи мерасонад, инчунин шакли беэҳтиётонаи зӯроварии руҳиро нодида гирифтаанд.

Таърифи муфассалтари зӯроварии руҳиро Л.В. Сердюк пешниҳод намуда, онро чун таъсиррасонии қасдонаи хавфи ҷамъиятидошта, ғайриқонунӣ аз ҷониби шахсони дигар ба руҳияи одам ё гурӯҳи одамон, ки бар хилоф ё берун аз иродаи онҳо бо роҳи иттилоотӣ ё ғайри иттилоотӣ амалӣ карда мешавад ва қодир аст озодии изҳори иродаро пахш намояд ё зарбаи руҳӣ ё физиологӣ расонад.

Мутобиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» зӯроварии руҳӣ дар оила ин «таъсиррасонии қасдонаи руҳӣ, паст задани шаъну эътибори як узви оила аз ҷониби дигар узви оила бо роҳи таҳдид, таҳқир, иръоб ва ё маҷбуркунӣ ба содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳо ё кирдорҳое, ки барои ҳаёт ва саломатӣ хавфноканд, инчунин ба вайроншавии инкишофи руҳӣ, ҷисмонӣ ё шахсият оварда мерасонад» [13] мебошад. Е.Т. Соколова менависад, ки «зӯроварии руҳӣ дар оила ба кӯдак аз зӯроварии ҷисмонӣ ё ҷинсӣ «вазъияти ношояме, ки барои ҳаёти кӯдак» [279, с. 52] -ро ба вуҷуд меояд кам нест.

Зимни таҳлили зӯроварии руҳӣ (эҳсосӣ) ақидаи олими англис П. Дейлро бояд пазируфт, ки онро чун зӯроварии «махсусан маккоронаи зараровар ба рушди шахсият» [244] тавсиф медиҳад.

Дар таърифҳои овардашуда чунин шакли гунаҳгорӣ ба мисли беэҳтиётӣ

вуҷуд надорад, аммо он ҳангоми содир шудани зӯроварии равонӣ низ ҷой дошта метавонад.

Илова бар ин, вожаи «таҳдид», мувофиқи фарҳанги забони тоҷикӣ, маънои тарсонидан, дӯғу пӯписа кардан, ҳаросонданро дорад [225, с. 2601].

Қонуни ҷиноятӣ на шакли изҳори таҳдид, на мазмун ва на ҳеч як аломати дигари онро мушаххас намекунад, бинобар ин метавон хулоса кард, ки омилҳои мазкур ба ҷиноят эътироф шудан ё нашудани кирдор таъсир намерасонанд.

Ҳамчунин дар қонун зикр нашудааст, ки оё таҳдид метавонад содирнамоии ҳаракатҳои ғайриқонуниро дар назар дошта, воқеӣ бошад ё не.

Зимни таҳлили ин тарзи содир кардани ҷиноят муаллифони Тафсири Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия дар зери таҳрири А.И. Чучаев пешниҳод мекунанд, ки дар зери мафҳуми таҳдид «чунин таъсиррасонии руҳи ба ҷабрдида фаҳмида шавад, ки қодир аст ӯро ба содир кардани худкушӣ водор намояд» [108, с. 484]. Зимнан ин таҳдид дар «таҳдиди расонидани марг, зарар ба саломатӣ, ифшои маълумоти бадномкунандаи ҷабрдида, маҳрум кардан аз озодӣ, аз ғизо, сарпаноҳ, воситаҳои зист, нобуд кардани амвол ва ҳоказо зоҳир шуда метавонад. Шакли зоҳиршавии таҳдид (шифоҳӣ, хаттӣ, амалҳои конклюдентӣ) ба бандубаст таъсир намерасонад» [108, с. 484]. Олимони дигар ҳам ин ақидаро ҷонибдорӣ мекунанд [219, с. 60].

Зимни баррасии масъалаи мазкур, Л.Л. Кругликов боз ду нуктаи усулан муҳимро илова мекунад: таҳдид бояд ғайриқонунӣ (таҳдиди зӯроварӣ, бадарғаи ғайриқонунӣ, фош кардани маълумоти маҳрамона) ва воқеӣ бошад, яъне хатарро барои ҳуқуқу манфиати қонунии ӯ ба вуҷуд орад [109]. Таҳдидҳо аз лиҳози таркиб, хислати ибрози воқеиро дошта, бояд боиси пайдоиши ҳисси ночорӣ ва ғайриимкон будани ҳаёти баъдиро дар ҷабрдида ба вуҷуд оварад. Дар зери таъсири чунин зӯроварии руҳӣ одам тасмими худкушӣ мегирад. Зимнан таҳдид мумкин аст нисбати худи ҷабрдида ва ҳам нисбати хешу ақрабоӣ ӯ иброз гардад.

Хусусияти дигари таҳдид, чун тарзи ба худкушӣ расонидан, ки баҳсҳо ва мушкилоти раванди татбиқи ҳуқуқро барангехтааст, миқдори таҳдид мебошад. Оё барои ҷиноят эътироф кардани кирдор изҳори якбораи таҳдид кофист ё лозим аст, ки таҳдид чандинкарата бошад?

Г.Н. Борзенков бар он назар аст, ки «Барои таҳдидро ҳамчун тарзи ба худкушӣ расонидани ҷабрдида эътироф кардан на танҳо мазмун, балки такрору давомнокии он аҳаммият дорад. Ҳатто таҳдиди андак метавонад ҷабрдидаро ба худкушӣ расонад, агар хосияти таъқибро касб намояд. Аз тарафи дигар, на ҳар таҳдиди як бор изҳоршударо, ҳатто агар ҷиддӣ ҳам бошад, чун тарзи ба худкушӣ расонидан баррасӣ кардан мумкин аст. Беҳуда нест, ки дар м. 110 КҶ ФР (м. 109 КҶ ҶТ) таҳдид дар шакли ҷамъ омадааст» [70, с. 100]. Як қатор олимони дигар ҳам чунин ақида доранд [142].

Тибқи нуқтаи назари дигар «таҳдид ҳам чанд маротиба ва ҳам якмаротиба шуда метавонад» [117].

Ба фикри мо, нуқтаи назари дувум боэътимодтар аст, чунки истифодаи истилоҳи «таҳдид» дар шакли ҷамъ на аз он гувоҳӣ медиҳад, ки таҳдид бояд такрорӣ бошад, балки таҳдид метавонад шаклҳои гуногуни иброзро дошта бошад, ба ибораи дигар «таҳдид» на хосияти миқдорӣ, балки сифатиро дар назар дорад. Чизи асосӣ барои таҳдид на хосияти сершуморӣ ва на мунтазамии изҳор, балки қобилияти воқеан тарсондани он мебошад, ё ба қавли И.Я. Фойнитский, «таҳдид бояд чунон муҳим бошад, ки боиси ваҳму тарси таҳдидшаванда гардад» [226]. Истифодабарии мафҳуми «таҳдид» дар м. 109 КҶ ҶТ таҳдиди якмаротибаро истисно намекунад, ҳамон гунае ки истифодабарии исми «лату кӯб» дар м.116 КҶ ҶТ амалҳои якмаротибаи зӯроварии ҷисмониро аз шумори ҷиноятҳо соқит намекунад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, мафҳуми **таҳдид**, ки ҳамчун яке аз роҳҳои ба худкушӣ расонидан арзёбӣ мегардад, кирдори зиддиҳуқуқии хавфнок ва гунаҳгорона барои ҷомеа фаҳмида шуда, он дар таъсири воқеӣ ё эҳтимолии равонӣ ба ҷабрдида ифода меёбад. Ин таъсир метавонад бо

имкони истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ, ҷинсӣ, таҳқири шаъну эътибори шахсият ва фишори равонӣ зоҳир шавад, ки дар натиҷа иродаи ҷабрдида фурӯкаш гардида, ӯ ба худкушӣ ё сӯиқасд ба он даст мезанад.

**Пурсиши коршиносон дар ин масъала чунин натиҷа дод (ниг.: Ҷадвали № 3).**

**Ҷадвали №3.**

**Андешаи коршиносон оид ба фаҳмиши таҳдид ҳамчун тарзи ба худкушӣ расонидан**

| **Савол** | **Ҷавоб** | **Ақида дар %** |
|---|---|---|
| Оё дар зери мафҳуми таҳдиде, ки ба воситаи он ба худкушӣ расонидан содир карда мешавад, кирдори зиддиҳуқуқӣ барои ҷамъият хавфноку гунаҳгоронае, ки дар таъсиррасонии воқеӣ ё имконпазир ба руҳияи ҷабрдида зоҳир шуда, дар имконияти истифодабарии зӯроварии ҷисмонӣ, ҷинсӣ, пастзании шаъну эътибори шахсият, пахш кардани иродаи ӯ ифода меёбад, ки дар натиҷаи инҳо ҷабрдида ба худкушӣ ё сӯиқасд ба онро содир менамояд, фаҳмидан мувофиқи мақсад аст? | ҳа | 88,7% |
| | не | 4,4 % |
| | дар додани ҷавоб душворӣ мекашам | 6,9 % |

Аз ҷадвал маълум мегардад, ки аксарияти пурсидашудагон пешниҳоди додашударо ҷонибдорӣ мекунанд.

Тарзи дигари дар қонуни ҷиноятӣ тасвиршудаи ба худкушӣ расонидан ин **муомилаи бераҳмона** бо ҷабрдида мебошад. Дар қонуни ҷиноятӣ ва адабиёти соҳа мафҳуми муомилаи бераҳмона шарҳи мукаммал дода нашудааст.

Дар адабиёти муосири илмӣ ва илмию амалӣ, чун қоида, мазмуни ин мафҳум ба воситаи номбар кардани кирдорҳое, ки дар онҳо зоҳир мешавад, шарҳ дода мешавад.

Масалан, С.С.Шарипов мафҳуми муносибати бераҳмонаро ҳамчун зӯроварии ҷисмонӣ ва рӯҳӣ, муносибати дағал намудан муайян намуда, пешниҳод менамояд, ки «ба м.174 КҶ ҶТ чунин мафҳуми муносибати бераҳмона ворид карда шавад: «Зери мафҳуми муносибати бераҳмона дар диспозитсияи моддаи мазкур расонидани таъсир ба дахлнопазирии ҷисмии кӯдак, ки дар натиҷаи он зиёни ба саломатии инсон ҳамбастагинадошта расонида мешавад; ҳама гуна таҳдиди воқеии расонидани дарди ҷисмонӣ ё тарсонидани ҷабрдида бо роҳи содир кардани дигар амалҳо, ки ҳуқуқи кӯдакро ба таври ҷиддӣ оид ба ғамхорӣ ва тарбия вайрон мекунад; маҳрум кардани ҷабрдида аз қонеъ кардани талаботи физиологии организм; монеагӣ барои амалӣ намудани манфиатҳои кӯдак оид ба ғамхории иҷтимоӣ ва тарбия фаҳмида мешавад» [307, с. 53-54].

«Ба сифати муомилаи бераҳмона, аз ҷумла, ғайриқонунӣ маҳрум кардан аз озодӣ, ғайриқонунӣ ҷойгир кардан дар бемористони маризиҳои руҳӣ, маҷбур кардан ба ҳаракатҳои хусусияти шаҳвонӣ дошта, маҳрум кардан аз ғизо, манзил, кор, поймол кардани ҳуқуқи дигари ҷабрдида метавонанд эътироф карда шаванд» [142].

Тафсири дигари ин истилоҳро низ мушоҳида мекунем: «Муомилаи бераҳмона бо ҷабрдида дар лату кӯб, азобу уқубат, расонидани осеби ҷисмонӣ, аз ғизо, гармӣ, манзил маҳрум кардани ӯ, маҳдуд кардани озодӣ ва амсоли инҳо зоҳир мешавад» [219, с. 60]. Ба ақидаи Н.Н. Ярмаш, муомилаи бераҳмона маънои раванд, мунтазамии муомилаи бераҳмонаи гунаҳгор нисбат ба ҷабрдидаро дорад [243, с. 5].

Ин тафсири илмӣ то андозаи мукаммал аст: «Муомилаи бераҳмона шаклҳои мухталифи таъсиррасонӣ ба ҷабрдида бо дараҷаи баланди ғайриинсонӣ, бераҳмӣ, бешафқатӣ яъне қасдона расонидани осеб ба саломатӣ бо дараҷаи гуногуни вазнинӣ, лату кӯб, азобу уқубат, таҷовуз ба номус, маҷбур кардан ба ҳаракатҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ, маҳдуд кардани озодӣ ё маҳрум кардан аз он, ғайриқонунӣ ҷойгир кардан дар беморхонаҳои

касалиҳои руҳӣ, маҷбур кардан ба меҳнати вазнини ҷисмонӣ ва ғ.» [108, с. 484] мебошад.

Бо таваҷҷуҳ ба мазмуни пешниҳодшудаи истилоҳи мазкур чунин хулоса метавон кард, ки муомилаи бераҳмона кирдори сершумор ва ҳам кирдори якбора буда метавонад, аммо дар ҳама ҳолатҳо ин кирдор (кирдорҳо) бояд хусусияти ғайриқонунӣ дошта бошад.

Ҳамин тавр, муомилаи бераҳмона метавонад дар шакли латукӯб, азобу уқубат, маҳдуд кардани озодӣ тавассути нигоҳ доштан дар шароити барои зист номувофиқ, маҳрум кардан аз ғизо, об, либос, сарпаноҳ, хоб, инчунин маҷбур сохтани шахс ба иҷрои амалҳое, ки ба манфиати гунаҳкор мебошанд, зоҳир шавад.

Яъне, муомилаи бераҳмона шакли рафтори шадидан бераҳмона, бешафқатона ва таҳқиромез нисбат ба шахси дигар, аз ҷумла дар якҷоягӣ бо зӯроварии ҷисмонӣ мебошад.

Аз ин хулосаи мантиқӣ бармеояд, ки муомилаи бераҳмона метавонад зӯроварии ҷисмониро низ ҳамчун яке аз тарзҳои таъсиррасонӣ дар бар гирад.

Дар баъзе ҳолатҳо, муомилаи бераҳмона метавонад сабаби марги шахс гардад, масалан, вақте ки ҷабрдида пас аз таҳаммулнопазир шудани муносибати шадидан бераҳмона, азобу уқубат ва латукӯб, ба худкушӣ даст мезанад.

Ба ин мисол шуда метавонад парвандаи ҷиноятии №1-136/14 бо айбдории шаҳрванд Н.С. дар содир намудани ҷиноят бо қ.2 м.109 КҶ ҶТ.

Чунончи, шаҳрванд Н.С. моҳи майи соли 2012-ум бо шаҳрванд А.О. ба тариқи динӣ хонадор шуда, дар суроғаҳои гуногуни шаҳри Душанбе ба ҳайси иҷоранишин зиндагонӣ намудааст. Дар давраи зиндагонии якҷояашон Н.С. ба хонааш дар суроғаи ш. Душанбе мунтаззам маст омада, ҳамсараш А.О.-ро дар ҳолати масти таҳти лату куб қарор дода, бо ӯ муомилаи бераҳмона намуда, мунтаззам шаъну эътибори ӯро паст зада, нисбаташ фишору зӯроварӣ намудааст. Дар ин давоми ҳафт моҳ ӯ ва кӯдаконаш О ва С.-ро, ки

аз шавҳари аввалинааш мебошанд, доимо мавриди лату куб қарор додааст. Шаби 10 декабри соли 2013 Н.С. боз дар ҳолати масти ҳамсараш А.О-ро мавриди лату куб қарор дода, ба вай гуфтааст, ки аз хона баромада равад. Бо ин ҳаракатҳои худ, Н.С. нисбати А.О. таҳдиди паст задани шаъну эътиборашро намуда, ӯро таҳқир намудааст.

Ба ин муносибатҳои бераҳмонаи шаҳрванд Н.С., А.О. тоб наоварда, бо мақсади худкушӣ саҳари рӯзи 11 декабри соли 2013 кӯдаконашро оварда, ба дасти бародараш С.С. дода, дар назди бозори «С. Кабир»-и н.Фирдавсӣ кислотаи (сирко) хӯрда, даст ба худкушӣ задааст. Ин ҳолатро бародараш С.С. дида, хоҳарашро дар ҳолати вазнин ба беморхона бурдааст, ки бо кӯшиши духтурони соҳавӣ ӯ аз марг наҷот дода шудааст.

Ҳамин тариқ, суд Шаҳрванд Н.С.-ро бо қ. 2 м. 109 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста шуда, ба ӯ бо ин модда ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба мухлати 5 (панҷ) сол бо адо намудани ҷазо дар калонияҳои ислоҳии дорои низомаш сахт таъин карда шудааст [322].

Таҳлили амалияи пурихтилофи судӣ имкон медиҳад, ки тафсири муомилаи бераҳмонаро, ки тавассути он ҷабрдида даст ба худкушӣ ё сӯиқасд ба он мезанад, бо дарназардошти хусусиятҳои сохтори техникию ҳуқуқии таркиби ҷинояти пешбининамудаи м. 109 КҶ ҶТ, хулосаи дуруст барорем.

Ҳамин тариқ, дар зери мафҳуми муомилаи бераҳмонае, ки боиси содир кардани худкушии ҷабрдида гардидааст, таъсиррасонии зиддиҳуқуқӣ, барои ҷамъият хавфнок, гунаҳгорона ва воқеии шахс ба ягонагии анатомию физиологии ҷабрдида ва ҳам халалдор кардани озодии ӯ бо мақсади ба худкушӣ расонидан фаҳмида шавад.

**Хулосаи муаллифро фикри коршиносон тасдиқ мекунад (ниг.: Ҷадвали 4).**

**Ҷадвали №4.**

**Андешаи коршиносон оид ба тафсири аломати объективии «муомилаи бераҳмона» ҳангоми ба худкушӣ расонидан**

| Савол | Ҷавоб | Ақида дар % |
|---|---|---|
| Оё дар зери мафҳуми муомилаи бераҳмонае, ки боиси содир кардани худкушии ҷабрдида гардидааст, таъсиррасонии зиддиҳуқуқии барои ҷамъият хавфнок, гунаҳгорона, воқеии шахс, ки ба ягонагии анатомию физиологии ҷабрдида ва ҳам халалдор кардани озодии ӯ бо мақсади ба худкушӣ расонидан равона гардидааст, фаҳмидан мувофиқи мақсад аст ё не? | ҳа | 89,1 % |
| | не | 8,2 % |
| | дар додани ҷавоб душворӣ мекашам | 2,7 % |

Дар назарияи илми ҳуқуқшиносӣ ақидае ҳаст, ки манъи эвтаназияро ба муомилаи бераҳмона бояд дохил кард [251, с. 58-59].

Дар парвандаи Претти бар зидди Подшоҳии Муттаҳида [3], Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон, ҳангоми баррасии манъи эвтаназия дар робита бо моддаи 3 «Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибати бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф, чунин хулоса кард, ки манъи эвтаназия ба маънои моддаи 3 Конвенсия муомилаи ғайриинсонӣ ҳисобида намешавад» [11, с. 747].

Тафсири Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон нишон медиҳад, ки моддаи 3 Конвенсия давлатҳоро вазифадор намекунад, ки барои пешгирии азобу ранҷи инсон чораҳои махсус андешанд. Аз ин рӯ, талаби қонунигардонии эвтаназия дар асоси моддаи 3 Конвенсия асос надорад ва чунин уҳдадорӣ барои давлатҳо пешбинӣ нашудааст.

Банди 1 ва 9-и Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 24 декабри соли 2010 №33 «Дар бораи ҳукми судӣ» вобаста ба муайян намудани аломатҳои баҳододашаванда чунин муқаррарот зикр шудааст: «Суд, судя уҳдадоранд, ки

бо дарки масъулияти баланд ҳукми қонунӣ, асоснок ва одилона қабул карда, иҷрои вазифаҳои пешбурди мурофиаи судии ҷиноятиро таъмин намоянд. Суд, судя бояд ҳама гуна масъалаҳоеро, ки дар ҳукм ҳал мегарданд, дар асоси қонун тибқи адолати судӣ ва мутобиқи иродаи ботинии худ ҳамаҷониба, пурра, холисона мавриди санҷиш қарор дода, ҳамаи ҳолатҳои корро дар маҷмуъ, бе дахолат, мавриди баррасӣ қарор диҳанд.

Дар ҳукм бояд хулосаҳои суд, судя вобаста ба бандубасти кирдор бо ин ё он моддаи қонуни ҷиноятӣ, қисм ё банди он асоснок карда шаванд. Суд, судя судшавандаро дар содир намудани ҷиноят аз рӯи аломатҳое, ки ба категорияҳои баҳодиҳӣ (оқибатҳои вазнин, миқдори калон, махсусан калон, масъулияти мансабии судшаванда ва ғайра) тааллуқ доранд, гунаҳгор эътироф намуда, набояд танҳо бо ишора ба аломати дахлдор маҳдуд гарданд, балки дар қисми баёнию асосноккунии ҳукм ҳолатҳоеро, ки асоси хулосабарорӣ дар бораи дар кирдори судшаванда мавҷуд будани аломатҳои мазкур гардидааст, дарҷ намоянд.» [317, с. 78].

Ҷамъбасти амалияи судӣ ва тафтишотӣ гувоҳ аст, ки судҳои ноҳияҳои ш. Душанбе аз қабили ноҳияҳои Сино, Шоҳмансур, Фирдавсӣ, Сомонӣ ва ноҳияҳои тобеи марказ, аз ҷумла ноҳияҳои Рӯдакӣ ва шаҳри Ваҳдат, ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба ҷинояти пешбининамудаи м. 109 КҶ ҶТ меъёрҳои КҶ ҶТ-ро асосан дуруст татбиқ мекунанд. Вале бо вуҷуди ин дар амалияи судӣ ҳангоми баррасии чунин парвандаҳо баҳои ҳуқуқӣ додан ба ҳаракатҳои шахсоне, ки ҷабрдидаро бо роҳи пастзании мунтазами эътибори инсонӣ ба худкушӣ расонидаанд, дар қисмати тафсири аломати объективии «мунтазамӣ» мушкилот ба миён меорад.

Ҳамин тариқ, тарзи дигари содир намудани ҷинояти мазкур пастзании мунтазами шаъну эътибори шахси ҷабрдида мебошад. Пастзании мунтазами шаъну эътибори инсонӣ ин содир намудани як қатор кирдорҳои ба таҳқири ҷабрдида равонашуда, тамасхури ӯ, азиятдиҳӣ, паҳн кардани маълумоти

баръало дурӯғин, писхандҳои дағалона нисбати нуқсони ҷисмонӣ ва амсоли инро дар назар дорад. [138, с. 146].

Илова бар ин, дар миёни олимон дар мавриди ҳолатҳои мунтазам дониста шудани пастзании шаъну эътибори шахси ҷабрдида нуқтаи назари ягона вуҷуд надорад.

Баъзе олимон дар зери мафҳуми мунтазамӣ чанд маротиба такрор шуданро мефаҳманд. «Дар зери мафҳуми пастзании мунтазами шаъну эътибори шахси ҷабрдида изҳороти туҳматомез, таҳқир, танқиди бедодгарона, таъқиб, тамасхур, тавҳини доимӣ ва батакрор дар нисбати шахси ҷабрдида фаҳмида мешавад» [108, с. 484].

Дигарон бар ин назаранд, ки ин «на кам аз се маротиба содир кардани ҳаракатҳои бо як қасд фарогирифта, ки аз муомилаи пастзананда бо ҷабрдида иборатанд», мебошад [283, с. 92].

Гурӯҳи сеюм қайд менамоянд, ки «пастзании мунтазами шаъни инсонӣ вақте ҷой дорад, ки гунаҳгор бо ҷабрдида муомилаи дағалона мекунад, ӯро паст мезанад, бо нафрат писханду тамасхур мекунад, маълумоти расвокунандаро дар борааш паҳн менамояд ва ғ.. Ва ин амалҳо бояд на як бор, балки мунтазам, яъне зиёда аз ду бор содир шаванд» [219, с. 60].

Бино ба ақидаи гурӯҳи чаҳорум, дар мавриди ба худкушӣ расонидан мунтазамӣ шумораи мушаххаси ададӣ надорад. «Мунтазамиро ба ягон нишондиҳандаи миқдорӣ ифода наметавон кард. Ин аломат чунин маъно дорад, ки муносибати гунаҳгор ба ҷабрдида дорои хосияти устувор аст ва дар маҷмуи ҳаракатҳои мушаххаси пастзанандаи шаъну эътибори шахси ҷабрдида зоҳир мешавад» [119].

Дар робита ба ин, муҳаққиқи дигар Э.В. Рижов нуқтаи назари олимони гурӯҳи чорумро ҷонибдорӣ намуда, зикр менамояд, ки тарзҳои дар м. 110 КҶ ФР (м. 109 КҶ ҶТ) пешбинишуда бо дарназардошти аломатҳои сифати кирдори ҷинояткорона бояд баҳо дода шавад, на аломатҳои миқдорӣ. Ба таври ҳатмӣ талаби муқаррар намудани якчанд факти таъсиррасонии

ҷиноятии гунаҳгор (масалан, на камтар аз ду ё на камтар аз се маротиба) ба ҷабрдида, мумкин аст боиси оқибатҳои манфӣ гардад [301, с. 81].

Ба набудани тавсияҳои аниқи Суди Олии ҶТ оид ба тавзеҳи мунтазамии паст задани шаъну эътибори шахси ҷабрдида ҳамчун тарзи ба худкушӣ расонидан як чиз равшан аст – як маротиба таҳқир, туҳмат, тамасхур ва ғ. таркиби ба худкушӣ расониданро ташкил намедиҳад.

Ба ин мисол шуда метавонад парвандаи ҷиноятии №13328 бо айбдории шаҳрванд К.М. дар содир намудани ҷиноят бо м.109 қ.1 КҶ ҶТ.

Ба таври мисол, шаҳрванд К.М. санаи таваллудаш 1 октябри соли 1997 сокини ш. Душанбе кӯчаи Фирдавсӣ моҳи феврали соли 2015 бо шаҳрванд Н.М., санаи таваллудаш 18 январи соли 1998 сокини ш. Душанбе кӯчаи Айнӣ шиносоӣ пайдо намуда, бо ҳам ишқварзӣ менамуданд. Дар ҳамин муддат К.М. ба донишгоҳ ба назди дӯстдоштааш шаҳрванд Н.М., ки номбурда донишҷӯи соли якум буд, пайваста омада, аз ҳиссиёти рашк охиринро беасос дар назди ҳамкурсонаш мавриди лату кӯб қарор дода, мунтазам, нисбаташ муомилаи бераҳмона намуда, обрӯ ва эътиборашро дар назди атрофиён паст мезадааст.

Дар ин замина, санаи 11 марти соли 2016 ӯ бо ҳамроҳии модараш К.С. ба назди падару модари дӯстдоштааш Н.М омада, дар назди хонаи истиқоматӣ дар ҳузури хешу табор ва ҳамсоягонашон бори дигар суханҳои бадномкунанда гуфта, обрӯ ва эътиборашро паст задаст.

Аз ин ҳолатҳо духтари ҷавон тоб наоварда, руҳан азоб кашида, илоҷи раҳоиро дар худкушӣ дида, санаи 12 марти соли 2016, тақрибан соатҳои 07-45 даққиқа худро бо банд дар оғилхонаи манзили истиқоматиашон воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ аз гардан худро ба дор овехта, ба ҳалокат расидааст.

Ҳамин тариқ, суд шаҳрванд К.М-ро дар содир намудани ҷиноят бо қ. 1 м. 109 гунаҳгор дониста, нисбати ӯ ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 3 сол бо адо кардани ҷазо дар калонияи ислоҳии дорои низомаш умумӣ таъин карда шуд [319].

Бо таваҷҷуҳ ба навиштаҳои боло, инчунин бо мақсади таъмини татбиқи дурусту якранги қонунгузории ҷиноятӣ дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан, дар зери мафҳуми пастзании мунтазами шаъну эътибори шахси ҷабрдида якчандкаррата (зиёда аз ду маротиба) паст кардани шаъну эътибори шахс, ки одатан бо тарзи ошкоро бешармона анҷом дода шуда, ба қойдаҳои дар ҷомеа қабулшудаи муносибати байниҳамдигарии одамон мухолифат намуда, бо мақсади барои худкушӣ расонидан содир мешавад, фаҳмида шавад.

**Пурсиши коршиносон дар ин масъала чунин натиҷа дод (ниг.: Ҷадвали 5).**

**Ҷадвали №5.**

**Ақидаи коршиносон оид ба тафсири аломати мунтазам паст задани шаъну эътибори шахси ҷабрдида ҳангоми ба худкушӣ расонидан**

| Савол | Ҷавоб | Ақида дар % |
|---|---|---|
| Оё дар зери мафҳуми пастзании мунтазами шаъну эътибори шахси ҷабрдида якчандкаррата (зиёда аз ду маротиба) паст кардани шаъну эътибори шахс, ки одатан бо тарзи ошкоро бешармона анҷом дода шуда, ба қойдаҳои дар ҷомеа қабулшудаи муносибати байниҳамдигарии одамон мухолифат намуда, бо мақсади барои худкушӣ расонидан содир мешавад, фаҳмидан мувофиқи мақсад аст? | ҳа | 77,5 % |
| | не | 8,4 % |
| | дар додани ҷавоб душворӣ мекашам | 14,1 % |

Таҳлили маълумоти дар ҷадвал овардашуда нишон медиҳад, ки аксарияти коршиносон ин пешниҳодро ҷонибдорӣ кардаанд.

Ба ғайри аломатҳои дар м. 109 КҶ ҶТ айнан номбаршуда, дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ баён мешавад, ки ба худкушӣ расонидан, инчунин бо тарзҳои

дигар, масалан бо роҳи фиреб, харидан, моил кардан, мусоидат кардан низ содир шуданаш мумкин аст.

Ҷабрдида мумкин аст бо роҳи фиреб дар хусуси ҳолатҳои муҳими марбути ҳаёташ ба гумроҳӣ андохта шавад ва зери таъсири он худкушӣ намояд (масалан, ба шахс андешаи бардурӯғро талқин кардаанд, ки гӯё ӯ гирифтори маризии табобатнашаванда аст ва худкушӣ метавонад аз азоби оянда халосаш кунад). Дар чунин ҳолатҳо худкуширо ба ҳеҷ ваҷҳе ихтиёрӣ донистан нашояд [101, с. 125].

Вале мо бо чунин андеша розӣ буда наметавонем, зеро дар қ.1 м. 109 КҶ ҶТ тарзҳои содир намудани ба худкушӣ расонидан ба таври пушида муайян гардидааст ва кирдорҳои дигари бо тарзҳои дар моддаи мазкур зикршуда вобастанабуда таркиби ҷинояти м. 109 КҶ ҶТ- ро ташкил дода наметавонад.

Ниҳоят, аломати охирини тарафи объективии ба худкушӣ расонидан, ки мо таҳқиқ кардем, робитаи сабабии байни кирдори барои ҷамъият хавфнок ва оқибати барои ҷамъият хавфнок мебошад.

Амалияи судӣ дар ҶТ нишон медиҳад, ки исботи парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба худкушӣ расонидан одатан, мушкил мебошад. Дар чунин шароит муқаррар намудани **робитаи аниқи сабабии байни кирдор ва оқибат** дар байни кирдори гунаҳгор ва худкушии ҷабрдида зарур аст.

Робитаи сабабӣ миёни кирдори барои ҷамъият хавфнок ва оқибати барои ҷамъият хавфнок аломати ҳатмии тарафи объективии ҷиноятҳои таркибашон моддӣ дониста мешаванд. Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ба сифати сабаб кирдори барои ҷамъият хавфнок ва ба сифати оқибат натиҷаи ҷинояткорона баромад мекунад. Мавҷуд набудани робитаи сабабӣ ҷавобгарии ҷиноятиро барои оқибати зарари ба вуқуъ омада истисно месозад.

Мувофиқи андешаронии профессор Т.Ш. Шарипов «робитаи сабабӣ-ин муносибати бо ҳам алоқаманде дониста мешавад, ки миёни кирдори барои ҷамъият хавфнок ва оқибати хавфнокии ҷамъиятии аз ин кирдор ба вуқуъ омадааст» [236, с. 77].

П.С. Дагел робитаи ҷабрдидаи ҷиноятро бо тарафи объективии ҷиноят ба воситаи оқибатҳои хавфноки ҷамъият қайд кардааст [250, с. 23]. Дар ҷинояти ба худкушӣ расонидан ҷиноятткор ба ҳуқуқи ҷабрдидагон таҷовуз карда, ба онҳо зарари ҷисмонӣ мерасонад [65, с. 107]. Оқибатҳои хавфноки ҷамъиятӣ чун натиҷаи ҳаракатҳои худи ҷабрдида тавсиф меёбанд.

Дар парвандаҳои ҷиноятии ба худкушӣ расонидан бояд робитаи сабабии байни кирдори гунаҳгор ва оқибатҳои фарорасидаи дар шакли худкушии ҷабрдида ва сӯиқасд ба он муқаррар карда шаванд. Ҳолатҳо бояд ба таври объективӣ шаҳодат аз он диҳанд, ки сабаби ба марг расидани ҷабрдида ё сӯиқасд ба худкушии он, рафтори худи гунаҳгор дар натиҷаи таҳдид аз ҷониби ӯ, муомилаи бераҳмона бо ҷабрдида, пастзании мунтазами шаъну эътибори шахси ҷабрдида мебошад. [267, с. 43] Агар худкушӣ ё сӯиқасд ба он бо хоҳиши худи ҷабрдида рух дода бошаду, ба ин ҳаракатҳои қонунии шахсони мансабдор, инчунин дигар шахсон оварда расонида бошад, дар чунин маврид ҷавобгарии ҷиноятӣ истисно карда мешавад.

Ба таври мисол, аз таҷрибаи судии Федератсияи Россия, шаҳрванд Р. дар ҷараёни ҷанҷоли навбатӣ бо занаш ӯро латту кӯб кард, ҳамсараш ҳангоми гурехтан худро аз ошёнаи дуюм ба пойин партофт. Дар зери тиреза кат бо сихҳои оҳанини рӯ ба боло буд. Ҳангоми ҷаҳиш ҷабрдида ба ин сихҳо бархӯрда, ҷароҳати вазнин бардошт. Баъди ҳодиса Р. лату кӯби завҷаашро идома дод. Зан бар асари осеби гирифтаи ҷисмонӣ фавтид.

Зинаи кассатсионии судӣ таркиби ба худкушӣ расониданро дар ҳаракатҳои Р. эътироф накарда, қарорашро бо он асоснок кард, ки ҷабрдида аз тиреза ба берун ҷаҳида кӯшиш кардааст, ки аз ҳаракатҳои зӯроваронаи шавҳараш наҷот ёбад, на ин ки худкушӣ кунад. Ҳамин тариқ, Р. барои қасдона расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, ки аз беэҳтиёти боиси марги ҷабрдида гардидааст, маҳкум карда шуд [191, с. 536-537].

Қарори қабулнамудаи зинаи кассатсионӣ дуруст буда, дар ҳаракатҳои Р. робитаи сабаби байни кирдор ва оқибати бавуҷудомада бо моддаи 110 КҶ ФР

(109-и КҶ ҶТ) ҷой надорад. Воқеан ҳаракатҳои Р бо қ. 4 моддаи 111-и КҶ ФР (б. «в» қ. 3 м. 110-и КҶ ҶТ) бандубаст карда мешавад.

Инчунин ба яке аз масъалаи дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ кам таҳқиқшуда – муайян кардани робитаи сабабии байни кирдор ва оқибат дар ҳолатҳое, ки худи ҷабрдида ба набудани чунин робита ишора мекунад, мутаваҷҷеҳ бояд шуд. Сухан дар бораи мактуботи пеш аз марги ҷабрдидагон меравад, ки дар он хабар медиҳанд, ки дар марги онҳо касе гунаҳгор нест. Онҳо аз нуқтаи назари бандубасти ҳуқуқи ҷиноятии кирдор чӣ нақше доранд? Оё онҳо бояд ба баҳои ҳуқуқии кирдор таъсир мерасонанд? Илм ва амалияи татбиқи қонун мавқеи асосноку возеҳро дар ин масъала таҳия накардаанд.

Ҳанӯз А.Ф. Кони [123] ба мактубҳои пеш аз марги худкушон ҳамчун сарчашмаи маълумот таваҷҷуҳ карда, ҳолатҳои худкушии муосирон ва бозгузоштани мактубҳои пеш аз марги онҳоро тасвир намуда буд, вале таҳқиқи ӯ бештар на хосияти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, балки хосияти адабӣ-фалсафӣ дорад.

Бо таваҷҷуҳ ба мавҷудияти нуқсони илм ва мушкилоти татбиқи ҳуқуқ таҳқиқи муфассалтари ин масъаларо зарур медонем.

Аз як тараф, азбаски парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба ҷиноятҳои пешбинамудаи м. 109 КҶ ҶТ, тибқи м. 24 КМҶ ҶТ ба парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ ё хусусӣ-оммавӣ мансуб нестанд, мавқеи ҷабрдида аҳаммияти ҳалкунандаро барои қабул намудани қарор оид ба парвандаи ҷиноятӣ надорад. Аз тарафи дигар, оё метавон дар бораи мавҷуд будани ҷинояти пешбининамудаи м. 109 КҶ ҶТ хулосабарорӣ кард, агар худкуш дар мактуби пеш аз марг дақиқу аниқ иброз кунад, ки худкуширо бо хоҳиши худ содир кардааст ва хоҳишманд аст касеро дар ин гунаҳгор накунанд?

Ба ин васила, мавқеи худкуш, ки ӯ пеш аз фаро расидани марг иброз кардааст, барои хулосабарорӣ оид ба мавҷудияти таркиби ҷиноят набояд аҳаммияти муайянкунанда дошта бошад, вале он бояд асос барои гузаронидани таҳқиқоти коршиносӣ бо ҷалби мутахассисони соҳаи

психология ва психиатрия бошад.

Экспертизаи судии муосир аз маҷмуи донишу усулҳое, ки имкони фарқ кардани худкушии бе таъсири бегона содиршуда аз худкушӣ бар асари ҳаракатҳои ҷиноятиро фароҳам месозанд, бархурдор аст [254, с. 234-247]. Ҳама гуна кӯшишҳои асоснокнамоии ҷинояти мазкур бо ақидаи ҷабрдида хилофи қонуни ҷиноятӣ мебошанд, боиси озодшавии беасоси шахсони гунаҳгор аз ҷавобгарии ҷиноятӣ (зеро ҷабрдидаро ба навиштани мактуби пеш аз марг бо хоҳиши гунаҳгор накардани касе дар марги ӯ маҷбур кардан, бо роҳи фиреб ё ба тарзи дигар водор намудан мумкин аст) ва ҳам боиси иштибоҳоти зиёди суд шуда метавонанд.

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ дар масъалаи хотима ёфтани ҷиноят низ мубоҳиса ҷой дорад.

Вобаста ба он ки аз лиҳози сохтори тарафи объективии таркиби ҷинояти ба худкушӣ расонидан моддӣ мебошад, як зумра олимон чунин мешуморанд, ки дар ин ҷиноят кирдор аз лаҳзаи фавти ҷабрдида ё анҷом ёфтани суиқасд ба ҷони худ, аз лаҳзае, ки кирдори шахси гунаҳгор боиси худкушӣ ё кӯшиши анҷом додани он мегардад хотимаёфта ҳисоб мешавад [267, с. 43; 203, с. 158].

Ю.Е. Пудовочкин, таркиби ба худкушӣ расониданро ба гурӯҳи таркибҳои моддӣ мансуб дониста, ба оқибатҳои дигари (м. 109 КҶ ҶТ) худкушӣ ё сӯиқасд ба он ишора мекунад [110, с. 812].

Л.Л. Кругликов лаҳзаи хотима ёфтани ба худкушӣ расониданро дуруст муайян кардааст. Ҷиноят дар лаҳзаи худкушӣ ё сӯиқасд ба он аз ҷониби ҷабрдида хотимаёфта ба ҳисоб меравад. Худкушӣ на танҳо тавассути кирдор (ҳаракат), балки дар ҳолатҳои хеле кам метавонад бо беҳаракатӣ низ содир шавад, масалан, бо худдорӣ аз истеъмоли ғизо [123, с. 578].

Аз он сабаб ки оқибат - худкушӣ ё кӯшиши анҷом додани он ба сифати аломати ҳатмии таркиби ҷинояти ба худкушӣ расонидан баромад менамояд, бинобар ин ба вуҷуд наомадани чунин оқибатҳо ҷавобгарии ҷиноятиро истисно месозад [111, с. 502].

Баъзе аз олимон ҷонибдорӣ он мебошанд, ки таркиби ҷинояти м.109 КҶ ҶТ расмӣ – моддӣ буда, он аз лаҳзаи суйиқасд ба худкушӣ хотимаёфта эътироф мегардад [212, с. 201].

Ҷиҳати радди ақидаи В.А. Казакова, А.С. Михлин, ки ба фикрашон, дар сурати мавҷуд будани ҳаракатҳое, ки боиси фаророрасии оқибат, яъне худкушӣ ё сӯиқасд ба он нашудааст, таркиби ба худкушӣ расониданро ташкил намедиҳад ва бояд пеш аз ҳама ба он таваҷҷуҳ кард, ки ақидаи аксарияти олимоне, ки таркиби ба худкушӣ расониданро таркиби моддӣ меҳисобанд, ба қонун мувофиқат мекунад.

Бо ҷонибдорӣ аз мавқеъе, ки тибқи қ. 3 м. 32 КҶ ҶТ дар ҷиноятҳои бо таркиби моддӣ давраи сӯиқасд имкон дорад, ба фикри мо, эътироф бояд кард, ки аз ҷониби шахс содир гардидани ҳаракатҳое, ки бевосита барои ба худкушӣ расонидани ҷабрдида равона карда шудаасту, вале боиси худкушии ҷабрдида ё сӯиқасд ба он нагардидааст, бояд тибқи қ. 3 и м. 32-и ва м. 109 КҶ ҶТ бандубаст карда шаванд.

**Пурсиши коршиносон дар масъалаи мазкур чунин натиҷа дод (ниг.: Ҷадвали 6).**

**Ҷадвали №6.**

**Фикри коршиносон дар бораи бандубасти ба худкушӣ расонидани хотиманаёфта**

| **Савол** | **Ҷавоб** | **Ақида дар %** |
|---|---|---|
| Оё ба мақсад мувофиқ аст, ки ҳаракатҳое, ки бевосита барои ба худкушӣ расонидани ҷабрдида равона карда шудаасту, вале боиси худкушии ҷабрдида ё сӯиқасд ба он нагардидааст, бо қ. 3-и м. 32-и ва м. 109-и КҶ ҶТ бандубаст карда шавад? | ҳа | 84,8 % |
| | не | 3,5 % |
| | дар додани ҷавоб душворӣ мекашам | 11,7 % |

Аз ин ҷадвал маълум мешавад, ки аксарияти коршиносон ақидаи муаллифро дар бораи худкушии хотиманаёфта ҷонибдорӣ мекунанд.

Дар асоси назария ва бо дарназардошти маводҳои амалияи судӣ, таҳлили тарафи объективии таркиби ба худкушӣ расониданро бо хулосаҳои асосноки зерин таҳия менамоем.

1. Аломатҳои асосии тарафи объективии таркиби ҷинояти пешбиникардаи м. 109 КҶ ҶТ **ҳаракатҳои фаъол** дар шакли ба худкушӣ **расонидан** ба воситаи таҳдид, муомилаи бераҳмона ё пастзании мунтазами шаъну эътибори шахси ҷабрдида, **оқибатҳо дар** шакли худкушӣ ё сӯиқасди он; робитаи сабабии байни кирдори гунаҳгор ва худкушӣ ё сӯиқасди ҷабрдида мебошанд.

2. Аз ҷиҳати сохти тарафи объективӣ, таркиби ба худкушӣ расонидан таркиби моддӣ мебошад, яъне аз лаҳзаи ба марг расонидани ҷабрдида ё сӯиқасди худкушӣ ҷиноят хотимаёфта эътироф мешавад.

3. Таҳлили таҷрибаи муосири ба худкушӣ расонидан ва сӯиқасд ба он нишон медиҳад, ки ба ғайр аз таҳдид, муносибати бераҳмона ё таҳқири мунтазами шаъну шарафи инсонии ҷабрдида, ки тибқи қонунгузории ҷиноятии амалкунанда тарзҳои содир кардан ба худкушӣ мебошанд, инчунин тавассути фиреб, таҳдид ва порадиҳӣ метавонад содир шавад. Вале аз сабаби он ки КҶ ҶТ тарзҳои содир намудани ба худкушӣ расонидан ба таври пушида муайян шудааст, кирдорҳои дигари бо тарзҳои дар моддаи мазкур зикршуда вобастанабуда таркиби ҷинояти м.109 КҶ ҶТ- ро ташкил дода наметавонад.

4. Бо мақсади таъмини татбиқи дурусту якранги қонунгузории ҷиноятӣ дар бораи ҷавобгарӣ барои ба худкушӣ расонидан пешниҳод мешавад, ки Қарори дахлдори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи парвандаҳои марбут ба ҷинояти ба худкушӣ расонидан» қабул карда шуда, дар он аломатҳои ҷинояти мазкур тавзеҳ дода шавад, аз ҷумла бо муайян намудани он ки:

– дар зери мафҳуми **таҳдид** кирдори зиддиҳуқуқӣ, барои ҷамъият хавфнок, гунаҳгоронаеро мебояд фаҳмид, ки дар таъсиррасонии воқеӣ ё имконпазир ба руҳияи ҷабрдида зоҳир шуда, дар имконияти истифодабарии зӯроварии ҷисмонӣ, ҷинсӣ, пастзании шаъну эътибори шахсият, пахш кардани иродаи ӯ ифода меёбад, ки дар натиҷа ҷабрдида даст ба худкушӣ ё сӯиқасд ба он мезанад;

– дар зери мафҳуми **муомилаи бераҳмона,** ки боиси худкушии ҷабрдида гардидааст, таъсиррасонии ғайриқонунӣ, барои ҷамъият хавфнок, гунаҳгорона, воқеии шахси гунаҳгор ба ягонагии анатомию физиологии ҷабрдида ва ҳам вайрон кардани озодии ӯ бо мақсади ба худкушӣ расонидани ҷабрдида бояд фаҳмида шавад;

– дар зери мафҳуми **пастзании мунтазами шаъну эътибори шахси ҷабрдида** якчандкаррата (зиёда аз ду маротиба) паст кардани шаъну эътибори шахс, ки одатан бо тарзи ошкоро бешармона анҷом дода шуда, ба қойдаҳои дар ҷомеа қабулшудаи муносибати байниҳамдигарии одамон мухолифат намуда, бо мақсади барои худкушӣ расонидан содир мешавад, фаҳмида шавад.

5. Тибқи қ. 3 м. 32 КҶ ҶТ ва аз ҷиҳати сохти тарафи объективӣ мансуб донистани таркиби ҷинояти пешбининамудаи м. 109 КҶ ҶТ ба ҷиноятҳои бо таркиби моддӣ, аз ҷониби шахс содир гардидани ҳаракатҳое, ки бевосита барои ба худкушӣ расонидани ҷабрдида равона карда шудаасту, вале боиси худкушии ҷабрдида ё сӯиқасд ба он нагардидааст, бояд тибқи қ. 3 м. 32-и ва м. 109 КҶ ҶТ бандубаст карда шавад.

# БОБИ 3. АЛОМАТҲОИ СУБЪЕКТИВИИ ҶИНОЯТИ БА ХУДКУШӢ РАСОНИДАН

## 3.1. Субъекти ба худкушӣ расонидан

Масъалаи субъекти ҷиноят ба таври ногусастанӣ бо мафҳуми ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс алоқаманд аст. Гузашта аз ин, шахсияти субъекти ҷиноят дорои аҳаммияти криминологӣ буда, яке аз унсурҳои ҷудонашавандаи таркиби ҷиноят ба ҳисоб меравад.

Тибқи ҳуқуқи ҷиноятӣ, субъекти ҷиноят шахсе эътироф мегардад, ки кирдори барои ҷамъият хавфнок (ҳаракат ё беҳаракатӣ), ки қонуни ҷиноятӣ манъ кардааст, содир намуда ва қобилияти бар дӯш гирифтани ҷавобгарии ҷиноятиро дошта бошад.

Субъекти ҷиноят яке аз унсурҳои таркиби ҷиноят маҳсуб мешавад, ки бе он ҷавобгарии ҷиноятӣ имконнопазир аст.

Шахси воқеие, ки ҷиноят содир кардааст, танҳо дар ҳолате метавонад ҷавобгарии ҷиноятӣ дошта бошад, ки дорои нишонаҳои зерин бошад:

- Мукаллаф будан;
- Расидан ба синни муқарраршудаи ҷавобгарии ҷиноятӣ.

Масъалаҳои умумии субъекти ҷиноят ҳамчун яке аз унсурҳои таркиби ҷиноят дар асарҳои муҳаққиқони дигари соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, ба монанди Шарипов Т.Ш [236, с. 100], Бобоҷонзода И.Ҳ [163, с. 90], Солиев К.Ҳ [188, с. 7]., Сафаров Ҳ [182, с. 77], Абдурашидзода А.А [61, с. 41]., Ҳусейнзода С.Ҳ [166, с. 16]., Ғаффорова Н.А. ва Салимов Ҳ.С. [164, с. 83-84] дида мешавад. Бахусус, онҳо диққати асосиро ба омӯзиши масоили синну сол, ҷавобгарии ҷиноятӣ, ва мукаллафӣ равона кардаанд.

Бо дарназардошти мафҳуми қабулшудаи таркиби ҷиноят дар илми ҳуқуқ, барои банду басти дуруст ва асосноки ҷинояти ба худкушӣ расонидан, инчунин ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсе, ки ҷинояти дар моддаи 109

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишударо содир кардааст, ҳузури ҳамаи ин унсурҳо ва нишонаҳои онҳо муҳим ва ҳатмӣ мебошад.

Сарфи назар аз комёбиҳои илмӣ дар таҳқиқи объект, ҷиҳати объективӣ ва субъективии таркиби ҷиноят, омӯзиши субъекти ҷиноят то ҳол дорои проблемаҳои муайян мебошад.

Таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки олимони соҳаи ҳуқуқшиносӣ ба омӯзиши субъекти ҷиноят дар ҳуқуқи ҷиноятӣ таваҷҷуҳи кофӣ намедиҳанд.

Дар натиҷа, набудани таҳлили ҳамаҷонибаи ҷанбаҳои асосии таълимоти субъекти ҷиноят, то ҳол дарки дақиқи ин таълимот ва муайян кардани равишҳои такмили он дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро душвор мегардонад [169, с. 252].

Субъекти ҷиноят мисли дигар унсурҳои таркиби ҷиноят дорои аломатҳои ҳатмӣ ва иловагӣ мебошад.

Аломатҳои субъекти ҷиноятро ба таври мухтасар шарҳу тавзеҳ медиҳем.

Ҳамин тариқ, аз муқаррароти м. 22-и КҶ ҶТ бармеояд, ки субъекти умумии ҷиноят дорои се аломати ҳатмӣ мебошад:

1) шахси воқеӣ;

2) шахси мукаллаф;

3) шахсе, ки ба синни муқарраркардаи КҶ ҶТ расидааст.

Мафҳуми шахси воқеӣ (ҷисмонӣ) дар КҶ ҶТ кушода нашудааст. Мутобиқи қ. 1-и м. 17-и Кодекси мадании ҶТ таҳти мафҳуми шахси воқеӣ – шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони давлатҳои дигар, инчунин шахси бешаҳрвандӣ фаҳмида мешавад.

Аломати дигари ҳатмии субъекти ҷиноят, мукаллафӣ мебошад. Қонунгузорӣ ва илми ҳуқуқи ҷиноятӣ муқаррар кардааст, ки субъекти ҷиноят танҳо шахси мукаллаф шуда метавонад. Мукаллафӣ ҳамчун ҳолати рӯҳии шахс, дар хусусияти воқеӣ ва хавфнокии ҷамъиятии ҳаракат ё беҳаракатии худро дарк ё онро идора карда тавонистан ифода мегардад.

Шахси номукаллаф субъекти ҷиноят эътироф намегарданд ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешаванд. КҶ ҶТ мафҳуми номукаллафиро дар қ. 1 м. 24 муқаррар кардааст, ки мутобиқи он «шахсе, ки ҳангоми содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок дар ҳолати номукаллафӣ буд, яъне бар асари бемории руҳии доимӣ, парешонии муваққатии руҳӣ, заъфи ақл ва ё ҳолати дигари бемории руҳӣ хусусияти воқеӣ ва хавфнокии ҷамъиятии ҳаракат ё беҳаракатии худро дарк ё онро идора карда наметавонист, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад» [6]. Аз мафҳуми номукаллафӣ, мафҳуми мукаллафӣ ифодаи худро меёбад ва бинобар ин дар КҶ ҶТ мафҳуми мукаллафӣ дода нашудааст.

Мукаллафӣ аз рӯи ду маҳак (критерия) муқаррар карда мешавад:

1) маҳаки ҳуқуқӣ (психологӣ);

2) маҳаки тиббӣ (биологӣ).

Маҳаки ҳуқуқӣ дар он ифода мегардад, ки шахс хусусияти воқеии кирдори ба ҷамъият хавфнокашро (дарк намудани ҳаракат ва беҳаракатӣ, робитаи сабабӣ ва оқибати ба ҷамъият хавфнок) дарк мекунад ва онҳоро идора карда метавонад. Дар ин ҷо ду нишонаи маҳаки ҳуқуқии мукаллафӣ дар назар дошта шудааст:

1) нишонаи зеҳнӣ, яъне ба ҷамъият хавфнок будани ҳаракат ё беҳаракатии худро дарк карда тавонистани шахс;

2) нишонаи иродавӣ, яъне кирдори ба ҷамъият хавфноки худро идора карда тавонистани шахс.

Маҳаки тиббии мукаллафӣ «нишондиҳандаи чунин дараҷаи солимии руҳӣ мебошад, ки ба субъект имкон медиҳад дар вақти содир намудани ҷиноят бо шуурона ва бо ирода амал намояд» [236, с. 100].

Вобаста ба дараҷаи дарк намудан ва идора намудан, мукаллафӣ мумкин аст пурра ё маҳдуд бошад. Бояд тазаккур дод, ки шахсе, ки дорои мукаллафии маҳдуд мебошад, номукаллаф дониста намешавад. Дар ин масъала дар қ. 1 м. 25 КҶ ҶТ чунин мустаҳкам шудааст: «Шахси мукаллафе,

ки дар вақти содир намудани ҷиноят бар асари парешонҳолии руҳӣ наметавонист пурра хуссусияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк намояд ё онро идора намояд, ба ҷавобгарии ҷинояти кашида мешавад» [6].

Мукаллафии маҳдуд қисми таркибии мукаллафӣ буда, бо номукаллафӣ алоқае надорад. Мукаллафии маҳдуд низ дорои маҳакҳои тиббӣ ва ҳуқуқӣ мебошад.

Маҳаки тиббии мукаллафии маҳдуд, ин парешонҳолии руҳии шахс ба ҳисоб меравад. «Ба парешонҳолие, ки мукаллафиро истисно намекунад, мутахассисон парешонҳолии руҳиву асаб; пеш аз ҳама шаклҳои гуногуни ҷунунӣ (девонагӣ), ҳолатҳои ба девонагӣ монанд ва дараҷаҳои нисбатан пасти камақлӣ инчунин дигар ҳолатҳои нодурустии инкишофи руҳиро дохил менамоянд» [234, с. 102].

Маҳаки ҳуқуқии мукаллафии маҳдуд аз рӯи чунин ҳолатҳо муайян карда мешаванд:

1) зеҳнӣ, яъне пурра хусусияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк карда натавонистани шахс;

2) иродавӣ, яъне пурра ҳаракати (беҳаракатии) худро идора карда натавонистани шахс.

Ҳангоми содир намудани ҷиноят дар ҳолати мукаллафии маҳдуд, суд онро бояд ҳамчун ҳолати сабуккунанда дар вақти таъини ҷазо ба эътибор гирад. Нисбати шахсоне, ки дар ҳолати мукаллафии маҳдуд ҷиноят содир намудааст, чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ таъин карда мешавад (қ. 2 м. 25 КҶ ҶТ).

Инистути мукаллафии маҳдуд дар ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳаммияти сегонаро доро мебошад:

1) шахсе, ки дар ҳолати парешонии руҳӣ, ки мукаллафиро истисно намекунад, ҷиноят содир намудааст, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад;

2) дар ҳолати мукаллафии маҳдуд содир намудани ҷиноят, ҳангоми аз тарафи суд таъин намудани ҷазо, ҳамчун ҳолати сабуккунанда ба эътибор гирифта мешавад;

3) «парешонҳолии рӯҳӣ, ки мукаллафиро истисно намекунад, мумкин аст ҳамчун асос барои таъин намудани чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ баромад намояд» [165, с. 91].

Ҳамин тариқ, аломати дигари ҳатмии субъекти ҷиноят, расидан ба синну соли муқарраркардаи қонунгузории ҷиноятӣ мебошад.

Аниқ кардани синну соли шахси гунаҳкор яке аломатҳои асосии субъекти ҷиноят мебошад. Одатан синни ҷавобгарӣ аз рӯи ҳуҷҷат муқаррар мегардад. Вале дар баъзе мавридҳо зарурати боз ҳам аниқ кардани сини шахс ба миён меояд. Дар масъалаи лаҳзаи расидан ба синну соли муқарраркардаи қонунгузории ҷиноятӣ бояд банди 7 қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 декабри соли 2002, № 6 «Дар бораи таҷрибаи судии баррасии парвандаҳо оиди ҷиноятҳои ноболиғон»-ро ба роҳбарӣ гирифт. Мувофиқи он «дар назар доштан лозим аст, ки мутобиқи м. 425-и КМҶ ҶТ муайян кардани синну соли ноболиғ ба гурӯҳи ҳолатҳое дохил мешаванд, ки доир ба парвандаҳои ноболиғон муайян карда шуданашон ҳатмӣ аст. Дар вақти муайян кардани синну соли ноболиғ дар назар доштан зарур аст, ки шахс ба синну соле, ки мувофиқи қонун ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, на аз рӯзи таваллудаш, балки аз соати сифри шабонарӯзи дигар мерасад.

Дар ҳолати мавҷуд набудани ҳуҷатҳои расмӣ дар хусуси синну соли шахс, пас, бо мақсади аниқ намудани он экспертизаи судӣ-тиббӣ таъин карда мешавад. Ҳангоми тавассути экспертизаи судӣ-тиббӣ аниқ намудани синну соли судшаванда рӯзи таваллуди ӯ рӯзи охирини ҳамон соле, ки аз тарафи экспертҳо номбар шудааст, ҳисобида мешавад ва дар вақти муайян намудани синну сол бо адади камтарин ва баландтарин судро лозим аст, ки синни камтарини пешниҳодкардаи экспертҳо ба инобат гирифта шавад» [317].

Синну сол ҳамчун аломати субъекти ҷиноят одатан бо роҳи ҳисоб кардани сол муайян карда мешавад. Масалан, Л.В. Борових «таҳти мафҳуми синну сол шумораи солҳои зиндагикардаро мефаҳмад» [293, с. 8].

Муҳаққиқи дигар Р.И. Михеев синну солро ба маънои васеъ ва ба маънои маҳдуд тавзеҳ медиҳад. «Ба маънои маҳдуд синну сол ин марҳилаи вақт аз таваллуд то ягон лаҳзаи хронологӣ фаҳмида мешавад. Ба маънои васеъ синну сол марҳилаи маҳдуди ҳолати психофизикӣ дар ҳаёт мебошад, ки бо тағйироти тиббию биологӣ, иҷтимоию равонӣ ва ҳуқуқӣ муайян карда мешавад» [298, с. 17].

Барои ҷавобгарии ҷиноятӣ синну сол ҳамчун шумораи солҳое бояд фаҳамида шавад, ки шахс аз лаҳзаи таваллуд то лаҳзаи содир намудани ҷиноят паси сар кардааст.

Бо назардошти он, ки предмети асосии ин таҳқиқ таркиби ҷинояти ба худкушӣ расонидан мебошад, таҳлили нишонаҳои шахсоне, ки барои содир намудани ҷинояти дар моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд, зарур аст.

Таҳлили адабиёти таълимӣ нишон медиҳад, ки бархе аз олимон субъекти ҷинояти ба худкушӣ расониданро дар маънои умумӣ ва махсус таъриф мекунанд [138, с. 264-265]. Дар маънои умумӣ, субъекти ҷинояти ба худкушӣ расонидан шахсе мебошад, ки ҷинояти дар моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишударо содир кардааст.

Дар маънои маҳдуд ё махсус, субъекти ин ҷиноят шахсе мебошад, ки метавонад барои қасдона ба худкушӣ расонидан ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад.

Моддаи 22 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аломатҳои субъекти ҷинояти дар моддаи 109 пешбинишударо муайян кардааст. Дар сурати мавҷуд будани ин аломатҳо, шахсе, ки ҷинояти мазкурро содир кардааст, бояд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад.

Маҳз бинобар ҳамин субъекти ба худкушӣ расонидан, ки дорои маҷмуи аломатҳои дар қонуни ҷиноятӣ пешбинишуда (шахси воқеӣ, мукаллафӣ, синну сол) ва яке аз унсурҳои таркиби ҷинояти дар м. 109-и КҶ ҶТ пешбинишуда аст, бештар аз ҳама ба ҷавобгарии ҷиноятӣ алоқамандӣ дорад. Ҳамзамон, аҳаммияти унсурҳои дигари таркиби ҷиноят (объект, тарафи объективӣ ва тарафи субъективии ҷиноят)-ро кам накарда бояд гуфт, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун оқибати содир кардани ҷинояти ба худкушӣ расонидан бо шахси воқеии муайяни мукаллаф, ки қонун ӯро муқаррар намудааст, алоқаманд аст (м. 22 КҶ ҶТ).

А.Н. Трайнин зидди эътирофи субъекти ҷиноят дар низоми унсурҳои таркиби ҷиноят ибрози назар карда, дар пайи исботи фикраш чунин далел меоварад, ки инсон наметавонад унсури кирдори содиркардааш бошад [215]. Назари мазкур мавриди радди рақибон қарор гирифт.

Воқеан, ҷабрдидаро ҳар кас метавонад ба худкушӣ расонад, аммо субъекти ҷинояти пешбининамудаи м. 109-и КҶ ҶТ метавонад танҳо шахси дорои аломатҳое бошад, ки онҳоро қонуни ҷиноятӣ муқаррар кардааст - мукаллафӣ, синну соле (16 сол), ки шуруъ аз он ҷавобгарии ҷиноятӣ фаро мерасад. Ба қавли Н.С. Лейкина, мафҳуми субъекти ҷиноят, пеш аз ҳама, ба маънои маҷмуи аломатҳоест, ки бар асоси онҳо шахси воқеии содиркардаи кирдори хавфноки ҷамъиятӣ бояд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад. Аломатҳои доимӣ ва умумии субъекти ҷиноят, мукаллафӣ ва расидан ба синну соли муайян мебошанд [296, с. 37].

Қонуни ҷиноятӣ дар қ. 1 м. 23 КҶ ҶТ муқаррар кардааст, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан шахсе кашида мешавад, ки ҳангоми содир намудани ҷиноят ба синни шонздаҳсолагӣ расидааст. Л.Д. Гаухман дуруст қайд кардааст, ки «…дар чорчӯбаи мафҳуми умумии таркиби ҷиноят синну сол метавонад ба сифати аломати иловагии (факултативии) субъекти ҷиноят баромад кунад, яъне субъекти махсуси ҷиноятро тавсиф

диҳад» [79, с. 124]. Вале ин нуктаи Л.Д. Гаухман ба субъекти ба худкушӣ расонидан, ки дар таркибаш синну сол аломати ҳатмист, дахл надорад.

Илова бар ин, синну сол субъекти ҷинояти пешбининамудаи м. 109 КҶ ҶТ танҳо шахси воқеии мукаллаф буда метавонад. «Шахсе ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки кирдори ба ҷамъият хавфнокро содир намуда, хусусият ва аҳаммияти ҳаракатҳои ҷинояткоронаи худро дарк намуда, онҳоро дар ҳолати мушаххас идора карда тавонад, яъне мукаллаф бошад» [202, с. 206-208]. Асоси маънавӣ барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс, баён медорад Н.С. Лейкина «на дар он аст, ки ҷинояткор наметавонист ҷиноятро содир кунад, балки дар он аст, ки кирдори ҷиноятӣ ифодаи хираду виҷдони инсон мебошад» [296, с. 185].

Шахси мукаллаф дорои озодии ирода буда, метавонад тибқи талаботи қонуни ҷиноятӣ амал кунад.

Шахси мукаллаф, кирдори бо қонуни ҷиноятӣ манъшударо содир менамояд, албатта зидди қонун амал мекунад.

Таҳлили амалияи тафтишотию судӣ аз мавҷудияти ҳодисаҳои ягонаи ба худкушӣ расонидан аз ҷониби шахсони номукаллаф дарак медиҳад, ки қобили ҷавобгарии ҷиноятӣ намебошанд. Дар чунин ҳолат субъекти ҷиноят вуҷуд надорад ва ҷавобгарии ҷиноятӣ истисно карда мешавад.

Субъекти ба худкушӣ расониданро аз шахсияти инсони гунаҳгор дар содир кардани ҷинояти дар м. 109 КҶ ҶТ пешбинишуда фарқ бояд кард.

Бештари шахсоне, ки дар Тоҷикистон барои ба худкушӣ расонидан кирдорҳояшон ошкор ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудаанд, мардон мебошанд, ки ҳиссашон дар теъдоди умумии шахсони ошкоршуда зиёда аз 4/3 ҳисса – 74,9 %-ро ташкил медиҳад. Ҳиссаи занон ба 25,1 % баробар аст.

Чунон чӣ, аз маводҳои омӯхташудаи парвандаҳои ҷиноятӣ бармеояд, занон сарфи назар аз он, ки нисбат ба мардон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ камтар ҷалб кардашуда бошанд ҳам, дар содир намудани ин ҷиноят нақши нисбатан фаъол доранд ва дар баробари мардон амал мекунанд. Дар як қатор ҳолатҳо

онҳо дар муомилаи бераҳмона, пастзании мунтазами шаъну эътибори инсонӣ ва латту кӯби ҷабрдидагони ба худкушӣ расонидашуда фаъолона иштирок карда, ба ин восита иродаи онҳоро пахш кардаанд.

Дар рафти омӯзиши парвандаҳои ҷинояти ба мо маълум гардид, ки бисёре аз ҷинояткорон таҳсилкарда буданд. Аз ҷумла аз чор се ҳисса (74,7%)-и шахсони ошкоргардида таҳсилоти миёна ва оли дошта, аз ҷумла 26,7%– таҳсилоти олӣ, миёнаи махсус – 22,2%, миёнаи нопурра – 28,9% ва миёнаи пурра – 22,2% доштанд. Чоряки боқимонда, яъне 25,3%-и шахсони ошкор кардашуда соҳиби таҳсилоти поинтар аз миёна ҳастанд. Таҳлили шахсияти нафарони барои ба худкушӣ расонидан ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидашуда нишон дод, ки шахсони соҳиби маълумоти ибтидоӣ ва миёна бештар аз ҳама ҷинояти ба худкушӣ расониданро бо роҳи муносибати бераҳмона ё мунтазам паст задани шаъну эътибори инсонии шахси ҷабрдида содир кардаанд.

Дар бораи вазъи иҷтимоии ҷинояткорон ҳаминро бояд гуфт, ки беш аз нисф, ё худ 58,7%-и онҳо дар лаҳзаи содир кардани ҷиноят ба меҳнати муфиди ҷамъиятӣ машғул набуданд, аз даҳ як ё худ 9,7 % дар садашон соҳибкор ва мардикор буданд.

Таҳлили маводи парвандаҳои ҷиноятӣ аз он дарак медиҳад, ки як қисми шахсоне, ки ҷинояти пешбининамудаи м. 109-и КҶ ҶТ-ро содир кардаанд, шахсони қаблан суднашуда мебошанд. Ҳиссаи шахсони қаблан суднашудае, ки барои ба худкушӣ расонидан ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудаанд, аз теъдоди умумӣ 3,2%-ро ташкил медиҳанд.

Бо вуҷуди он ки иборaҳои «субъекти ҷиноят» ва «шахсияти ҷинояткор чун иборaҳои ҳаммаъно истифода мешаванд, истилоҳи «субъекти ҷиноят» нисбат ба истилоҳи «шахсияти инсоне, ки ҷиноят содир кардааст» маҳдудтар мебошад. Таҳлили адабиёти монографӣ дар масъалаҳои субъекти ҷиноят имкон медиҳад то ба чунин хулоса оем, ки субъекти ҷиноят дорои маҷмуи он аломатҳои шахсияти ҷинояткор аст, ки барои ҳамчун ҷиноят эътироф кардани кирдори барои ҷамъият хавфнок, аҳаммият доранд [170, с. 25].

Ба ғайр аз аломатҳои асосии субъекти умумии ба худкушӣ расонидан, он метавонад боз дорои аломатҳои иловагие бошад, ки ҳангоми бандубаст ва таъйини ҷазо ба назар гирифта мешаванд. Аломати иловагии субъекти ба худкушӣ расонидан ин субъекти махсус мебошад. Ба сифати субъекти махсуси ба худкушӣ расонидан, мутобиқи қ. 2 м. 109 КҶ ҶТ шахсе, ки аз ӯ ҷабрдида аз ҷиҳати моддӣ ё аз ҷиҳати дигар тобеъ мебошад, эътироф мешавад. Вобастагии моддӣ дар он ифода мегардад, ки ҷабрдида дар тарбия ва таъминоти субъекти ҷиноят аст, беҳтар ё бадшавии шароити моддии вай аз гунаҳгор вобаста аст, аз гунаҳгор қарздор аст. Аз дигар ҷиҳат, вобаста будан метавонанд дар муносибатҳои оилавӣ, муносибати корманд ва корфармо, тобеъ ба сардор ва ғайра ифода ёбад [193, с. 248].

Яке аз субъектҳои қ. 2 м. 109 КҶ ҶТ ин шахси мансабдор мебошад, ки тавассути баромаддан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ содир кардааст. Масалан, агар ҷинояти ба худкушӣ расониданро шахси мансабдор бо баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ содир карда бошад, ҳаракатҳои ӯ ҳамчун маҷмуи ҷиноятҳои пешбининамудаи қ. 2-и м. 109-и КҶ ҶТ ва б. «в» қ. 3 м. 316 КҶ ҶТ бандубаст карда мешаванд. Ба худкуш ё сӯиқасди худкушӣ расонидани ҷабрдида мутобиқи моддаҳои қ. 3 м. 314 КҶ ҶТ ва б. «в» қ. 3 м. 316 ҳамчун аломатҳои вазнинкунандаи ҷиноят фаҳмида мешавад. Вале агар муносибатҳои байни шахси гунаҳгор ва шахси ҷабрдида бо вобастагии шахси охирӣ тавсиф ёбанд, пас чунин ҳолат тибқи б. «ж» қ. 1-и м. 62-и КҶ ҶТ бояд чун ҳолати вазнинкунандаи ҷазо эътироф гардад.

Таҳқиқи татбиқи меъёрҳои амалияи судӣ оид ба худкушӣ расонидан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хулосае меоварад, ки мавҷудияти имкони истифодабарии ваколат нисбати ҷабрдида, ки марбути вобастагӣ аз гунаҳгор аст, хавфи ҷамъиятии ҷиноятро ҷиддан меафзоянд ва ба бандубасти кирдори гунаҳгор таъсир мегузоранд.

Чунончи, суди ноҳияи Восеъ дар зинаи аввал нозири милитсия А.А. ба 7 соли маҳрумӣ аз озодӣ маҳкум карданд.

А.А барои ба худкушӣ расонидани шахси 53-сола С. С. гунаҳгор дониста шудааст. А. А. 30-юми ноябри соли 2010 С. С.-ро бо гумони одамкушӣ ба идораи ШВКД дар н. Восеъ даъват кардааст. Худи ҳамон рӯз пас аз нисфирӯзи фарзандҳояш ҷасади С. С.-ро аз оғили хонааш пайдо карданд. С.С. дар номаи пеш аз маргаш нозири калони ШВКД дар н. Восеъро гунаҳгор ҳисобида, инчунин сабаби маргаш ӯро медонад. Марҳум С.С. дар ҳаҷми 8 саҳифа зиндагии рӯзҳои охирро чунин нақл карда навиштааст: «Падруд то рӯзи қиёмат аз дасти беадолатӣ. Марҳум навиштааст, ки ӯ моҳи февлали соли 2010, бегоҳӣ аз н. Восеъ ба хона меомад ва ногоҳ ҷавони маст бо номи М.А. худро зери мошини ӯ партофт. Марҳум мегӯяд, ӯро ба беморхона бурдааст ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ низ ин ҳодисаро санҷиданд. Маҷруҳ М.А бо кумаки марҳум С.С. табобат ёфтааст. Маротибаи дигар М.А.-ро мошини дигар зада фирор мекунад. М.А дар ҷои ҳодиса ба ҳалокат мерасад. Аммо тибқи навиштаи марҳум уро бо таҳдиди айбдор кардан дар ҳамин парванда ба ШВКД- и н. Восеъ даъват кардаанд». Марҳум дар номаи пеш аз маргаш номи муфаттишро бо ракамҳои телефонаш навишта, уро сабаби маргаш меҳисобидааст. Инчунин, навиштааст, ки «М.А гуфтани «уголовник» фарёд карда баёнотҳои бардурӯғ навишта, таҳдид мекунад. Гӯё М.А.-ро ман бо мошин зада кушта бошам. Ҳоло он ки ӯро дигар одам бо мошин зада гурехтааст» [318].

Дар натиҷаи таҳқиқи аломатҳои субъекти ба худкушӣ расонидан хулосаҳои зерин баровардан мумкин аст.

**1.** Ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир кардани ҷинояти дар м. 109 КҶ ҶТ пешбинишуда танҳо шахси воқеии мукаллаф кашида мешавад, ки дар вақти содир кардани ҷинояти ба худкушӣ расонидан ба синни шонздаҳсолагӣ расидааст.

2. Ба сифати субъекти махсуси ба худкушӣ расонидан, мутобиқи қ. 2 м. 109 КҶ ҶТ шахсе, ки аз ҷиҳати моддӣ ё аз ҷиҳати дигар тобеи гунаҳкор мебошад, эътироф мешавад. Яке аз субъектҳои қ. 2 м. 109 КҶ ҶТ ин шахси

мансабдор мебошад, ки тавассути баромаддан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ содир кардааст. Масалан, агар ҷинояти ба худкушӣ расониданро шахси мансабдор бо баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ содир карда бошад, ҳаракатҳои ӯ ҳамчун маҷмуи ҷиноятҳои пешбининамудаи қ. 2-и м. 109-и КҶ ҶТ ва б. «в» қ. 3 м. 316 КҶ ҶТ бандубаст карда мешаванд. Ба худкуш ё сӯиқасди худкушӣ расонидани ҷабрдида мутобиқи моддаҳои қ. 3 м. 314 КҶ ҶТ ва б. «в» қ. 3 м. 316 ҳамчун аломатҳои вазнинкунандаи ҷиноят фаҳмида мешавад.

### 3.2. Тарафи субъективии ба худкушӣ расонидан

Мушкилоти тарафи субъективии ҷиноят яке аз масъалаҳои мураккаб дар ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ таҳқиқотҳои гуногунро вобаста ба ин масъала метавон дучор шуд [103, с. 59]. Сарфи назар аз ҳаҷми чунин корҳо бисёр масъалаҳо то ҳол норавшан ва қисми дигар баҳснок мебошанд, ки ногузир ин ҳолат ба бандубасти ҷиноятҳо таъсир расонида, боиси татбиқи нодурусти қонунгузории ҷиноятӣ ва баҳсҳо дар амалия мегардад.

Ҳамин тавр, муқаррар накардани тарафи субъективии ҷиноят ва аломатҳои алоҳидаи он дар таҷрибаи тафтишотӣ ва судӣ боиси иштибоҳ ҳангоми бандубасти ҷиноятҳо мегардад.

Зимнан, бояд тазаккур дод, ки тарафи субъективии ҷиноят унсури ҳатмии таркиби ҷиноят ба ҳисоб рафта, мавҷуд набудани он боиси истисно гардидани таркиби ҷиноят мегардад ва дақиқ муайян намудани он бошад, боиси бандубасти дурусти кирдори мушаххас мешавад, ки дар натиҷа шахси гунаҳгор ба ҷавобгарии қонунӣ ва асоснок кашида мешавад.

Дар робита ба ин, азбаски кирдори ҷиноятии шахси гунаҳгор дар худ ягона унсури тарафи объективӣ (ҷисмонӣ) ва субъективӣ (руҳӣ, равонӣ)-ро ифода менамояд, бояд чунин унсурҳои таркибии ба худкушӣ расонидан, хусусан аломатҳои тарафи субъективӣ, ҳангоми татбиқи м. 109 КҶ ҶТ ба

пуррагӣ таҳқиқ карда шаванд, то ин ки тавсифи ҳуқуқии таркиби ба худкушӣ расонидан бо тасвири меъёрии он комилан мувофиқ бошад. Ҳамзамон, омӯзиши маводи парвандаҳои ҷиноятии ба худкушӣ расонидан гувоҳӣ медиҳанд, ки дар амалияи судӣ миқдори зиёди камбудиҳои марбути ҷанбаҳои мухталифи масъалаи мазкур, аз қабили бандубаст, тафсири ноаниқи м. 109 КҶ ҶТ, номукаммалии қонунгузорӣ ҷой доранд. Бо хости қонунгузор, содир кардани кирдорҳои пешбининамудаи м. 109 КҶ ҶТ аз хусусиятҳои тарафи субъективӣ, ки фаъолияти ботинии руҳии инсонро инъикос мекунад, сар мезанад. В.В. Ворошилин, Г.А. Кригер [78, с. 9-10] ва А.И. Рарог [178, с. 6] дар зери мафҳуми тарафи субъективии ҷиноят дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ фаъолияти руҳии шахсро мефаҳманд, ки бевосита ба содир кардани ҷиноят рабт дорад. Ба ҳамин монанд ақидаи дигарро И. Ҳ. Бобоҷонзода пешниҳод намудааст. Аз нуқтаи назари ӯ «тарафи субъективии ҷиноят ин муносибати руҳии шахси гунаҳгор ба кирдори ба ҷамъият хавфнокаш мебошад, ки дар қонуни ҷиноятӣ ба сифати ҷиноят пешбинӣ шудааст» [163, с. 90]. Илова бар ин, муҳаққиқ Т.Ш. Шарипов мафҳуми мазкурро ба таври саҳеҳ бо чунин тарз пешниҳод кардааст, ки қобили дастгирӣ мебошад. «Тарафи субъективии таркиби ҷиноят ин сифати дохилии ҷиноят мебошад, ки ҷараёни руҳии (фикркунӣ, иродавӣ, эмотсионалӣ) субъекти ҷиноятро дар лаҳзаи содир намудани кирдори ба ҷамъият хавфноки бо қонуни ҷиноятӣ манъшуда, тавсиф медиҳад» [282, с. 106]. Тарафи субъективии ҷиноят чун унсури муҳимтарини таркиби ҷиноят, аз маҷмуи аломатҳо аз қабили [109, с. 21-22] «гуноҳ, ангезаи ҷиноят, мақсади ҷиноят ва вазъи эмотсионалии шахс дар лаҳзаи содир кардани ҷиноят» [282, с. 106] иборат аст.

Масъалаи тарафи субъективии ҷиноят, ба қавли Л.Д. Гаухман, аз масъалаҳои мушкилтарини ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад [79, с. 132]. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба ин масъала як қатор корҳои илмӣ бахшида шудаанд, вале дар онҳо на ҳама масоили муҳим барои амалия баррасӣ гардидаанд, баъзе нуктаҳое ҳастанд, ки баҳсталаб мебошанд [147, с. 211].

Талаботи мазкур ҳангоми татбиқи м. 109 КҶ ҶТ аҳаммияти махсусро касб мекунад, зеро риоя накардани принсипи қонуният, ки дар м. 4 КҶ ҶТ дарҷ шудааст, метавонад ба нуфузи давлату ҳуқуқ рахна занад ва боиси нобоварӣ ба ниҳодҳои иҷтимоии мазкур гардад.

Дар баробари ин, дар таҷриба фактҳои нодуруст бандубаст кардани кирдор аз сабаби хулосаи нодуруст доштан дар бораи шакли гуноҳ ҷой доранд. Ҳамин тариқ, қарори кассатсионии Суди Олии Россия ҳукми суди вилояти Архангелскро нисбат ба Ш ва К, ки дар содир намудани ҷиноят тибқи банди «г», қисми 2 моддаи 105 КҶ РФ (б. «з» қ. 2 м. 104 КҶ ҶТ) гунаҳгор дониста шудаанд, қонунӣ ва асоснок донист.

Тибқи маводи парвандаи ҷиноятӣ, Ш. ва К. бо мақсади қасос гирифтан барои бадрафторӣ бо ҳамсараш ба назди П. омада, ӯро лату кӯб кардаанд. П. иқрор шудааст, ки нисбат ба қисмати ҳамсараш иштибоҳ кардааст ва пас аз ин ҳама кирдорҳояш сазовори зинда мондан дар ҳаёт нест. Аз ин рӯ П. хоҳиш кардааст, ки худро ба дор овезад. Барои ин Ш. ва К. дастони П-ро баста, ҳар се нафарашон ба соҳили дарё рафтанд. Ш. дарахти муносибро интихоб карда, ба болои он баромад ва ресмонро аз болои шоха партофт. П. мустақилона дар болои тахтаи ҳамсоя меистод. К. ба гардани П. гиреҳ гузошта, нӯки дигари ресмонро ба тана маҳкам кард. Баъд аз ин Ш. ва К. ба канор рафтанд. П. аз чӯб фаромад, аммо ресмон танг нашуд ва баъд аз он худаш зонуҳояшро хам кард, ки ин боиси танг шудани ҳалқа гардид. Ш. ва К. то фаро расидани марги П. чанде мунтазир шуда, баъдан ӯро аз дарахт бароварда, ба хок супурданд.

Дар рафти тафтишоти пешакӣ ва мурофиаи судӣ Ш. ва К. аз сабаби надоштани қасди куштани П., исрор мекунанд, ки онҳоро тибқи талаботи моддаи 110 КҶ ФР (м. 109 КҶ ҶТ) ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашанд. Аммо суд амалҳои Ш. ва К-ро ҳамчун одамкушӣ бандубаст намуд [5].

Муҳаққиқ Ю. А. Уколова қарори кассатсионии Суди Олии Россияро шарҳ дода, ба чунин хулоса омад, ки «агар шахс ҳангоми содир кардани

кирдоре, ки тарафи объективии ба худкушӣ расониданро ташкил медиҳад, ҳадди ақал қисман хоҳони фаро расидани марги ҷабрдидаро дар натиҷаи худкушӣ дошта бошад ё дидаю дониста ба рух додани чунин оқибатҳо роҳ диҳад, кирдор бояд танҳо ҳамчун одамкушӣ бандубаст карда шавад» ва «ба худкушӣ расонидан, бояд ба ҷиноятхое, ки танхо аз беэхтиётӣ дар намуди бепарвоӣ содир шудааст, нисбат дода шавад» [284, с. 18-21].

Дар дигар ҳукми судӣ бевосита нишон дода шудааст, ки ба худкушӣ расонидан қасдона содир карда мешавад.

Ба таври мисол, бо ҳукми додгоҳи ноҳияи Бобоҷон Ғафорови Вилояти Суғд аз 20 декабри соли 2006 Ф. тибқи қисми 1 моддаи 109 ва қисми 1 моддаи 250-иКҶ ҶТ гунаҳкор дониста шуд.

Аввали моҳи марти соли 2005 Ф. аз шиносаш дар бораи муносибатҳои маҳрамонаи зани ҳамсояааш шаҳрванд К. бо марди бегона шарванд М. хабардор шуда, санаи 7 апрели соли 2005 Ф. аз шаҳрванд К. маблағ ба микдори 50 000 сомон талаб мекунад ва санаи интиқоли пулрото 15 сентябри соли 2005 муқаррар кардааст. Дар сурати насупоридани ин маблағ Ф. таҳдид кардааст, ки муносибатҳои маҳрамона доштаи ӯро ба шавҳараш, инчунин ба шахсони сеюм фош мекунад. 15 сентябри соли 2005, соати 9 ва 10 дақиқаи пагоҳӣ ҷасади шаҳрванд К.-ро дар оғили хонааш бо тарзи худро ба дор овехтан наздиконаш пайдо мекунанд.

Коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии ҶТ хукми суди поёниро бетағйир гузошт.

Ба нишони эътироз колегияи Суди Олии ҶТ масъалаи бекор кардани ҳукми додгоҳ дар бораи ҳукми Ф бар асоси моддаи 109-и КҶ ҶТ ва қатъи парвандаро бо далели мавҷуд набудани таркиби ҷиноят дар ҳаракатҳои ӯ ба миёнг узошт.

4 апрели соли 2006 Суди Олии ҶТ эътирозро қонеъ карда, чунин изҳор дошт: «Мувофиқи қонун ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан нисбати шахсе тадбиқ мегардад, ки дар вақти содир намудани ин ҷиноят

қасди бевосита ё бавосита дошта бошад. Шахси гунаҳкор ба ҷамъият хавфнок будани ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк мекунад, имконият ё ногузирии фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфноки онро пешбинӣ мекунад ва хоҳони фаро расидани он мебошад (қасди бевосита) ё ба ҷамъият хавфнок будани ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк мекунад, имконияти фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфнокии онро пешбинӣ намуда, фаро расидани оқибатро нахоста, вале дидаву дониста ба ин оқибатҳо роҳ медиҳад, ё ба онҳо беэътиноёна муносибат менамояд (қасди бавосита).

Чуноне ки аз маводҳои парванда дида мешавад, Ф. барои тасдиқи талаботи тамаъҷӯии молу мулки ӯ таҳдиди фош намудани маълумоти шармсоркунандаи К-ро анҷом додааст. Дар ин ҷо қасди маҳкумшуда барои соҳиб шудан ба молу мулки ҷабрдида равона шуда буд. Дар ин хусус чунин далел ҳам гувоҳи медиҳад, ки ӯ санаи додани пул аз ҷониби К-ро нишон додааст. Дар рафти тафтишот дар парванда муқаррар карда нашудааст, ки Ф. ҷабрдидаро таҳдид карда, фаророрасии марги ӯро мехостааст ё марги ӯро пешбинӣ карда бошад ва ё дидаю дониста ба сар задани чунин оқибат роҳ дода бошад.

Азбаски на мақомоти тафтишот ва на мақомоти судӣ бо далелҳо қасди бевосита ё бавосита доштани Ф-ро барои ба худкушӣ расонидани К. муайян ва пешниҳод накардаанд, таркиби ҷинояти пешбининамудаи м. 109 КҶ ҶТ дар кирдори ӯ ҷой надорад ва қарорҳои суд дар ин хусус бояд бекор карда шуда, парвандаи ҷиноятӣ дар асоси б. 2 қ. 1 м. 27 КМҶ ҶТ қатъ карда шавад.

Хулосаҳо дар бораи тамаъҷӯӣ кардани Ф. бо далелҳои дар маҷлиси судӣ санҷидашуда асос ёфтаанд ва кирдори ӯ тибқи қ. 1 м. 250-и КҶ ҶТ дуруст бандубаст карда шудааст [321].

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ тарафи субъективии ба худкушӣ расонидан чунин тавсиф мешавад, ки ҷинояткор бояд қасд дошта бошад ё эҳтимоли худкушии ҷабрдидаро пешбинӣ кунад [306, с. 116]. Дар ин маврид лахзаи зеҳнӣ ва иродавии шакли қасдонаи гуноҳи судшаванда ба таври возеҳ

асоснок карда нашудааст, байни унсури зеҳнии шаклҳои қасдона ва беэҳтиётонаи гуноҳ фарқият вуҷуд надорад.

Ҳиссаи чунин хатогиҳо дар ҳаҷми умумии хатогиҳои судӣ ба 0,5-1,5% мерасад, ки ин бо сабабҳои зерин вобаста аст:

**Якум,** дар матни қонунгузории ба худкушӣ расонидан тавсифи аниқи тарафи субъективӣ мавҷуд нест, ки ин барои фаҳмиши якхелаи мазмуни руҳии ҷинояти пешбининамудаи м. 109 КҶ ҶТ, ба кормандони мақомоти тафтишотӣ ва судӣ халал мерасонад.

**Дуюм,** ҷараёни муқаррар ва исбот кардани аломатҳои тарафи субъективии ҷинояти дар м. 109 КҶ ҶТ пешбининамуда аз муқаррар кардани ҳолатҳои объективии содир кардани ҷиноят душвортар аст. Илова бар ин, чуноне ки таҳлили маводҳои парвандаҳои ҷиноятии ба худкушӣ расонидан дар амалияи тафтишотиву судӣ нишон медиҳанд, шахсони гунаҳгоре, ки ҷабрдидаро ба худкушӣ расонидааанд, худро бегуноҳ мешуморанд ва мекӯшанд ҳаракатҳои худро чун бегуноҳ расонидани зарар намоиш диҳанду раванди муқаррарнамоии аломатҳои тарафи субъективии таркиби ба худкушӣ расониданро душвор созанд.

**Сеюм,** баъзе аз муфаттишони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ парвандаҳои ҷиноятии ба худкушӣ расониданро сарфи назар карда, ба аломатҳои тарафи субъективӣ аҳаммият намедиҳанд, ки ин боиси таҳқиқи рӯякии шаклу мазмуни гуноҳ, ангеза ва мақсади ҷиноят мегардад.

**Чорум,** дар амалияи судӣ тафсири худсаронаи аломатҳои тарафи субъективии ҷинояти дар м. 109 КҶ ҶТ пешбининамуда ба чашм мерасад, ки дар натиҷа аломатҳои тарафи субъективӣ дар ҳукмҳои таҳқиқшудаи гунаҳгоркунанда бо ёрии ибораҳое, ки бо тавсифи меъёрии қасду беэҳтиётӣ мувофиқ нестанд, шарҳ дода мешаванд, ин мақомоти судии болоиро аз имкони санҷидани дурустии хулосаҳои ҳукми суд дар бораи мундариҷаи тарафи субъективии ба худкушӣ расонидан маҳрум мекунад [178, с. 3].

Ҳамин тавр, дар адабиёти илми ҳуқуқи ҷиноятӣ масъалаи тарафи субъективии ба худкушӣ расонидан хеле баҳсталаб мебошад.

Баъзе муаллифон содиршавии ин ҷиноятро бо қасди бевосита ва ҳам бавосита имконпазир медонанд [113, с. 503], ки таҷрибаи судии кишвар исботи ин гуфтаҳост. Чунин мавқеъ дар таҷрибаи судии кишвар оид ба он, ки тарафи субъективии ба худкушӣ расонидан ҳам бо қасди бевосита ва ҳам бо қасди бавосита имконпазир аст, дастгирӣ пайдо кард.

Р.З. Авакян сабаби чунин ҳолатро дар он мебинад, ки ҳангоми содир кардани ҷинояти ба худкушӣ расонидан, дар қиёс бо одамкушӣ, шахси гунаҳгор ҳаракатҳои бевосита боиси марги ҷабрдида гаштаро содир намекунад. Ҷабрдида худаш зери роҳбарии идроку ирода қарори падруд гуфтан бо зиндагиро қабул мекунад ва худаш онро ба иҷро мерасонад [62, с. 71-76]. Бинобар ин, ба фикри Р.З. Авакян, ба худкушӣ расонидан бо ҳар намуди шакли қасдонаи гуноҳ имконпазир мебошад.

Маҳз барои ҳамин мулоҳизоти И.Л. Козаченко пазируфтанӣ нест, зеро ӯ менависад, ки «он ҳолат, ки аз ҳаёт маҳрум карданро худи ҷабрдида иҷро мекунад, барои бандубасти кирдор аҳаммият надорад» [105, с. 391].

Муаллифони алоҳида таъкид мекунанд, ки қасди бевосита кирдорро ба одамкушии қасдона табдил медиҳад [284, с. 18-21]. Дар робита ба ин, С.В. Бородин [72, с. 62], Н.И. Загородников [91, с. 233], Б.В. Здравомислов [202, с. 49], И.Л. Козаченко, З.А. Незнамов [105, с. 46], Л.Д. Гаухман, С.В. Максимов [218, с. 54-55] С.Ҳ. Ҳусейнзода [166, с. 90] бар он назаранд, ки тарафи субъективии ба худкушӣ расонидан бо қасди бавосита тавсиф меёбад, яъне шахс кирдори худро дарк карда, имконияти ба худкушӣ расонидани ҷабрдида ва ё сӯиқасди онро пешбинӣ намуда, фаро расидани чунин оқибатҳоро нахоста, вале дидаву дониста ба онҳо роҳ медиҳад, ё ба онҳо беэътиноёна муносибат мекунад.

Олимони дигар тарафи субъективии ба худкушӣ расониданро ҳам бо шакли қасдона ва ҳам беэҳтиётонаи гуноҳ рабт дода, барои исботи ин чунин

далелро пеш меоранд, ки дар диспозитсияи моддаи мазкур шакли гуноҳ зикр нашудааст [113, с. 502]. Дар ин маврид, гуноҳ метавонад ҳам дар шакли қасди бевосита ва ҳам бавосита, беэҳтиётӣ бошад, метавонад ҳам дар шакли худбоварӣ ва ҳам бепарвоӣ ифода гардад [115].

Муҳаққиқони дигар В.П. Ревин ва Ҳ.С. Сафаров тарафи субъективии ба худкушӣ расониданро гуноҳ дар шакли қасди бевосита ё бавосита, инчунин гуноҳ дар шакли бепарвоӣ тавсиф кардаанд [182, с. 11].

Нуқтаи назаре иброз мешавад, ки мувофиқи он тарафи субъективии ба худкушӣ расонидан бо беэҳтиётӣ ё қасди бавосита нисбати натиҷаи ҷиноят тавсиф меёбад [159, с. 82].

Илова бар ин, дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ақидае мавҷуд аст, ки ба худкушӣ расониданро ба ҷиноятҳои фақат бо беэҳтиётӣ содиршаванда нисбат дода шавад [190, с. 78].

Андешаҳо оид ба он ки тарафи субъективии ба худкушӣ расонидан бо гуноҳ дар шакли беэҳтиётӣ низ тавсиф мегардад қобили қабул буда наметавонад. Зеро, тибқи КҶ ҶТ (қ. 2 м. 27) кирдори танҳо аз беэҳтиётӣ содиршуда дар ҳолате ҷиноят эътироф мешавад, ки агар он дар моддаи дахлдори Қисми махсуси ҳамин Кодекс пешбинӣ шуда бошад. Вобаста ба ин, А.А. Толкаченко чунин андеша дорад, ки агар дар диспозитсияи Қисми махсуси КҶ шакли мушаххаси гуноҳ дар таркиби асосӣ ё бандубастшудаи ҷиноят зикр нашуда бошад, пас гуноҳ метавонад танҳо қасдона ё қасдона ва беэҳтиётона бошад [159, с. 102]. Воқеан, дар КҶ ҶТ гурӯҳи калони ҷиноятҳое ҳаст, ки метавонанд қасдона ва ҳам аз беэҳтиётӣ содир шаванд. Ин вазъ ба ду далел қобили қабул нест. Аввалан, мисли пешина аён нест, ки кадом шакли гуноҳ нисбати ҷиноятҳое, ки аломатҳои тарафи субъективӣ дар диспозитсияи он нестанд, вуҷуд дорад, хусусан дар м. 109 КҶ ҶТ. Набудани имкони тафсири якмаъноси шакли гуноҳи дар м. 109 зикрнашуда яке аз сабабҳои татбиқнопазирии воқеии меъёри ҷавобгарӣ барои ба худкушӣ расонидан мебошад. Дар КҶ ҶТ ҷой доштани ҷиноятҳое, ки ҳам қасдона ва ҳам аз

беэҳтиётӣ содир карда мешаванд, ба ин маъност, ки ҷазо барои онҳо бояд яксон бошад (санксияашон яксон аст), яъне хеле сабук (барои қасд) ё хеле вазнин (барои беэҳтиётӣ). Дар ин миён «ҳадди санксия бояд ба мушаххасӣ ва дақиқии аломатҳои таркиби дар диспозитсия тасвиршуда мутаносиб бошад [272, с. 200]. Чӣ қадаре ки тарафи субъективии ҷиноят возеҳу мушаххастар тасвир ёфта бошад, ҳамон қадар ҳадди аксару ақали ҷазоро камтар кардан мумкин аст» [260, с. 145]. Ақидаи В.Е. Квашис қобили қабул аст, ки ба андеша ӯ ҳадди ақал ва ҳадди аксари ҷазоҳои муайян чунон калону аломатҳои баҳодиҳии диспозитсияҳо чунон номуайян мебошанд, ки дар баъзе ҳолатҳо андешаронӣ дар мавриди имкони таъини ҷазои яксон барои ҳамон як ҷиноятҳои дар шароити якхела ва аз ҷониби субъектони шабеҳ содиршуда дар ҳақиқат на қоида, балки истисно мебошад [102, с. 161].

Вазъи дар боло зикршуда бо принсипи тафриқабандии ҷавобгарии ҷиноятӣ, ки хавфи ҷамъиятӣ ва шахсияти гунаҳгор асоси он мебошанд, мувофиқ нест [264, с. 59-60]. Шакли гуноҳ бозгӯи хусусияти хавфи ҷамъиятӣ доштани он аст [14]. Шакли зоҳирии ифодаи хавфи ҷамъиятӣ ҷазои меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад [240]. Ҳамзамон ҷазо (санксия) чун аломати зоҳирӣ, расмии хавфи ҷамъиятӣ метавонад хавфи ҷамъиятии ҷиноятҳоеро, ки намуду андозаи ҷазояшон яксон аст, паст ё баръакс, хеле баланд кунанд. Аз ин сабаб вобастагии «хавфи ҷамъиятӣ – санксияи модда» танҳо ба шарти бознигарии санксияҳои қабулшуда ва низоми табақабандии меъёрҳои КҶ ҶТ амал карда метавонад, то ин ки санксияҳо пурра ба хусусияту дараҷаи хавфи ҷамъиятии ҷиноят мувофиқ бошанд (Н.Г. Кадников пешниҳод мекунад, ки ба ҷои ибораи «хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят» ибораи «вазнинии ҷиноят» истифода карда шавад). [98, с. 19]

Бо мақсади бартараф намудани чунин вайронкунии принсипи адолат (м. 8 КҶ ҶТ) пешниҳод мегардад, ки имкони дар як моддаи Қисми махсуси КҶ ҶТ муттаҳид намудани имкони қасдона ва ҳам аз беэҳтиётӣ содир кардани ҷиноят соқит карда шавад. Ин кирдорҳо бояд дар моддаҳои гуногуни КҶ

ҷойгир карда шаванд (ҷиноятҳои бо ду шакли гуноҳ дар таркибҳои бандубастшуда ҷойгир карда мешаванд). Барои ин санҷиши Қисми махсуси КҶ-ро гузаронида, ҷиноятҳои қасдона ва аз беэҳтиёти содиршударо ба моддаҳои (қисмҳои моддаи) мухталиф ҷойгир бояд кард. Зиёда аз ин, бо мақсади риояи принсипи адолат дар м. 27 КҶ ҶТ мустаҳкам намудани меъёри зерин мувофиқи мақсад аст: «1[1]. Дар як моддаи (қисми моддаи) Қисми махсуси ҳамин Кодекс муттаҳид кардани кирдорҳои қасдона ва аз беэҳтиётӣ содиршуда мумкин нест». Ин имкон медиҳад, ки калимаи «танҳо» аз қ. 2 м. 27 КҶ ҶТ соқит карда, ба шакли пешинаи он такя карда шавад: «кирдори аз беэҳтиётӣ содиршуда дар ҳолате ҷиноят эътироф мешавад, ки агар он дар моддаи дахлдори Қисми махсуси ҳамин Кодекс пешбинӣ шуда бошад».

Вобаста ба ин бо мақсади фаҳмиши дурусти тарафи субъективии ба худкушӣ расонидан, ҳалли масъалаи мушкили ҷудосозии шаклҳои гуноҳ ва аҳаммияти ин раванд барои бандубаст намудани ба худкушӣ расонидан, мувофиқи мақсад меҳисобем, ки м. 27 КҶ ҶТ дар таҳрири зерин иншо шавад: «1. Шахсе дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор эътироф мешавад, ки ӯ ин кирдорро қасдан ё аз беэҳтиётӣ содир карда бошад. 1[1]. Дар як моддаи (қисми моддаи) Қисми махсуси ҳамин Кодекс муттаҳид кардани кирдорҳои қасдона ва аз беэҳтиётӣ содиршуда мумкин нест. 2. Кирдори аз беэҳтиётӣ содиршуда дар ҳолате ҷиноят эътироф мешавад, ки агар он дар моддаи дахлдори Қисми махсуси ҳамин Кодекс пешбинӣ шуда бошад».

Ҳамин тариқ, натиҷаи таҳқиқи тарафи субъективии ба худкушӣ расонидан ба мо имкон медиҳад, то хулосаҳои зерин бароварда шаванд.

1. Аломати асосии таркиби ҷинояти ба худкушӣ расонидан гуноҳ маҳсуб мешавад, ки он ҳамчун муносибати равонии шахс ба кирдори ҷамъиятан хатарнок танҳо лаҳзаи содиршавии ҷиноят пайдо ва зоҳир мегардад. Ангеза ва мақсадҳои ба худкушӣ расонидан ба моҳияти гуноҳ дохил намешаванд, балки онҳо муносибати равонии шахсро нисбат ба

кирдор ва оқибатҳои он инъикос мекунанд, ки дар ҳамин раванд моҳияти гуноҳ таҷассум меёбад.

2. Ба худкушӣ расонидан мумкин аст бо қасди бевосита ва ҳам бавосита содир шавад, ин пурра бо мазмуни қонунии м. 109 КҶ ва амалияи тафтишотиву судӣ мувофиқ аст.

3. Бо мақсади фаҳмиши дурусти тарафи субъективии ба худкушӣ расонидан, инчунин барои ҳалли масъалаи мушкилии ҷудосозии шаклҳои гуноҳ ва аҳаммияти ин раванд барои бандубаст намудани ба худкушӣ расонидан, мувофиқи мақсад меҳисобем, ки м. 27 КҶ ҶТ дар таҳрири зерин иншо шавад: «1. Шахсе дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор эътироф мешавад, ки ӯ ин кирдорро қасдона ё аз беэҳтиётӣ содир карда бошад. $1^1$. Дар як моддаи (қисми моддаи) Қисми махсуси ҳамин Кодекс муттаҳид кардани кирдорҳои қасдона ва аз беэҳтиётӣ содиршуда мумкин нест. 2. Кирдори аз беэҳтиётӣ содиршуда дар ҳолате ҷиноят эътироф мешавад, ки агар он дар моддаи дахлдори Қисми махсуси ҳамин Кодекс пешбинӣ шуда бошад».

### 3.3 Ҷудо намудани таркиби ба худкушӣ расонидан аз дигар таркиби ҷиноятҳои монанд

Баҳои дурусти ҳуқуқии ҷинояти содиршуда на танҳо муқоисаи ҳолатҳои воқеии содиркунии онро бо аломатҳои ҳуқуқии таркиби мушаххаси ҷиноят тақозо мекунад, балки инчунин ҷудо намудани онро аз дигар таркибҳои ҷиноятие, ки аз рӯи баъзе аломатҳо наздиканд, талаб менамояд. Муайян кардани меъёрҳои ҷудо намудани ҷинояти пешбининамудаи моддаи 109 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиноятҳои ҳамҷавор имкон медиҳад, ки мазмуни аломатҳои он амиқтар таҳлил карда шавад ва ба бандубасти дурусти он мусоидат намояд. Зарурати таҳқиқ намудани масъалаҳои ҷудо намудани ин ҷиноят пеш аз ҳама бо он алоқаманд аст, ки ин ҷиноят бо ба марг расонидани ҷабрдида вобастагӣ дорад.

Тавре маълум аст, ҷавобгарӣ барои расонидани зарар ба ҳаёти инсон дар КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо бо моддаҳои Фасли VII қисми махсус – «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ» пешбинӣ шудааст. Таркибҳои ҷиноятие, ки оқибатҳои барои ҷамъият хавфноки онҳо зарар ба ҳаёти инсонро дар бар мегиранд, инчунин дар фаслҳои дигари қисми махсуси КҶ ҷойгир карда шудаанд. Дар чунин ҳолатҳо ҳаёти инсон объекти иловагии бевосита ба шумор меравад.

Аммо дар доираи ФаслиVII қисми махсуси КҶ на танҳо таркибҳои ҷиноятҳое пешбинӣ шудаанд, ки дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба гурӯҳи «ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт» дохил шуда, дар онҳо зарар ба ҳаёти инсон ҳамчун объекти ягона ё асосии бевосита баромад мекунад. Дар моддаҳои ҳамин боб инчунин ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои дигаре низ муқаррар шудааст, ки таркибҳои ҳуқуқии онҳо танҳо оқибатҳои зарар ба ҳаёти инсонро дар назар доранд ва дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба гурӯҳи мазкур дохил карда мешаванд.

Таҳдид, муносибати бераҳмона ё таҳқири шаъну шарафи ҷабрдида, ки зимни ба худкушӣ расонидан ҷой доранд, метавонанд мустақилона таркиби ҷинояти алоҳидаро ташкил диҳанд. Дар робита бо ин, аксар вақт зарурати тахассуси иловагии амали гунаҳкор ба миён меояд.

Аз мазмуни м.109 КҶ ҶТ бармеояд, ки чунин кирдорҳо метавонанд таҳдиди куштор ё зарари вазнин ба саломатӣ расонидан (м.120 КҶ ҶТ), қасдан расонидани зарари сабук ба саломатӣ (м.112 КҶ ҶТ), лату кӯб (м.116 КҶ ҶТ), шиканҷа (м. $143^1$ КҶ ҶТ) бошанд. Таҳлили таҷрибаи судӣ нишон медиҳад, ки дар масъалаи бандубасти чунин ҷиноятҳо дар маҷмӯъ бо м.110 КҶ ҶТ мавқеи ягона вуҷуд надорад.

Аксаран дар якҷоягӣ бо м.109 КҶ ҶТ м. $143^1$КҶ ҶТ (шиканҷа) татбиқ мегардад. Бо вуҷуди ин, дар таҷрибаи судӣ вобаста ба бандубасти ин амалҳо тибқи маҷмӯи моддаҳои зикршуда андешаҳои гуногун мавҷуданд.

Дар он ҳолатҳое, ки муносибати бераҳмона дар шакли ҳаракатҳои зӯроварона ифода ёфта, нисбат ба ба худкушӣ расонидан дараҷаи пасттари хавфи ҷамъиятиро доранд, онҳо набояд дар бандубаст ҳамчун ҷинояти алоҳида инъикос шаванд. Масалан, агар худкушӣ натиҷаи ҳаракатҳое, аз қабили лату кӯб, зарари сабук ба саломатӣ, азобу уқубат бошад, чунин ҳаракатҳо бояд танҳо тибқи моддаи 109 КҶ ҶТ бандубаст шаванд, бе истифодаи дигар моддаҳои дахлдори КҶ. Дар ин ҳолат, онҳо аҳамияти таркиби мустақили ҷиноятро гум карда, танҳо ҳамчун марҳилае барои ба худкушӣ расонидан арзёбӣ мегарданд.

Аммо агар муносибати бераҳмона дар ҳаракатҳое ифода ёбад, ки тибқи қонун ҷинояти вазнинтар аз ба худкушӣ расониданро ташкил медиҳанд (масалан, қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ), пас чунин ҳаракатҳо бояд дар маҷмӯъ бо моддаҳои 109 ва 110 КҶ ҶТ бандубаст шаванд.

Ҷиноятҳои нисбатан сабуке, ки зимни ба худкушӣ расонидан содир мешаванд, бояд танҳо ҳамчун усул ё воситаи ба худкушӣ расонидан ва яке аз аломатҳои тарафи объективии он арзёбӣ гарданд. Дар ҳолатҳое, ки ҷинояти нисбатан вазнинтаре нисбат ба ба худкушӣ расонидан содир мегардад, чунин ҳаракат ҳамчун кирдорҳои рақобаткунанда шинохта мешавад, ки оқибатҳои он аз доираи тарафи объективии ба худкушӣ расонидан берун мебароянд ва бинобар ин, баҳои мустақили ҳуқуқиро талаб менамоянд.

Мавҷудияти ду меъёри ҳуқуқӣ, ки ҷавобгариро барои марги ҷабрдида пешбинӣ мекунанд, таваҷҷуҳи хосро ба худ ҷалб менамояд. Инҳо «одамкушӣ» (м.104 КҶ ҶТ) ва «ба худкушӣ расонидан» (м. 109 КҶ ҶТ) мебошанд, ки зарурати ҳал намудани масъалаи таносуби ин ду меъёрро ба миён меорад.

Куштор аз ҷиҳати тарафи объективӣ бо кирдори фаъоли гунаҳгор (камтар бо беҳаракатӣ) нисбати ҷабрдида содир мегардад, ки дар натиҷаи он ба марг ё сӯиқасд ба ҳаёти ӯ оварда мерасонад. Ба худкушӣ расонидан бошад,

бо кирдорҳое тавсиф меёбад, ки одатан таъсири равонӣ дошта, натиҷаи ҷиноятии онҳо ба ҳалок кардани худи ҷабрдида равона шудааст [273, с. 163].

Масъалаи ҷудо намудани одакушӣ аз ба худкушӣ расонидан, ки бо қасди бевосита содир шудааст, аз ҷониби олимон мавриди таваҷҷуҳи зиёд қарор гирифтааст. Дар назарияи ҳуқуқ фикре паҳн шудааст, ки агар шахси ба худкушӣ расонидаро содирнамуда нисбати марги ҷабрдида қасди бевосита дошта бошад, кирдори ӯ бояд на ҳамчун ба худкушӣ расонидан, балки ҳамчун одамкушӣ бандубаст шавад. Ба ин тартиб, ҳал намудани масъалаи мавҷудияти одамкушӣ ё ҷинояти дигар аз мазмуни тарафи субъективии кирдори содиршуда вобаста дониста мешавад, на аз тарафи объективии он. Дар айни замон, ҳеҷ кас далели онро инкор намекунад, ки барои эътироф намудани воқеаи мушаххас ҳамчун одамкушӣ бояд робитаи сабабӣ байни кирдори гунаҳгор ва марги ҷабрдида муайян карда шавад, бахусус ки мафҳуми одамкушӣ ҳоло дар худи қонуни ҷиноятӣ (қ. 1 м.104 КҶ ҶТ) зикр шуда, ишораи мустақим ба «қасд»-ро дар бар мегирад. Робитаи сабабӣ дар якҷоягӣ бо кирдор ва оқибати он бидуни ягон шубҳа ба аломатҳои тарафи объективии таркиби ҷиноят мансуб мебошад [289].

Профессор Н.М. Ярмиш бар он назар аст, ки дар дурустии он муаллифоне, ки фарқияти байни ба худкушӣ расонидан ва одамкуширо пеш аз ҳама дар тарафи объективӣ меҷӯянд, шубҳае вуҷуд надорад [289, с. 234]. Коршиносоне, ки тарафи субъективиро таҳқиқ мекунанд, борҳо таъкид намудаанд, ки муносибати равонии шахс ба кирдори содиркардааш дар ягон шароит наметавонад тарафи объективии кирдорро тағйир диҳад ё «таҳриф» намояд ва тарафи субъективӣ нисбати тарафи объективӣ ҳеҷ гоҳ «қувваи бозгашт» надорад [94, с. 219]. Дар сатҳи назариявӣ ин мавқеъ зери шубҳа гузошта намешавад. Аммо дар амалия баъзан аз он дур мешаванд. Мисоли возеҳи ин ҳолат тасаввуроте мебошад, ки агар шахс бо қасди бевосита ба худкушӣ расонад, он на ҳамчун ба худкушӣ расонидан, балки ҳамчун одамкушии қасдона арзёбӣ мегардад [256, с. 233-234]. Тарафдорони чунин

мавқеъ бар он ақидаанд, ки агар айнан ҳамон кирдорҳо бо қасди бавосита содир шаванд, пас чунин кирдор ҳамчун ба худкушӣ расонидан боқӣ мемонад. Аммо бояд дар назар дошт, ки ҳар кирдоре, ки ба марги шахс оварда мерасонад (дар мавҷудияти дигар аломатҳои таркиб), ҳамеша одамкушӣ маҳсуб мегардад. Ҳодисае, ки дар сурати мавҷуд будани қасди бевосита ҳамчун одамкушӣ эътироф мешавад, дар сурати мавҷудияти қасди бавосита ё беэҳтиётӣ низ одамкушӣ боқӣ хоҳад монд.

Рафторе, ки дар нигоҳи аввал ба ба худкушӣ расонидан монанд аст, дар асл танҳо дар сурате метавонад одамкушӣ ҳисобида шавад, ки агар натиҷаи он на худкушӣ, балки маҳз марг бошад. Ин ҳолат дар мавридҳое имкон дорад, ки агар иродаи ҷабрдида, ки гӯё худро бо «дастони худ» мекушад, дар ҳақиқат дар ин раванд иштирок надошта бошад. Масалан, агар иродаи ҷабрдида бо зӯрӣ фалаҷ шуда бошад (масалан, бо таъсири маводи психотропӣ), ё умуман бо сабабҳои равонии дигар (касалии рӯҳӣ, хурдсолӣ) мавҷуд набошад, ё ҷабрдида тавассути фиреб моил ба куштани худ шуда бошад. Ғайр аз ин, ҳолатҳое низ имкон доранд, ки ҷабрдидаро дар мавқеи ба ном «интихоби марговар» мегузоранд, ки «роҳи сеюм» вуҷуд надорад [289, с. 134]. Ба чунин ҳолатҳо метавон мисол овард, ки шахс таҳдиди куштан намуда, ҷабрдидаро маҷбур месозад, ки ба худ тир занад, заҳр бинӯшад ё худро аз баландӣ партояд. Дар мавридҳое, ки иродаи шахсӣ вуҷуд надорад, худкушӣ ҳам нест ва маргро ҳаракати худи ҷинояткор ба вуҷуд меорад, ки он одамкушӣ ҳисоб мешавад.

Баръакс, агар ҳаракатҳои шахс, ки ба ҳалокати худаш равона шудаанд, натиҷаи ирода ва интихоби худи ӯ бошанд (ҳатто агар таҳрикшуда низ бошанд), онҳоро метавон ҳамчун худкушӣ баррасӣ намуд. Дар чунин ҳолат шахсе, ки ҷабрдидаро ба чунин тасмим моил сохтааст (масалан, бо муносибати бераҳмона), метавонад танҳо барои ба худкушӣ расонидан ҷавобгар дониста шавад. Хоҳиши марги шахси дигар дар чунин шароит ҳамоно хоҳиши ба худкушӣ расонидани ҷабрдидаро ифода мекунад, яъне

шахс мехоҳад, ки ҷабрдида худ амалҳои марговарро анҷом диҳад. Хоҳиши марги дигарон ҳанӯз ба маънои расонидани марг нест. Дар чунин мавридҳо, маргро худи ҷабрдида ба худ мерасонад. Дар ин ҳолатҳо, новобаста аз он ки ҷинояткор марги ҷабрдидаро мехост, пешбинӣ мекард ё ба он беэҳтиётӣ муносибат намуд, ӯ шахси дигарро бевосита аз ҳаёт маҳрум накардааст. Аз ин рӯ, сухан дар бораи ҷавобгарӣ барои одамкушӣ намеравад.

Ҳамин тавр, одамкушии қасдона ва ба худкушӣ расонидан (аз ҷумла бо қасди бевосита) маҳз аз тарафи объективӣ, мушаххасан аз рӯйи оқибатҳои баамаломада фарқ мекунанд. Дар одамкушӣ оқибати кирдор марги ҷабрдида мебошад, дар ҳолати ба худкушӣ расонидан бошад, худкушии ҷабрдида мебошад [310, с. 116].

Ҳамин тариқ, ҳангоми ба худкушӣ расонидан, бар хилофи одамкушӣ, марг на дар натиҷаи таъсири бевоситаи ҷисмонии шахси гунаҳгор, балки дар натиҷаи қарори мустақилона ва огоҳонаи худи ҷабрдида ба амал меояд. Ҷабрдида таҳти таъсири омилҳои равонӣ, аз қабили муносибати бераҳмона, шантаж, маҷбур намудан ба анҷом додани ҳаракатҳои ғайриқонунӣ ё пастзании мунтазами шаъну шарафи инсонии худ аз ҷониби гунаҳгор, ба ҳолати равоние дучор мегардад, ки дар он худ тасмим мегирад ба ҳаёти худ хотима диҳад ва ин тасмимро бо дастони худ қасдан амалӣ менамояд. Дар чунин ҳолат, иродаи ҷабрдида, ҳарчанд зери фишори равонӣ қарор дошта бошад ҳам, аз байн намеравад ва маҳз ӯ ҳамчун субъекти фаъол қарор ва амали ниҳоиро иҷро мекунад.

Тарзи зиндагӣ, ҷаҳонбинӣ, эътиқодҳо ё арзишҳои шахсии ҷабрдида, ки метавонанд ба қабули чунин қарор таъсир расонда бошанд, аҳаммияти мустақими ҳуқуқӣ барои бандубасти кирдор надоранд ва ба худи хусусияти ҷиноят таъсир намерасонанд. Муҳим он аст, ки марг натиҷаи амали мустақими худи ҷабрдида бошад, на натиҷаи кирдори бевоситаи ҷисмонии шахси дигар.

Аз ин рӯ, дар ҳолатҳое, ки ҳадди ақал яке аз унсурҳои таркиби одамкушӣ (пеш аз ҳама таъсири мустақими ҷисмонӣ ба ҳаёти ҷабрдида) мавҷуд нест, сухан дар бораи мавҷудияти таркиби одамкушӣ рафта наметавонад. Одамкушӣ танҳо дар он сурат ҷой дорад, ки шахси гунаҳгор бевосита бо амали худ ҳаёти шахси дигарро қатъ намояд, яъне байни кирдори ӯ ва марги ҷабрдида робитаи мустақими сабабӣ вуҷуд дошта бошад.

Дар ҳолатҳое, ки чунин кирдори ғайриқонунии мустақими як шахс нисбати шахси дигар, ки ба марги ӯ оварда расонад, мавҷуд нест, ҳатто дар сурати хоҳиш, ният ё пешбинӣ намудани марги ҷабрдида аз ҷониби гунаҳгор, таркиби одамкушӣ ташаккул намеёбад. Дар чунин вазъиятҳо марг ҳамчун натиҷаи амали худи ҷабрдида арзёбӣ шуда, ҷавобгарии шахси гунаҳгор метавонад танҳо дар доираи ба худкушӣ расонидан, бо дарназардошти ҳамаи унсурҳои таркиби он, баррасӣ гардад. Дар айни замон дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор моддаҳои амалкунанда мавҷуданд, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои муносибати бераҳмона пешбинӣ мекунанд. Яке аз чунин таркибҳои ҳамҷавор барои моддаи 109 КҶ ҶТ моддаи $143^1$ (шиканҷа) ба ҳисоб меравад.

Шиканҷа мутобиқи қ.1 м. $143^1$ КҶ ҶТ чунин муайян карда шудааст: 1) қасдан расонидани азобу уқубати ҷисмонӣ ва (ё) рӯҳӣ, ки аз ҷониби шахсе, ки таҳқиқ ё тафтишоти пешакӣ мегузаронад ё шахси мансабдори дигар ё бо таҳрики онҳо ё розигии хомӯшонаи онҳо ё бо огоҳӣ доштани онҳо аз ҷониби шахси дигар, бо мақсади аз шахси таҳти шиканҷа қарордошта ё шахси сеюм гирифтани маълумот ё иқроршавӣ ё ҷазо додани ӯ барои ҳаракате, ки ки ӯ ё шахси сеюм содир намудааст ё дар содир намудани он гумонбар шудааст, инчунин тарсонидан ё маҷбур кардани ӯ ё шахси сеюм ё бо сабаби дигаре, ки ба ҳар гуна табъиз (дискриминатсия) асос ёфтааст, содир шудааст.

Аз таърифи зикршудаи шиканҷа се аломати асосиро ҷудо кардан мумкин аст: расонидани азобу уқубати ҷисмонӣ ва (ё) рӯҳӣ, хусусияти

қасдонаи расонидани чунин дард ва мавҷудияти мақсади мушаххас, аз ҷумла тарсонидан ё маҷбур намудани шахс ба иҷрои амалҳои муайян.

Бо назардошти мазмуни моддаи мазкур, шиканҷаро бояд аз дигар шаклҳои муносибати бераҳмона дар асоси дараҷаи шиддатнокии ранҷу азоби расонида фарқ кард. Дараҷаи бераҳмӣ ё шиддати ранҷу азоб метавонад тавассути омилҳое ба монанди давомнокии амал, таъсири ҷисмонӣ ва равонӣ, ҷинс, синну сол ё вазъи саломатии ҷабрдида, инчунин тариқа ва усулҳои татбиқи он муайян гардад.

Аз нигоҳи тарафи объективӣ шиканҷа метавонад на танҳо нисбати худи ҷабрдида равона карда шавад, балки ҳамчун усули ғайриқонунии таъсир ба шахсони сеюм дар шакли тарсонидан ё маҷбуркунӣ истифода шавад.

Мақсад аломати ҳатмии тарафи субъективӣ буда, дар гирифтани маълумот ё иқроршавӣ аз шахси таҳти шиканҷа қарордошта ё шахси сеюм, ё ҷазо додани ӯ барои ҳаракате, ки содир намудааст ё дар содир кардани он гумонбар мешавад, зоҳир мегардад.

Субъекти ҷиноят махсус мебошад ва он метавонад танҳо аз ҷониби таҳқиқбарандагон, шахсоне, ки тафтишоти пешакиро мебаранд, ё шахсони дигари мансабдор содир карда шавад.

Ҳамаи далелҳои дар боло зикршуда имкон медиҳанд, ки шиканҷаро ҳамчун шакли махсуси муносибати бераҳмона бо ҷабрдида арзёбӣ намоем. Таҳқиқоти амалиявӣ тасдиқ мекунад, ки таъсири равонию осебзои шиканҷа аксар вақт ба худкушии ҷабрдида оварда мерасонад.

Ҳамин тариқ, агар шиканҷаи ҷабрдида боиси худкушӣ ё сӯиқасди ӯ ба худкушӣ гардад, кирдори содиршударо бояд тибқи моддаи 109 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмӯъ бо моддаи 143[1] КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бандубаст намуд.

Таркиби дигари ҳамҷавор бо қ. 2 м. 109 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, иҷро номатлуби ӯҳдадорӣ оид ба таъмини бехатарии ҳаёт ва саломатии кӯдак

мебошад, ки агар он боиси марги ноболиғ гардад, тибқи қ.2 м. 175 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст.

Дар чунин ҳолат рақобати меъёрҳо ба вуҷуд меояд, зеро қ. 2 м. 175 КҶ ҶТ меъёри махсус нисбат ба меъёри умумӣ, яъне қ. 2 м. 109 КҶ ҶТ ба ҳисоб меравад. Ба вуҷуд омадани рақобати ҷуз ва том аз он сабаб аст, ки қонунгузории ҷиноятӣ дар баробари таркибҳои оддии ҷиноятҳо, ки кирдорҳои бевоситаро тасвир мекунанд, инчунин таркибҳои мураккаби ҷиноятҳоро низ фаро мегирад.

Аз ҷониби олимон қайд мегардад, ки меъёрҳои махсус дар ҳуқуқи ҷиноятӣ воситаи муҳимми техникӣ-ҳуқуқии ба низом даровардани маводи қонунгузорӣ буда, вазифаи муҳими пешгирикунандаи умумиро иҷро менамоянд. Дар ҳолатҳое, ки таҷовузҳои ҷиноятӣ ба объекти муайян дараҷаи баланди хатарнокии иҷтимоиро пайдо мекунанд, зарурати ҷудо кардани чунин кирдор дар меъёри алоҳидаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба миён меояд, то ки шахси эҳтимолии ҳуқуқвайронкунанда ба таври возеҳ дарк намояд, ки маҳз барои ин кирдори мушаххас ҷавобгарии ҷиддӣ пешбинӣ шудааст. Баръакс, меъёрҳои умумӣ аксаран ба таври нисбатан абстрактӣ таҳия мешаванд, зеро онҳо маҷмӯи васеи ҳолатҳо, муносибатҳо ва ҷузъиётро дар бар мегиранд, ки зикри муфассали онҳо принсипи сарфаи маводи ҳуқуқиро халалдор месозад ё бинобар зиёдии арзишҳои таҳти ҳифзи қонун қарордошта, ҳатто ғайриимкон мегардад [300, с. 78].

Фарқи байни қ.2 м.109 ва қ. 2 м.175 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама дар тарафи объективӣ зоҳир мегардад. Тавре ки қаблан қайд шуд, кирдори дар қ. 2 м. 109 КҶ ҶТ пешбинишуда, аз ба худкушӣ ё сӯиқасди худкушӣ расонидани ноболиғ бо роҳи таҳдид, муомилаи бераҳмона ё пастзании мунтазами шаъну эътибори ӯ иборат мебошад. Қисми 2 м. 175 КҶ ҶТ бошад, ҷавобгариро барои иҷрои номатлуби ӯҳдадорӣ оид ба таъмини бехатарии ҳаёт ва саломатии кӯдаки хурдсол аз ҷониби шахсе, ки ин ӯҳдадорӣ тибқи вазифаи хизматӣ ба зиммааш гузошта шудааст ё аз ҷониби

шахсе, ки ин вазифаро мувофиқи супориши махсус ба ҷо меорад, ё ин ӯҳдадориро ихтиёран ба зимма гирифтааст пешбинӣ менамояд, ки ин боиси марги ноболиғ гардидааст.

М.И. Бажанов чунин ҳолатҳоро ба ҳайси мисол овардааст, ки дар доираи аломатҳои ҷинояти мазкур дохил мешаванд: ҳолатҳое, ки мураббии кӯдакистон, омӯзгор ё мураббии варзиш чораҳои ғайриқонунии ҷазоро истифода мебарад (латукӯб, маҳкам намудан дар утоқи алоҳида, ҷойгир кардани кӯдак дар таҳхона ва ғайра) ё роҳбари мактаб-интернат шароити зарурии таъмири биноро таъмин накарда, ин сабаби оқибатҳои фоҷиавӣ мегардад. Ҳамчунин ҳолатҳое мисол оварда мешаванд, ки агар мураббии кӯдакистон ё муаллими тарбияи ҷисмонӣ чораҳои зарурии таъмини амнияти кӯдаконро дар вақти оббозӣ таъмин накарда бошад ва дар натиҷа кӯдак дар ҷои амиқ ғарқ шавад [208, с. 77].

Ба ақидаи профессор Н.А. Гуторова, иҷро накардани ӯҳдадориҳои касбӣ ё хизматӣ беамалие мебошад, ки шахс ӯҳдадориҳои муайян оид ба ҳифзи ҳаёт ва саломатии кӯдаконро, ки дар асоси санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ё дигар санадҳои ҳуқуқӣ бар ӯ гузошта шудаанд, иҷро намекунад, гарчанде дар шароити мушаххас имконияти иҷрои онҳоро дошта бошад. Иҷрои номатлуби чунин ӯҳдадориҳо бошад, бо анҷом додани амалҳое ифода меёбад, ки бо вайрон намудани талаботи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ё дигар санадҳои ҳуқуқӣ сурат мегирад (масалан, омода кардани хӯрок дар муассисаи солимгардонии кӯдакон бо вайрон кардани талаботи санитарӣ-гигиенӣ) [209, с. 75-76].

Ҳамчунин, фарқи байни субъектҳои ин ҷиноятҳо низ мавҷуд аст. Субъекти ҷинояти пешбининамудаи моддаи 109 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад умумӣ ё махсус бошад, яъне шахсе бошад, ки ҷабрдида аз ӯ вобастагии моддӣ ё дигар намуди вобастагӣ дорад. Дар м. 175 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон субъекти ҷиноят шахсест, ки ӯҳдадориҳои касбӣ ё хизматӣ оид ба ҳифзи ҳаёт ва саломатии ноболиғон ба зиммаи ӯ гузошта шудаанд, масалан: категорияҳои муайяни кормандони муассисаҳои таҳсилоти олӣ,

таҳсилоти миёнаи умумӣ, муассисаҳои таълимӣ-касбӣ, муассисаҳои таълимии беруназмактабӣ, муассисаҳои табобативу солимгардонии кӯдакон, хонаҳои кӯдакон, паноҳгоҳҳо, мураббиёни хонаҳои кӯдакони оилавӣ ва баъзе кормандони муассисаҳои туристӣ ва ғайра.

Сарфи назар аз фарқи расмӣ дар тарафи объективӣ ва субъектҳои ҷиноятҳои зикршуда, дар амал масъалаи рақобати меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ба вуҷуд меояд. Аз ҷумла, профессор М.И. Хавронюк қайд мекунад, ки оқибати ҷинояти пешбининамудаи қ.2 м. 175 КҶ ҶТ низ метавонад ба марги ноболиғ дар натиҷаи худкушии ӯ оварда расонад [158, с. 328].

Чӣ тавр бояд ҳаракатҳои омӯзгор ё мураббиеро, ки нисбати ноболиғ чораҳои ғайриқонунии ҷазоро истифода намуда, боиси худкушӣ ё сӯиқасди ӯ ба худкушӣ шудааст, арзёбӣ кард? Дар чунин маврид муайян кардани он, ки мураббӣ ё омӯзгор шахсест, ки ноболиғ аз ӯ вобаста мебошад (қисми 2 моддаи 109 КҶ ҶТ), ё шахсе, ки ӯҳдадориҳои касбӣ ё хизматии таъмини амнияти ҳаёт ва саломатии ноболиғон бар зиммааш гузошта шудаанд (қ.2 м. 175 КҶ ҶТ), мушкил мегардад. Аз нуқтаи назари объективӣ чунин амал метавонад воқеан мувофиқи ҳар кадоме аз ин ду моддаи номбаршуда бандубаст карда шавад.

Ҷудо намудани ин ду таркиби ҷиноят асосан аз рӯйи тарафи субъективӣ, аз ҷумла шакли гуноҳ, инчунин вобаста ба мавҷудият ё набудани мақсади ба худкушӣ расонидани ҷабрдида бо роҳи фароҳам овардани шароите, ки дар натиҷаи он ҷабрдида худро аз ҳаёт маҳрум месозад. Гарчанде аз ҷиҳати назариявӣ чунин ҷудо намудан имконпазир ба назар мерасад, вале дар амалия муайян намудани он аксаран душворӣ ба миён меорад.

Ҳамин тариқ таҳлили зербоби мазкур имкон медиҳад хулосаҳои зерин барорем:

1. Ҳамин тариқ, ба худкушӣ расонидан аз одамкушӣ (м.104 КҶ ҶТ), пеш аз ҳама бо хусусиятҳое фарқ мекунад, ки тарафи объективии ҳар яке аз

ин ҷиноятҳоро тавсиф мекунанд. Ҳангоми ба худкушӣ расонидан, бар хилофи одамкушӣ, ҷабрдида таҳти таъсири таҳдид, муомилаи бераҳмона ё пастзании мунтазами шаъну эътибори шахсӣ мустақилона қарор мегирад, ки ҳаёти худро қатъ намояд ва ин қарорро огоҳона, бо дастони хеш татбиқ мекунад. Тарзи зиндагие, ки ҷабрдида интихоб мекунад, метавонад дилхоҳ бошад ва ба бандубасти ҷиноят таъсире намерасонад. Яъне дар ҳолати набудани ҳадди ақал яке аз унсурҳои таркибии одамкушӣ, дар бораи мавҷудияти он сухан гуфтан ғайриимкон аст. Одамкушӣ танҳо дар он ҳолат ба вуҷуд меояд, ки агар шахс бевосита ҳаёти шахси дигарро қатъ намояд.

2. Дар айни замон, дар КҶ ҶТ як қатор моддаҳое мавҷуданд, ки барои муносибати бераҳмона ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ менамоянд. Таркиби ҷинояте, ки ба м.109 КҶ ҶТ наздик аст, шиканҷа мебошад, ки дар м.143[1] КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст. Таҷрибаи ҳуқуқӣ тасдиқ менамояд, ки таъсири зараровари рӯҳии шиканҷаҳо бисёр вақт боиси худкушии ҷабрдида мегардад. Ҳамин тавр, агар шиканҷа боиси худкушӣ ё кӯшиши худкушии ҷабрдида гардад, кирдор бояд мувофиқи маҷмӯи м.м.109 ва 143[1] КҶ ҶТ бандубаст шавад.

3. Таркиби дигари ҷиноят, ки бо қ. 2 м. 109 КҶ ҶТ наздик аст, иҷро номатлуби ӯҳдадорӣ оид ба таъмини бехатарии ҳаёт ва саломатии кӯдак мебошад, ки бар асари муносибати беэҳтиётона ё бемасъулона анҷом шуда, боиси марги ноболиғ мегардад (қ.2 м.175 КҶ ҶТ).

Бо вуҷуди баъзе шабоҳатҳои тарафҳои объективӣ ва дигар нишонаҳо, иҷрои номатлуби вазифаҳо оид ба муҳофизати ҳаёт ва саломатии кӯдакон аз ҷиҳати шаклӣ аз ба худкушӣ расонидани ноболиғ фарқ мекунад. Аввалан, ин фарқият дар нишонаҳои тарафи объективӣ зоҳир мегардад. Дуюман, ин ҷиноятҳо аз рӯи доираи шахсоне фарқ мекунанд, ки метавонанд субъекти ҷиноят бошанд ва мувофиқан, аз рӯи намуди фаъолияте, ки онҳо мувофиқи моддаҳои номбурдаи КҶ ҶТ бояд амалӣ созанд, тафовут доранд.

Новобаста аз фарқияти шаклии таркибҳои ин ду ҷиноят, мушкилоти бархӯрди меъёрҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд меояд. Объективан кирдорҳое, ки дар қ.2 м.175 ва қ.2 м. 109 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, метавонанд воқеан тибқи ҳар кадом аз ин ду таркиб бандубаст шаванд. Ҷудосозии ин ду таркиб асосан аз тарафи субъективӣ имконпазир аст, яъне вобаста ба шакли гуноҳ ва мавҷуд будан ё набудани мақсади ба худкушӣ расонидани ҷабрдида тавассути фароҳам овардани шароитҳое, ки ҷабрдида худ ҳаёташро қатъ намояд. Гарчанде аз ҷиҳати назариявӣ ин имконпазир бошад ҳам, дар амал, муайян кардани чунин фарқият хеле душвор аст.

# ХУЛОСА

Ҳамин тавр, таҳқиқоти анҷомдодашуда имкон медиҳад, ки чунин хулосабарорӣ намоем:

1. Зери мафҳуми ба худкушӣ расонидан бояд ҳаракатҳои ғайриқонунии шахс фаҳмида шаванд, ки дар шакли таҳдидҳои мунтазам, истифодаи фишори равонӣ ё зӯроварӣ, пастзании такрории шаъну эътибори инсон, инчунин фароҳам овардани шароити аз ҷиҳати равонӣ вазнин ифода меёбанд. Ин гуна кирдорҳо ҷабрдидаро водор месозанд, ки қарорҳои огоҳона дар бораи маҳрум сохтани худ аз ҳаёт қабул намояд ё ба содир намудани кӯшиши чунин амал даст занад [4–М].

2. Пешниҳод гардидааст таърифи муаллифии худкушӣ ҳамчун навъи махсуси рафтори ғайриахлоқии шахсият, ки моҳияти он дар қатъи ихтиёрӣ ва огоҳонаи ҳаёти худ ифода меёбад. Ин кирдор аз ҷониби инсон зери таъсири омилҳои манфии равонӣ ё ҳолатҳои беруна, ки дар натиҷаи таъсири муҳити атроф ба вуҷуд омада, дар вайроншавии тавозуни эҳсосии дохилӣ, ҳолати равонӣ ва самтгириҳои ахлоқии шахс зоҳир мешаванд, содир мегардад [1–М].

3. Муаллиф объекти намудии ҷинояти пешбинишудаи моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятие муайян менамояд, ки ба ҳифзи ҳуқуқи инсон ба ҳаёт ва таъмин намудани амнияти ӯ аз кирдорҳои ғайриқонунӣ равона гардидаанд [2–М].

4. Асоснок карда мешавад, ки объекти бевоситаи ҷинояти пешбинишудаи моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд он муносибатҳои ҷамъиятӣ бошанд, ки ҳуқуқи субъективии шахсро ба ихтиёрдорӣ намудани озодона ва мустақилонаи ҳаёти худ, татбиқ ва ҳифзи он аз таъсироти беруна дар бар мегиранд. Ҳамзамон, ин ҷиноят дорои объекти иловагӣ низ мебошад. Ба сифати чунин объект шаъну эътибори инсон баромад мекунад, ки ба он таъсири манфии равонии шахси гунаҳгор равона гардида, ба ташаккули маҷмӯи ҳолатҳо ва сифатҳои манфии равонӣ дар ҷабрдида мусоидат менамояд. Ин ҳолатҳо дар ниҳоят ба хароб

гардидани шахсияти ҷабрдида дар сатҳҳои ахлоқӣ, иҷтимоӣ, равонӣ ва ҳатто сиёсӣ оварда мерасонанд.

5. Хусусияти хоси таркиби ҷинояти ба худкушӣ расонидан дар таҳрири Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961 дар он ифода меёфт, ки мавҷудияти мақоми махсуси ҷабрдида шарти ҳатмӣ ба ҳисоб мерафт. Ҳамзамон, чунин таркибҳои ҷиноятӣ, ба мисли моилсозӣ ба худкушӣ ё мусоидат дар содир намудани он нисбат ба ноболиғ ё шахси қобилияти амал надошта, ки дар Кодекси ҷиноятии соли 1935 пешбинӣ шуда буданд, дар Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961 мавҷуд набуданд [5–М]; [7–М].

6. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998, бо дарназардошти ҳам ҷиҳатҳои мусбат ва ҳам манфии кодексҳои қаблӣ, доироти криминализатсияи ба худкушӣ расониданро васеъ намуд. Ба ғайр аз чунин шаклҳои қаблан пешбинишудаи кирдори ҷиноятӣ, аз қабили муносибати бераҳмона ва пастзании мунтазами шаъну эътибори шахсияти ҷабрдида, қонунгузор аломати иловагии таркиби ҷиноят, яъне таҳдидро ворид кард. Ҳамин тариқ, номгӯйи усулҳои содир намудани ин ҷиноят васеъ гардида, имкон дод, ки гуногунрангии шаклҳои фишор ба ҷабрдида пурратар ба назар гирифта шуда, самаранокии танзими ҳуқуқӣ –ҷиноятӣ баланд бардошта шавад.

7. Бар хилофи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, кодексҳои ҷиноятии аксари давлатҳои пасошуравӣ чунин кирдорҳоро ҳамчун ҷиноят эътироф мекунанд: моилсозӣ ба худкушӣ (Россия, Қирғизистон, Беларус, Узбекистон, Туркманистон); инчунин сафедсозии оммавии худкушӣ (Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Молдова).

8. Тарафи субъективии ба худкушӣ расонидан дар аксари кодексҳои ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ таҳкими дақиқи қонунгузорӣ пайдо накардааст ва он ба таври мустақим мушаххас карда нашудааст. Истисно аз ин қоида Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон мебошад, ки дар он ба

тоаври равшан байни ба худкушӣ расонидани қасдона ва ба худкушӣ расонидан аз рӯи беэҳтиётӣ фарқ гузошта шуда, барои кирдори қасдона ҷавобгарии сахттар муқаррар гардидааст [6–М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

1. Бо назардошти таҷрибаи қонунгузории давлатҳои пасошуравӣ ба мақсад мувофиқ мебуд, агар номгуйи ҳолатҳои вазнинкунандаи ба худкушӣ расонидан васеъ карда шуда ба чунин сифат ҳолатҳои зерин муқаррар карда шаванд: баръало дар ҳолати оҷизӣ қарор доштани ҷабрдида, нисбати ду ё зиёда ҷабрдида, аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо созиши пешакӣ ё гурӯҳи ҷиноятӣ, тавассути истифодаи шабакаҳои телекоммуникатсия, аз ҷумла, шабакаи Интернет содир шудани ба худкушӣ расонидан.

2. Бо мақсади таҳкими қонунгузории номгӯйи пурра ва мукаммали намудҳои кирдорҳо, ки тавассути онҳо ба худкушӣ расонидан амалӣ мегардад, зарур шуморида мешавад такмили моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи васеъ намудани номгӯйи амалҳои манъшуда. Аз ҷумла, пешниҳод мегардад, ки ҳамчун шаклҳои мустақили содир намудани ин ҷиноят чунин кирдорҳо пешбинӣ карда шаванд: фишори равонӣ бо истифода аз таҳдидҳо, тӯҳмат, таҳқирҳои мунтазам, паҳн намудани маълумоти таҳқиромез нисбат ба шахсияти ҷабрдида, тарсондан, инчунин дигар шаклҳои таъсири равонӣ. Ҷорӣ намудани чунин муқаррарот имкон медиҳад, ки ҳифзи самараноки ҷабрдидагон аз ин гуна кирдорҳои ғайриқонунӣ таъмин гардида, таъсирнокии танзими ҳуқуқӣ –ҷиноятӣ дар самти пешгирии ба худкушӣ расонидан ба таври назаррас баланд бардошта шавад [3–М].

3. Муаллиф зарурати васеъ намудани қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон-ро бо роҳи ҷорӣ намудани меъёрҳои алоҳида, ки ҷавобгариро барои чунин кирдорҳо, ба мисли моилсозии шахс ба содир намудани худкушӣ, инчунин мусоидат дар анҷом додани он, пешбинӣ менамоянд, асоснок мекунад. Ин пешниҳод бо камбудиҳои ошкоргардида дар таҳрири амалкунандаи моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста буда, ҳадафи он тақвияти ҳифзи шаҳрвандон аз шаклҳои нави таъсири

ғайриқонунӣ ба ҳаёт ва саломатии онҳо мебошад, ки бо меъёри амалкунандаи «ба худкушӣ расонидан» пурра фаро гирифта намешаванд.

4. Бо мақсади ноил шудан ба ягонагӣ ва дақиқӣ дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ҳангоми бандубасти ҷинояти пешбинишудаи моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешниҳод мегардад қарори дахлдори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва қабул карда шавад. Дар он бояд тавсияҳо ва шарҳҳои возеҳ нисбат ба аломатҳои ҳуқуқӣ–ҷиноятии ин ҷиноят дода шаванд, аз ҷумла оид ба шаклҳои гуноҳ, муҳтавои усулҳои содир намудани ҷиноят, аломатҳои хоси ба худкушӣ расонидан, инчунин меъёрҳои фарқгузории он аз таркибҳои монандӣ муайян карда шаванд.

5. Ҳамчунин пешниҳод мегардад, ки моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо муқаррароти нав пурра карда шавад, ки ҷавобгариро барои ба худкушӣ расонидан тибқи қисми 1 ҳамин модда, агар он аз рӯи ангезаҳои ғаразнок содир шуда бошад, пешбинӣ намояд. Чунин кирдорҳо ҳамеша бо қасди бевосита анҷом дода мешаванд, зеро шахси гунаҳгор дарк менамояд, ки танҳо баъд аз марги ҷабрдида метавонад ба молу мулк, маблағҳои пулӣ, дигар неъматҳои моддӣ соҳиб шавад ё аз вобастагии моддӣ нисбат ба ҷабрдида раҳо гардад. Ҷорӣ намудани чунин меъёр ба муборизаи самараноктар бо ҷиноятҳои дорои ангезаҳои ғаразнок мусоидат хоҳад намуд.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)

## I. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва расмӣ:

[1]. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2013 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 137 с.

[2]. Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2030 аз 26-уми декабри соли 2024, №689 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https: //mmih.tj/Search/DocumentView?DocumentId=167331 (санаи муроҷиат: 07.02.2025).

[3]. Бюллетень Европейского Суда по правам человека. Российское издание. N 4/2002 [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: https://tinyurl.com/mserdbth (дата обращения: 12.03.2024).

[4]. Итальянский уголовный кодекс 1930 г. [Текст] / Пер. проф. М. М. Исаева. – Москва: Юридическое издательство НКЮ СССР, 1941. – 176 с.

[5]. Кассационное определение Верховного Суда РФ по делу № 1-006-39. 2006 г. Документ опубликован не был. Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: https://tinyurl.com/anvzvv5a. (дата обращения: 21.02.2024).

[6]. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе: «Сифат-Офсет», 2021. – 687 с.

[7]. Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 215 с.

[8]. Кодекси ҷиноятии Судан. Аз 31-уми январи соли 1991 қабул гардида, 20-уми феврали соли 1991 қувваи қонунӣ гирифтааст (бо забони арабӣ) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL:

https://www.wipo.int/wipolex/en/legislation/details/10737 (санаи мурочиат: 07.01.2024).

[9]. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24-уми декабри соли 2022, 1918 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://mmih.tj/SEARCH/DocumentView?DocumentId=143955 (санаи муроҷиат: 05.04.2025).

[10]. Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми майи соли 2017, №1413 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://mmih.tj/SE ARCH/D ocumentVie w?DocumentId=129517 (санаи муроҷиат: 05.09.2024).

[11]. Конвенция против пыток и других жестоких, бесчеловечных или унижающих достоинство видов обращения и наказания от 10 декабря 1984 г. [Текст] // Ведомости ВС СССР. 11 ноября 1987 г. № 45. Ст. 747.

[12]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17 декабри соли 2020, таҳти №1736 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://mmih.tj/SEARCH/DocumentView?DocumentId=20805 (санаи муроҷиат: 26.05.2024).

[13]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» аз 19-уми марти соли 2013, №954 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-пешгирии-зӯроварӣ-дар-оила (санаи муроҷиат: 19.05.2024).

[14]. Постановления Пленума Верховного Суда РФ от 29.10.2009 г. №20 «О некоторых вопросах судебной практики назначения и исполнения уголовного наказания» // Бюллетень Верховного суда РФ. – 2010. – № 1.

[15]. Примерный уголовный кодекс (США): Официальный проект Института американского права = Model penal code: The American Law Institute Proposed Official Draft [Текст] / Пер. с англ. А.С. Никифорова / Под ред. Б.С. Никифорова. – М.: «Прогресс», 1969. – 584 с.

[16]. Сборник документов по истории уголовного законодательство СССР и РСФСР 1917 – 1952 гг. [Текст] / Под ред. И.Т. Голикова. М.: Государственное издательство юридической литературы, 1953. – 464 с.

[17]. Собрание кодексов Узбекской ССР [Текст]. – 1-е изд. – Самарканд: Юрид. изд-во при Упр. дел. СНК УзССР, 1928. – 268 с.

[18]. Уголовный кодекс Азербайджанской Республики (утвержден Законом Азербайджанской Республики от 30 декабря 1999 года № 787-IQ) (с изменениями и дополнениями по состоянию на 22.12.2023 г.) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: https://tinyurl.com/bdd6meka (дата обращения: 15.01.2024).

[19]. Уголовный кодекс Аргентины [Текст] / науч. ред. Ю.В. Голик; пер. с испан. Л.Д. Ройзенгурт. – Санкт-Петербург: «Юридический центр Пресс», 2003. – 240 с.

[20]. Уголовный кодекс Голландии [Текст] / Науч. ред. Б.В. Волженкин; Пер. с англ. И.В. Мироновой. – 2-е изд. – Санкт-Петербург: «Юридический центр Пресс», 2001. – 509 с.

[21]. Уголовный кодекс Дании = The Danish Penal Code [Текст] / Науч. ред. С.С. Беляев; пер. с дат. и англ. С.С. Беляев, А.Н. Рычева. – Санкт-Петербург: «Юридический центр Пресс», 2001. – 228 с.

[22]. Уголовный кодекс Индии [Текст] / Перевод с английского; под ред. Б.С. Никифорова; пер. А.С. Михлина. – Москва: Изд-во иностранной литературы, 1958. – 240 с.

[23]. Уголовный кодекс Испании [Текст] / Под ред. Н.Ф. Кузнецовой и Ф.М. Решетникова; Пер. с исп. В.П. Зыряновой, Л.Г. Шнайдер. – Москва: «Зерцало», 1998. – 213 с.

[24]. Уголовный кодекс Литовской Республики [Текст] / Науч. ред. В.Й. Павилонис; предисл. Н.И. Мацнев; вступ. ст. В.Й. Павилонис, А. Абрамавичюс, А. Дракшене; пер. с литовского В.П. Казанскене. – Санкт-Петербург: «Юридический центр Пресс», 2003. – 470 с.

[25]. Уголовный кодекс Республики Азербайджан: закон от 30 декабря 1999 г. с изм. и доп. на 1 августа 2006 г. / Ассоц. «Юрид. центр». СПб.: «Юридический Центр Пресс», 2006. – С. 201.

[26]. Уголовный кодекс Республики Армения: Принят Законом Республики Армения от 18 апреля 2003 г. Введен в действие 1 августа 2003 г. [Текст]. – СПб.: «Юридический центр Пресс», 2004. – 278 с.

[27]. Уголовный кодекс Республики Беларусь от 9 июля 1999 года № 275-З (с изменениями и дополнениями по состоянию на 08.01.2024 г.) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: https://tinyurl.com/2jfz3yzy (дата обращения: 25.10.2024).

[28]. Уголовный кодекс Республики Болгария [Текст] / Перевод с болгарского / Науч. ред.: А.И. Лукашов (Пер.), Д.В. Милушев (Пер.); Вступ. ст.: Й.И. Айдаров. – СПб.: «Юрид. центр Пресс», 2001. – 298 с.

[29]. Уголовный кодекс Республики Казахстан от 3 июля 2014 года № 226-V ЗРК. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: https://adilet.zan.kz/rus/docs/K1400000226 (дата обращения: 06.01.2024).

[30]. Уголовный кодекс Республики Кыргызстан от 28 октября 2021 года, №127 [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: https://cbd.minjust.gov.kg/3-38/edition/2087/ru (дата обращения: 23.09.2024).

[31]. Уголовный кодекс Республики Молдова от 18 апреля 2002 года № 985-XV (с изменениями и дополнениями по состоянию на 10.07.2025 г.) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: https://continent-online.com/Document/?doc_id=30394923 (дата обращения: 25.07.2025).

[32]. Уголовный кодекс Республики Польша [Текст] / Науч. ред. А.И. Лукашова, Н.Ф. Кузнецова; перевод с польского Д.А. Барилович; вступ. статья А.И. Лукашова и Э. А. Саркисовой. – Санкт-Петербург: «Юридический центр Пресс», 2001. – 232 с.

[33]. Уголовный кодекс Республики Сан-Марино. Перевод с итальянского [Текст] / Науч. ред. и вступ. ст.: С.В. Максимов – СПб.: «Юридический центр Пресс», 2002. – 253 с.

[34]. Уголовный кодекс Республики Сербия: принят в 1977 г. с изменениями и дополнениями [Текст] / науч. ред. и предисл. Ю. А. Кашубы; пер. с англ. С. Карибова; Ассоциация «Юридический центр». – Санкт-Петербург: «Юридический центр Пресс», 2009. – 320 с.

[35]. Уголовный кодекс Республики Узбекистан от 22 сентября 1994 года № 2012-XII [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: https://www.lex.uz/acts/111457 (дата обращения: 24.08.2024).

[36]. Уголовный кодекс Российской Федерации от 13 июня 1996 года № 63-ФЗ [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: https://base.garant.ru/10108000/ (дата обращения: 24.08.2024).

[37]. Уголовный кодекс Туркменистана от 12 июня 1997 года № 222-I [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: https://tinyurl.com/2j2jh2hr (дата обращения: 21.02.2024).

[38]. Уголовный кодекс Филиппин // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.xhanrobIes.com/revisedp152 (дата обращения: 12.03.2024).

[39]. Устав (Конституция) Всемирной Организации Здравоохранения (Нью-Йорк, 22 июля 1946 г.). [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: https: // apps. who. int/gb /bd/ pdf/ bd47/ ru/constit ution-ru.pdf?utm_source=chatgpt.com. (дата обращения: 24.01.2025).

[40]. Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон (дар сесияи сеюми Ассамблеяи Генералии СММ бо Қатъномаи 217 А (111) аз 10 декабри соли 1948 қабул шудааст) // Маҷмӯи санадҳои асосии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон [Матн]. – Душанбе, 2016. – С.6.

[41]. Código Penal (Decreto-lei nº 2.848, de 7 de dezembro de 1940) (Кодекси ҷиноятии Бразилия) [Recurso eletrônico]. – Modo de acesso: URL: https://tinyurl.com/ycxdfzd9 (data de acesso: 15.01.2024).

[42]. Código Penal Colombiano (Ley N° 599 de 24 de julio de 2000) (Кодекси ҷиноятии Колумбия) [Recurso electrónico]. – Acceso: URL: https://tinyurl.com/2s3tyctp (fecha de consulta: 21.01.2024).

[43]. Código Penal de la República de Chile (Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Чили) [Recurso electrónico]. – Acceso: URL: https://tinyurl.com/mwxc485d (fecha de consulta: 23.01.2025).

[44]. Código Penal de Uruguay (Кодекси ҷиноятии Уругвай) [Recurso electrónico]. – Acceso: URL: https://tinyurl.com/3ajetdar (fecha de consulta: 23.01.2025).

[45]. Código Penal de Venezuela (Кодекси ҷиноятии Венесуэла) [Recurso electrónico]. – Acceso: URL: https://tinyurl.com/498ezdtx (fecha de consulta: 23.01.2025).

[46]. Crimes Decree 2009 (Fiji) (Decree No. 44 of 2009) (Кодекси ҷиноятии Фидҷӣ) [Electronic Resource]. Available at: URL: https://tinyurl.com/25sm24zh (accessed: 16.12.2024).

[47]. Criminal Code of Bosnia and Herzegovina [Electronic Resource]. Available at: URL: https://tinyurl.com/y6y23pdr (accessed: 17.12.2024).

[48]. Criminal Code of Canada [Electronic Resource]. Available at: URL: https://www.wipo.int/wipolex/ru/legislation/details/23299 (accessed: 22.09.2025).

[49]. Criminal Code of Macedonia [Electronic Resource]. Available at: URL: https://www.wipo.int/wipolex/en/legislation/details/10645 (accessed: 22.09.2025).

[50]. Criminal Code of Malta [Electronic Resource]. Available at: URL: https://www.wipo.int/wipolex/en/legislation/details/7735 (accessed: 23.09.2025).

[51]. Criminal Code of Nigeri [Electronic Resource]. Available at: URL: https://www.wipo.int/wipolex/en/legislation/details/5591 (accessed: 23.09.2025).

[52]. Ecuador Penal Code (COIP) [Electronic Resource]. Available at: URL: https://tinyurl.com/525cta27 (accessed: 16.12.2024).

[53]. New York Penal Law [Electronic Resource]. Available at: URL:https://tinyurl.com/3tu49hs9 (accessed: 16.12.2024).

[54]. Paraguayan Criminal Code [Electronic Resource]. Available at: URL: https://tinyurl.com/58p6bpbb (accessed: 21.09.2025).

[55]. Penal Code of Cuba [Electronic Resource]. Available at: URL: https://www.wipo.int/wipolex/en/text/586229?utm_source=chatgpt.com (accessed: 14.02.2023).

[56]. Penal Code of Tunisia [Electronic Resource]. Available at: URL: https://tinyurl.com/a9zr6spa (accessed: 17.12.2024).

[57]. Peruvian Criminal Code [Electronic Resource]. Available at: URL: https://tinyurl.com/2erc8naa (accessed: 21.09.2025).

[58]. Romanian Criminal Code (Codul penal al României) [Electronic Resource]. Available at: URL: https://tinyurl.com/bdb7923z (accessed: 14.02.2023).

[59]. Swiss Criminal Code of December 21, 1937 (Status as of March 3, 2020) [Electronic Resource]. Available at: URL: https://tinyurl.com/mryv3dzy (accessed: 15.12.2024).

[60]. The Swedish Criminal Code [Electronic Resource]. Available at: URL: https://tinyurl.com/yhvy23rv (accessed: 15.12.2024).

### II. Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ:

[61]. Абдурашидзода, А.А., Назаров, У.С. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ) Курси лексияҳо: воситаи таълимӣ барои курсантон ва шунавандагони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ихтисоси 240120 «Ҳуқуқшинос» [Матн] / А.А. Абдурашидзода, У.С. Назаров. – Душанбе: «ЭР-граф», 2017. – 350 с.

[62]. Авакян, Р.З. Доведение до самоубийства как уголовно наказуемое деяние [Текст] / Р.З. Авакян. – Ереван: Изд-во АН АрмССР, 1971. – 131 с.

[63]. Али-заде, А.А. Исламский энциклопедический словарь [Текст] / А.А. Али-заде. – М.: Ансар, 2007. – 400 с.

[64]. Анисимов, А.Л. Честь, достоинство, деловая репутация: гражданско-правовая защита [Текст] / А.Л. Анисимов. – М.: «Юристъ», 1994. – 80 с.

[65]. Анощенкова, С.В. Уголовно-правовое учение о потерпевшем [Текст] / С.В. Анощенкова / Под ред. Н.А. Лопашенко. – М.: «Волтерс Клувер (Wolters Kluwer)», 2006. – 233 с.

[66]. Беккария, Ч.О преступлениях и наказаниях [Текст] / Ч. Беккария. – М.: «Юридическое издательство НКЮ СССР», 1939. – 464 с.

[67]. Беляев, Н.А. Уголовно-правовая политика и пути ее реализации [Текст] / Н.А. Беляев. – Л.: Издательство Ленинградского университета, 1986. – 176 с.

[68]. Бобоҷонов, И.Ҳ. Масоили мубрами бандубасти ҷиноятҳо (дар назария ва амалия) [Матн]: Васоити таълимию амалӣ. Дар се қисм. Қисми 2 / И.Ҳ. Бобоҷонов. – Душанбе: «Ямини Содиқ», 2014. – 255 с.

[69]. Большой юридический словарь. 3-е изд., доп. и перераб [Текст] / Под ред. проф. А.Я. Сухарева. – М.: «ИНФРА-М», 2006. – 858 с.

[70]. Борзенков, Г.Н. Квалификация преступлений против жизни и здоровья [Текст]: Учебно-практическое пособие / Г.Н. Борзенков. – М.: «Зерцало-М», 2005. – 144 с.

[71]. Борзенков, Г.Н., Верин, В.П., Волженкин, Б.В. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации (постатейный) [Текст] / Г.Н. Борзенков, В.П. Верин, Б.В. Волженкин и др.; отв. ред. В.М. Лебедев. – 7-е изд., перераб. и доп. – М.: Юрайт-Издат, 2007. – 931 с.

[72]. Бородин, С.В. Преступления против жизни [Текст] / С.В. Бородин. – М.: «Юристъ», 1999. – 356 с.

[73]. Бородин, С.В. Преступления против жизни [Текст] / С.В. Бородин. – СПб.: Издательство «Юридический центр», 2003. – 467 с.

[74]. Верин, В.П., Зателепин, О.К., Зубарев, С.М. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации (постатейный) [Текст] / В.П.

Верин, О.К. Зателепин, С.М. Зубарев и др.; отв. ред. В.И. Радченко, науч. ред. А.С. Михлин, В.А. Казакова. – 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Проспект, 2008. – 704 с.

[75]. Ветров, Н.И. Уголовное право. Общая часть [Текст]: Учебник для вузов / Н.И. Ветров. – М.: «ЮНИТИ-ДАНА», 2000. – 415 с.

[76]. Волков, Б.С. Мотив и квалификация преступления [Текст] / Б.С. Волков. – Казань: Издательство Казанского университета, 1968. – 166 с.

[77]. Волков, Б.С. Проблема воли и уголовная ответственность [Текст] / Б.С. Волков. – Казань: Издательство Казанского университета, 1965 – 136 с;

[78]. Ворошилин, В.В., Кригер Г.А. Субъективная сторона преступления. Учебное пособие [Текст] / В.В. Ворошилин, Г.А. Кригер. – М.: Изд-во МГУ, 1987. – 76 с.

[79]. Гаухман, Л.Д. Квалификация преступленний: закон, теория, практика. 2-еизд., перераб. и дополн. –М.: АО «Центр ЮрИнфор», 2003. – С.72-73.

[80]. Гаухман, Л.Д. Квалификация преступлений: закон, теория, практика [Текст] / Л.Д. Гаухман. – М.: АО «Центр ЮрИнфоР», 2010. – 559 с.

[81]. Ғаффорӣ, Н.А., Ҳусейнзода, С.Ҳ. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. (Қисми умумӣ). Мафҳумҳо дар нақшаҳо [Матн] / Н.А. Ғаффорӣ, С.Ҳ. Ҳусейнзода. – Душанбе: «ЭР-граф», 2016. – 142 с.

[82]. Гегель, Г.В.Ф. Философия права [Текст] / Г.В.Ф. Гегель. – М.: Мысль, 1990. – 524 с.

[83]. Гонтарь, И.Я. Преступление и состав преступления как явления и понятия в уголовном праве [Текст] / И.Я. Гонтарь. – Владивосток: Изд-во Дальневосточный университет, 1997. – 193 с.

[84]. Громов, А.П. Курс лекций по судебной медицине [Текст] / А.П. Громов. – М.: Медицина, 1970. – 312 с.

[85]. Дагель, П.С., Котов Д.П. Субъективная сторона преступления и ее установление [Текст] / П.С. Дагель, Д.П. Котов. – Воронеж: Изд-во Воронежский университет, 1974. – 243 с.

[86]. Демидов, Ю.А. Социальная ценность и оценка в уголовном праве [Текст] / Ю.А. Демидов. – Москва: Юридическая литература, 1975. – 184 с.

[87]. Дюркгейм, Э. Самоубийство. Социологический этюд [Текст] / Э. Дюркгейм. – СПб.: «Союз», 1998. – 496 с.

[88]. Есаков, Г.А., Рарог А.И., Чучаев А.И. Настольная книга судьи по уголовным делам [Текст] / Г.А.Есаков, А.И. Рарог, А.И. Чучаев / Отв. ред.: А.И. Рарог. – М.: «Проспект», 2007. – 576 с.

[89]. Журавлев, М.П., Никулин С.И. Российское уголовное право. Особенная часть [Текст] / М.П. Журавлев, С.И.Никулин. – М., 1988. – 487 с.

[90]. Журавлев, М.П., Никулин С.И. Уголовное право России. Особенная часть [Текст]: учебник / М.П. Журавлев, С.И. Никулин / Под ред. М.П. Журавлева и С.И. Никулина. – 2-е изд., перераб. и доп. – М.: ИТК «Дашков и К», 2007. – 696 с.

[91]. Загородников, Н.И. Преступления против жизни по советскому уголовному праву [Текст] / Н.И. Загородников. – М.: Государственное издательство юридической литературы, 1961. – 278 с.

[92]. Загородников, Н.И. Преступления против здоровья [Текст] / Н.И. Загородников. – М.: «Юридическая литература», 1969. – 168 с.

[93]. Злобин, Г.А. Основания уголовно-правового запрета (криминализация и декриминализация) [Текст] / Г.А. Злобин / Отв. ред. В.Н. Кудрявцев, А.М. Яковлев. – М.: «Наука», 1982. – 303 с.

[94]. Злобин, Г.А., Никифоров, Б.С. Умысел и его формы [Текст] / Г.А. Злобин, Б.С. Никифоров. – М.: «Юридическая литература», 1972. – 264 с.

